ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК:159.9. 019

ББК: 87. 3 (2)

А-62

Бо ҳуқуқи дастнавис

АМИРБЕКОВА ИҚЛИМА ҶАБОРОВНА

ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ДАР БОРАИ ЗАН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Худойдодзода Ф.Б.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……3

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ДАР БОРАИ ЗАН

1.1. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар афкори динӣ-фалсафии Эрони бостон……..……..15

1.2. Таҳаввули тасаввурот дар бораи моҳияти зан дар фалсафаи Юнони Қадим.....53

1.3. Таъсири ислом ба фалсафаи машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан.....68

БОБИ II. МАҚОМИ ЗАН ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

2.1. Хусусияти инсонмеҳваронаи таълимоти Абӯнасри Форобӣ дар бораи зан ва мақоми он дар ҷомеа …….....85

2.2. Вазифаҳои иҷтимоии зан дар фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ …….....98

2.3. Таъсири таълимоти машшоиёни шарқӣ дар бораи зан ба ташаккули муносибатҳои гендерӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик.....117

ХУЛОСА…….....130

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.....136

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Шумораи занон дар ҷаҳон ҳадди ақал нисфи шумораи умумии аҳолии рӯйи заминро ташкил медиҳад. Ҳарчанд зан дар ҳар давру замон ва дар ҳар кишвари ҷаҳон корҳои мушкилтарин ва барои ҳаёти ҷомеа муҳимтаринро иҷро намояд ҳам, аммо дар тамоми тӯли таърихи гузаштаи башарият ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нисбат ба мард хеле тангу маҳдуд буд. Танҳо дар замони муосир дар партави инқилобҳои фарҳангӣ ва густариши ғояи озодӣ ва барбарҳуқуқии инсон новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ, ҳаракати феминистӣ сурат гирифт ва зан барои тарвиҷу таҳкими мақому нақшҳо ва ҳуқуқу озодиҳои фардию иҷтимоии худ, балки ба таври расмӣ ва воқеӣ тасдиқу татбиқ шудани баробарҳуқуқии худ бо мард садо баланд кард ва ба мубориза бархост. Дар пайомади ин равандҳо дар тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳои миллии ҷаҳон дидгоҳҳо нисбат ба зан дигаргуниҳои куллӣ ва назаррас ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии дидгоҳҳои анъанавию муосир дар бораи нақшу мақоми иҷтимоии зан барои шинохти амиқи мазмун ва моҳияти ин дидгоҳҳо, ҳамоҳангӣ ё таззоди байни онҳо ва нақши онҳо дар сарнавишти имрӯзаву ояндаи занон хеле мубраму муҳим мебошад.

Дар фалсафа ва умуман, афкори ҷамъиятии аҳди бостон ва асримиёнагии тоҷик, мисли ҳамаи мафкураҳои дигари бостониву асримиёнагии фалсафӣ, як навъ тасаввуроти мардсолорӣ (андросентрӣ) ва занситезӣ ҳукмрон буданд, ки тибқи онҳо мард нисбат ба зан аз лиҳози ақлу шуур, қувва ва қобилиятҳои ақлию маърифатӣ бартарӣ дошта, занҳо бояд зери фармону назорати мард бошанд. Ин гуна тасаввурот ҳамчун усули бунёдӣ асоси назарияҳои гендерии бештари намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагии тоҷикро ташкил медодаанд. Анъанаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳеҷ гоҳ натавонистааст аз дуализм ва таззоди миёни эҳсосоти зан ва ақлонияти мард – ду мабдаи мустазоди маърифатӣ озод шавад. Ин дуализмро паси сар накардани фалсафаи асримиёнагии тоҷик

дар пайдоиши фаҳмишҳо ва низомҳои фарҳангиву фалсафии минбаъдаи тарғибкунандаи нобаробарии марду зан таъсири шадиде расонидааст. Тибқи назарияе, ки дар матни фалсафаи асримёнагии тоҷик тарҳрезӣ шудааст, тафовути табиии марду зан бевосита тамоми тафовутҳои дигари онҳо: вуҷудӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғайраро муайян мекунад.

Тоҷикистон давлати демократӣ буда, низоми сиёсии он бо принсипи дунявият асос ёфтааст. Вале бо вуҷуди ин, дар бисёр маврид ҷомеаи муосири тоҷик таҳти таъсири меъёру муқаррароти динӣ-одатӣ қарор мегирад. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқони афкори динӣ-фалсафии асримиёнагии тоҷик маҳз волоияти меъёрҳои шариати исломӣ ва, дар маҷмӯъ, таълимоти Қуръон ва Суннат, ки манбаъҳои асосии тафаккури фалсафӣ-ирфонӣ ба шумор мераванд, тасаввуроти гендерӣ дар фарҳанги миллии тоҷик хусусияти мардсолорӣ ва занситезӣ ба худ касб намудааст. Мусаллам аст, ки чунин тасаввуроти пастзананда ва маҳдудкунандаи нақшу мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан танҳо хоси ҷаҳони исломӣ набуда, балки дар мафкураи ҷамъиятии тамоми ҷомеаҳо дар даврони қадим ва асримиёнагӣ ҳукмрон буданд. Масалан, дар осори Арасту, ки мабдаи асосии мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва ғ.) мебошад, зан ҳамчун мавҷуди дувумдараҷа ва «модда», ҳамчун мавод барои «шакл» - мабдаи мардона, ки бояд моддаи касифро ҷон бахшад, муаррифӣ шудааст.

Бинобар ин, таҳлили муқоисавии таълимоти динӣ-фалсафии даврони қадиму асримиёнагӣ оид ба мақому нақши иҷтимоии зан, дар муайян намудани омилҳои идеологию фарҳангии таъсиргузор ба мақом ва нақши зан дар ҷомеаҳои даврони қадиму асримиёнагӣ мусоидат карда, дар ошкору бартараф кардани тасаввуроти ифротӣ ва аз ҳақиқат дури гузашта, инчунин, дар шинохти дурусту одилонаи мақому нақши занону духтарон дар ҷомеа ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои онҳо хеле муҳим мебошад.

Илова бар ин, таҳлили муқоисавии мақому нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дар афкори динӣ-фалсафии даврони қадим ва асримиёнагӣ барои дуруст муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ғоявие, ки дар даврони қадиму асримиёнагӣ боиси маҳдуд ва танг шудани мақоми иҷтимоӣ ва доираи ҳуқуқу озодиҳои зан гардидаанд, дар бартараф ё пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан, ҳамзамон, барои рушду вусъат пайдо кардани доираи ширкату фаъолияти занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва беҳбуд бахшидан ба вазъи иҷтимоию ҳуқуқии занон мусоидат мекунад.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ. Роҷеъ ба мақом ва нақши иҷтимоии зан дар Эрон ва Тӯрони Қадим дар Авесто маълумоти фаровон вуҷуд дошта, барои муҳаққиқон дар таҳлилу баррасии вазъи занон дар даврони қадим ҳамчун сарчашмаи муҳимми таърихӣ хизмат мекунад. Аз ҷумла, дар ду асри охир асарҳои зиёде дар робита ба Авесто, фарҳангу тамаддуни зардуштӣ ва мавзӯоти ба ин марбут аз ҷониби Э. Бенвенист[1], Е. Ҳертсфелд[2], А. Кристенсен[3], М. Муин[4], Мери Бойс[5], В. В. Струве[6], Р. Фрай[7], Х. Дюмезил[8], А. О. Маковелский[9], А. Г. Периханян[10], А. К. Рзаев[11], И. С. Брагинский[12], М. Ҳумон[13] ва А. Ризоӣ[14] таҳқиқ гаштаанд, ки барои шиносоӣ бо фарҳангу суннатҳои даврони бостонии мардумони

---

[1] Бенвенист. Дини эронӣ. Табрез, 1350. –175 с.
[2] Ҳертсфелд Е. Зардушт ва ҷаҳони ӯ (Zoroasterandhizworld). Принстон, 1947. Ҷ.1. – 140 с.
[3] Кристенсен А. Каёниён. Теҳрон, 1331. –450 с.
[4] Муин М. Маздоясно ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1363. Ҷ.1. –484 с. Ҷ.2. – 521 с.
[5] Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. М.: Наука, 1987. –301 с.
[6] Струве В.В. Религия персов и надпись Ксеркса о «Дэвах» // Этюды по истории Северного Причемнеморья, Кавказа и Средней Азии. Л., 1968. –С.115–146.
[7] Фрай Р. Наследие Центральной Азии. Душанбе, 2000. –292 с.
[8] Дюмезил Х. Верховные боги индоевропейцев. М., 1986. –234 с.
[9] Маковелский А.О. Авеста– памятник древней религии народов Ближнего и Среднего Востока // Ежегодник Музея истории религии и атеизма. М., 1962. Т. 6. –С. 361–377.
[10] Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983. –383 с.
[11] Рзаев А.К. Этюды из истории политико–правовых учений. Баку: Азгосиздат, 1986. –176 с.
[12] Брагинский И.С. От Авесты до Айни. Душанбе: Ирфон, 1981. –256 с.; Брагинский И.С. Древнеиранская литература// История всемирной литературы. М.: Наука, 1983. Т.!. –584 с.
[13] Ҳумон М. Таърихи Бостони Эрон. Теҳрон, 1379. –135 с.
[14] Ризоӣ А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Теҳрон, 1373. Х.1. –345 с.

ориёитабори Эрону Осиёи Миёна аз арзишу аҳамияти баланд бархӯрдор мебошанд.

Яке аз асарҳои хеле муҳим ва бо мавзӯи мо алоқаманд китоби А.Г. Периханян «Ҷомеа ва ҳуқуқи Эрон дар даврони Паҳлавиҳо ва Сосониён»[15] мебошад, ки дар он дар бораи як силсила қавоиду муқаррароти ҳуқуқии ин ду империяи бузурги эрониён маълумот медиҳад. Аз олимони эронӣ Алиакбари Мазоҳирӣ доир ба ҳуқуқи оилавии эрониёни қадим китоби ҷолиберо бо номи «Хонаводаи Эрон дар рӯзгори пеш аз ислом»[16] таълиф намудааст. Доир ба таълимоти зардуштӣ дар баъзе асарҳои антологӣ (тазкиравӣ) ва китобҳои дарсии замони шӯравӣ, аз ҷумла, дар асари А. А. Вигасин «Хрестоматияи таърихи Шарқи Қадим»[17] ба таври хеле мухтасар маълумот дода шудааст. Дар асари дигари коллективона бо номи «Хрестоматияи таърихи Шарқи Қадим»[18] тарҷумаи баъзе пораҳои Авесто ва ҳуҷҷатҳои давраи Ҳахоманишиҳо оварда шудаанд.

Дар таҳқиқи фарҳанги зардуштӣ донишмандони тоҷик низ саҳми назаррас гузоштаанд. Мукаммалтарин таҳқиқоти илмие, ки дар он ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, уҳдадорӣ ва мақому нақши хонаводагию иҷтимоии зан дар Эрон ва Тӯрони Қадим ба таври муфассал баррасӣ шудаанд, асари Холиқзода А. Ғ. «Низоми ҳуқуқи зардуштӣ»[19] мебошад. Дар ин асар таълимоти ҳуқуқии дини зардуштӣ дар заминаи таҳқиқу таҳлили муқоисавии Авесто ва осори дигари зардуштӣ ба таври ҳаматарафа таҳқиқ ва тасниф шудааст. Аз асарҳои олимони муосири тоҷик, ки бо мавзӯи рисолаи таҳқиқотии мо иртибот доранд, асарҳои Ю. Ёқубов[20], Д.

---

[15] Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983.

[16] Мазоҳирӣ Алиакбар. Хонаводаи эронӣ дар рӯзгори пеш аз ислом// Аз фаронсавӣ ба форсӣ тарҷумаи Абдуллоҳ Таваккул. Техрон: Қатра, 1373. –216 с.

[17] Вигасин А.А. Хрестоматия по истории Древнего Востока. М.1997. –М. 1997. – С. 262 – 268.

[18] Хрестоматия по истории Древнего Востока / Под. ред. М.А.Коростевцева, И.С.Кациельцона, В.И.Кузищина. М., 1980. –С. 17–73.

[19] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. –С.151-251.

[20] Якубов Ю. Религии древнего Согда. Душанбе: Дониш, 1996; Якубов Ю. К проблеме времени и места рождения Заратуштрым // Авеста в истории культуры Центральной Азии. Душанбе, 2001. –С.23–48; Якубов Ю. К проблеме Турана // Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. Душанбе,2003. С.67–91; Якубов Ю. Брачные обычаи таджиков в Согде. Душанбе: Сурушан, 2002 ва ғ.

С. Саймиддинов [21], Ф. Т. Тоҳиров (дар ҳамқаламӣ бо Холиқзода А.Ғ.)[22], Х.Х.Мӯъминҷонов[23], Ю.Нуралиев[24], Холиқзода А. Ғ.[25], И. Б. Буриев[26], М. Маҳмудзода[27], А. Н. Маҳмадов[28] ва дигар китобу мақолаҳои илмиро[29] метавон қайд кард.

Вале дар робита ба мақому нақши зан дар андешаҳои фалсафӣ-динии донишмандони даврони қадиму асримиёнагӣ, хусусан омӯзиши андешаҳои намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ҳанӯз таҳқиқоти бунёдӣ-монографӣ анҷом нашудааст. Аз ин рӯ, рисолаи илмии мо нахустин пажӯҳиши муфассали илмӣ (диссертатсионӣ) дар ин самт мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ. Ҳадафи асосии кори таҳқиқотӣ – таҳлили таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан ва ошкор кардани мақом ва нақши иҷтимоии зан дар афкори динӣ-фалсафии андешамандони аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик мебошад.

Дар мутобиқат бо ҳадафи асосӣ, дар рисола як қатор масоили

---

[21] Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ/ Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ Душанбе, 2003.

[22] Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Декларация великого Кира как исторический источник оправах и свободах человека // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Сб.ст. Душанбе, 2002. –С.115–131.Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Шариат: правовая регламентация брачно–семейных и наследственных отношений. Душанбе: Дониш, 2001 ва ғ.

[23] Муминджанов Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе: Нодир, 2000, Муъминзода Ҳ. Зардушт ва оини ӯ. Душанбе: Нашриёти ДДМТ, 1997.

[24] Нуралиев Ю. Медицина и экология в Авете // Авеста в истории культуры Центральной Азии. Душанбе, 2001.

[25] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. Душанбе: «Эр–грф, 2013; Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права. Душанбе: Шарқиозод, 1998; Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право). Душанбе: «Сарбоз», 2003; Халиков А.Г. Поблемы развития правовой системы в современном Тажикистане (историзм и исламский фактор: позитивные и негативные моменты) // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Душанбе, 2002. Вып. 5. =–С. 6–76 ва ғ.

[26] Буриев И.Б. Падидаҳои ҳуқуқи ҷиноӣ дар таълимоти Зардушт // Замимаи маҷаллаи «Фирӯза». 2003.№ 2. –С. 22–24.

[27] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқи ва давлати демократӣ. Душанбе: «Эр–граф», 2017.

[28] Маҳмадов А. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳлили давлатдории миллӣ. Душанбе, 2016.

[29] Таърихи динҳо. Душанбе/ Муҳаррири масъул: доктори илмҳои фалсафа, профессор А.А.Шамолов. Душанбе: Нашриёти «Дониш», 2014; Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017; Тафаккури миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангию иҷтимоӣ. Душанбе: Балоғат, 2017 ва ғ.

мушаххас ва бо ҳам алоқаманд таҳлил ва баррасӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

- таъйини сарчашмиаҳои ғоявии таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан;

- тавсифи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар осори хаттии дини зардуштӣ;

- шиносоӣ бо таълимоти Афлотун ва Арасту оид ба ҷойгоҳ ва нақши зан дар ҷомеа;

- шиносоӣ бо таълимоти Қуръону Суннат ва таълимоти мазҳаби ҳанафӣ дар бораи зан;

- таҳлили андешаҳои намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ) дар бораи зан ва мақому нақши ӯ дар ҷомеа;

Объекти таҳқиқот: омӯзиши таълимоти динӣ ва фалсафии бостонӣ ва асримиёнагӣ оид ба зан.

Предмети таҳқиқотро таҳлили мақом ва нақши иҷтимоии зан дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ташкил медиҳад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро фаҳмиши диалектикии падидаҳои ҳаёти маънавӣ, корбурди усулҳои илмӣ–таърихнигории таҳқиқи падидаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Зимни таҳқиқи мавзӯъ аз асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, инчунин аз рӯзномаву маҷаллаҳо, дигар васоити ахбори омма, ки дар онҳо маводи бо масоили мавриди баҳси рисола алоқаманд вуҷуд дорад, ба ҳайси сарчашма истифода бурда шудааст.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро осори фалсафии оини зардуштӣ, таълифоти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ, аз қабили Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ ташкил медиҳад. Инчунин, дар пажӯҳиш аз таҳқиқоти донишмандони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзӯъ, аз қабили таҳқиқоти Э. Бенвенист, Е. Ҳертсфелд, А. Кристенсен, М. Муин, Мери Бойс, В. В. Струве, Р. Фрай, Х. Дюмезил, А. О. Маковелский, А. Г.

Периханян, А. К. Рзаев, И. С. Брагинский, М. Ҳумон ва А. Ризоӣ ва дигарон такя намудаем.

Ҳамзамон, дар таҳқиқу таълифи мавзӯи кори диссертатсионӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун муҳимтарин дастури назариявию идеологӣ моро роҳнамоӣ кардаанд[30].

Мавриди зикр аст, ки дар замони Истиқлолият ба ҷанбаҳои гуногуни таълимоти зардуштӣ олимони диншинос, фарҳангшиносон, файласуфон ва муаррихонро ҳар чи бештар таваҷҷуҳ намуда, дар бораи меъёрҳои ахлоқи зардуштӣ, таълимоти эстетикӣ, тибби зардуштӣ ва масоили дигаре, ки дар Авесто шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, асарҳои ҷолиби илмӣ ба табъ расидаанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ оид ба дини зардуштӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар онҳо дар бораи таълимоти дини зардуштӣ оид ҳуқуқу вазифаҳо, мақом ва нақши иҷтимоии зан, ки яке аз масъалаҳои асосии мавзӯи рисолаи таҳқиқотии мо мебошад, хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Дар муқоиса бо таълимоти зардуштӣ, адабиёти илмӣ доир ба мақому нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу вазифаҳои зан дар Қуръону Суннат ва афкори динӣ-фалсафии исломӣ хеле фаровон мебошад. Вале дар ин бахш низ танҳо ҷанбаҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, динӣ ва эстетикии таълимоти исломӣ оид ба зан ва мақому нақши иҷтимоии ӯ баррасӣ шуда, ҷанбаи ҳуқуқӣ ва фалсафӣ-иҷтимоии он то як андоза норавшан боқӣ мондааст.

Хулоса, бо таъкиди арзишу аҳамияти баланди илмиву амалии асару мақолаҳои дар ин самт таълифшуда бояд қоил шуд, ки то имрӯз ягон таҳқиқоти мукаммал ҷиҳати ҳаматарафа баррасӣ кардани мавзӯи интихобнамудаи мо анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, ба боварӣ метавон гуфт, ки рисолаи илмии мазкур иқдом ва кӯшишест, ки ба таҳқиқи таърихӣ-фалсафӣ ва диншиносии ин мавзӯъ бахшида шудааст.

---

[30] Эмомалӣ Раҳмон. Дин ва ҷомеа. Душанбе, 2013; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум: Аз ориёиҳо то Сомониён (бо забони русӣ); Рахмонов Э.Ш. Родина Заратуштры и явления пророка // Зороастризм и его значение в развитии цивилизаций народов Ближнего и Среднего Востока. Душанбе, 2003 ва ғ.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Рисола аввалин таҳқиқоти фарогире мебошад, ки ба таҳлили маҷмӯавии мақому нақши зан дар таълимоти машшоияи шарқӣ бахшида шудааст. Таҳлилҳо ва истифодаи маводу сарчашмаҳои таърихӣ ва навин, ки дар ин кори илмӣ оварда шудаанд, имкон доданд, ки масъалаҳои зикргардида мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гиранд ва зимни он нуктаҳои зерин ошкору равшан гарданд:

- собит карда шуд, ки дидгоҳҳои мусбату манфӣ ва таълимоти мардсолориву занситезӣ танҳо хоси мардуми мусулмон ва ислом набуда, балки падидаи умумифарҳангие мебошад, ки решаҳои хеле қадимаи фарҳангӣ дошта, дар мафкураи ҷамъиятии ҳамаи халқу миллатҳо ва дину оинҳои башарӣ, чи дар даврони қадим ва чи дар асрҳои миёна, ҳукмфармо будааст;

- бори аввал аз тариқи таҳлили муқоисавии таълимоти динҳо ва андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ оид ба зан, кӯшиш карда шудааст, ки омилҳои аслӣ ва воқеии маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ ба таври дақиқ ва асоснок нишон дода шавад;

- муайян карда шуд, ки таълимоти дини ислом ба таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ оид ба мақоми иҷтимоии зан таъсир расонидааст;

- муайян карда шуд, ки намояндагони машҳури мактаби машшоияи шарқӣ Форобӣ, Ибни Сино ва Насриддини Тӯсӣ дар рисолаҳои ахлоқӣ ва умуман ҳикмати амалии худ ба равобити миёни зану мард ва фарзандон таваҷҷуҳ намуда, андеша ва нуқтаи назари худро оид ба ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ хеле равшан баён кардааанд. Аз мазмуни андешаҳои онҳо дар бораи ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ маълум мегардад, ки таълимоти ахлоқӣ ва умуман, ҳикмати амалии онҳо қисман аз таълимоти исломӣ ва қисман аз таълимоти Арасту маншаъ гирифтаанд;

- ошкор карда шуд, ки ҳамаи мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик, новобаста аз гуногунии усулҳо ва равишҳои таҳқиқӣ, моҷароҳо ва ихтилофҳои ғоявии худ, дидгоҳҳои мусбату манфии худро нисбат ба зан, ки мисли як анъанаи фарҳангӣ дар сарчашмаҳои ғоявии ҳар кадоми ин мактабҳо вуҷуд доштанд, ба таври фаҳмиши худ инъикос намуда, шарҳу тавзеҳ додаанд.

Нуктаҳои асосӣ, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:

1. Ҳар як насли инсонӣ барои ҳалли масъалаҳои ҷомеаи муосири худ аз таҷрибаи иҷтимоии наслҳои гузашта истифода менамояд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷойгоҳ ва арсаи асосии фаъолияти аксарияти занони тоҷик оила буда, нақши онҳо низ ифои ҳамон нақши суннатии модарӣ, ҳамсарӣ, фарзандтавлидкунӣ ва парваришу тарбияи фарзанд мебошад. Занон дар баробари нақши калидӣ доштан дар пешрафти ҷомеа боз идомати бақои башариятро ба уҳда доранд. Ҳамин аст, ки уҳдадориҳои асосии муосири зан аз уҳдадориҳои таърихии ӯ кам тафовут дорад. Дар ҳоле ки дидгоҳҳои имрӯзӣ дар мавриди мақому манзалати зан дар ҷомеа аз дидгоҳҳои гузашта тафовути куллӣ дорад.

2. Барои баҳои воқеӣ ва мунсифона додан ба ҷойгоҳи зан дар ин ё он дин ё ҷомеаи миллӣ-динӣ таҳлили муқоисавии таълимоти динҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ зарур мебошад. Истифодаи чунин усули таҳқиқи масъала барои ҳосил кардани тасаввуроти дурусту воқеъбинона дар бораи моҳияти прогрессивӣ ё баръакс ифротӣ доштани таълимоти ҳар як дин ё мактаби динӣ-фалсафӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла, дар бораи хусусият ва моҳияти таълимоти дини ислом дар бораи зан ва ҷойгоҳу нақши ӯ дар ҷомеаи мо танҳо дар сурате баҳои воқеъбинона ва мантиқан дуруст дода метавонем, ки агар он бо таълимоти динҳои дигар муқоиса карда шавад.

3. Дар бораи ҷойгоҳи зан дар ҷомеи зардуштии Эрон ва Осиёи Миёна дар даврони тоисломӣ аз Авесто ва дигар сарчашмаҳои динӣ-таърихӣ тасаввурот ҳосил кардан мумкин аст. Аз ҷумла, аз мазмуни таълимоти зардуштӣ дар бораи издивоҷ ҳамчун як омили муҳимми

рушди ҷомеаи маздопарастон (зардуштиён), зарурати бастани шартномаи никоҳ, риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ аз ҷониби ҳамсарон, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон ва ғайра чунин хулосаи мантиқӣ ҳосил мешавад, ки занон дар ҷомеи бостонии зардуштиён дар муқоиса бо вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷомеаҳои дигари он замон, масалан назар ба ҷомеаҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ мақоми нисбатан шоистаи иҷтимоӣ ва вазъи нисбатан беҳтари ҳуқуқӣ доштанд.

4. Дар таҳаввули мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик оид ба зан дар асрҳои миёна нақши таълимоти Қуръону Суннат, инчунин, таълимоти Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ва фақеҳони бузурги мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин фарҳанги тоисломии тоҷикон ҳамчун омили асосӣ таъсири бузург гузоштаанд. Нақш ва таъсири ин омилро алалхусус, дар андешаҳои намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва тариқатҳои тасаввуф ба таври равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ, бо вуҷуди дар масоили фалсафаи назарӣ ва баъзе мабҳасҳои фалсафаи амалӣ пайрави Арасту будан, дар масоили оилавӣ, муносибати байни ҳамсарон, мақом ва нақши зан дар оила ва ҷомеа бештар ба манобеи исломӣ такя кардаанд.

5. Дар афкори динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа ду навъ дидгоҳ вуҷуд дорад: мусбат ва манфӣ. Тибқи дидгоҳи мусбат, зан ҳамчун модар, ҳамсар, тавлидкунанда ва мураббию парваришгари фарзанд мавриди эҳтирому ситоиш қарор дорад. Ин дидгоҳ аз ҳама бештар аз сарчашмаҳои зардуштӣ ва исломӣ маншаъ гирифта, густариш пайдо кардаанд. Тибқи дидгоҳи манфӣ зан як мавҷуди ноқисулақл ва эҳсосотие мебошад, ки ҳам аз лиҳози қувваи ҷисмонӣ, ҳам аз лиҳози қобилияти ақлонӣ ба мард баробар нашуда, ба роҳбарию назорати мард муҳтоҷ аст. Ин дидгоҳи мардсолорӣ ва занситезӣ бештар дар сарчашмаҳои динҳои яҳудию насронӣ ва афкори Арасту ба назар мерасад.

6. Дар андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ оид ба зан навъе раванд ё сайри таназзулии андешаи мактаби машшоияи шарқӣ дар бораи мақом ва нақши зан мушоҳида мешавад. Дар андешаи Форобӣ ғояи баробарии байни зан ва мард дар иҷрои нақшҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ ифода ёфтааст, вале дар андешаи Насируддини Тӯсӣ нақшҳои хонаводагӣ ва иҷтимоии зан ва мард баробар нестанд, балки зан ҳамеша дар зери фармони мард аст ва ҳама кору вазифаҳояшро дар ҳудуди хона ва бо иҷозату ризоияти шавҳар ба анҷом мерасонад. Андешаи Ибни Сино, ки ҳалқаи воситаи байни ин ду аст, як навъ омезиши андешаи фалсафӣ ва динӣ, ҳикмат ва диёнатро инъикос мекунад.

7. Нигоҳи Форобӣ ба зан бештар инсонгароёна, фазилатмеҳвар ва фориғ аз ҷинсият мебошад. Форобӣ ҷойгоҳ ва нақшу вазифаҳои мард ва занро на бар асоси ҷинсият, балки бар асоси фазилат ва бартарии ахлоқӣ таъриф мекунад. Дар муқоиса бо Форобӣ андешаҳои Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ аз манобеи динӣ таъсири бештар гирифтаанд, дар ҳоле ки андешаҳои Ибни Сино нисбат ба андешаҳои Насируддини Тӯсӣ бо таълимоти исломӣ ҳамоҳангӣ ва қаробати бештар доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар коркарду ироаи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, чопи мақолаҳои илмӣ, баромади маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, тарзи навишт ва масъалагузорӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта аз арзиши муайяни илмӣ ва амалӣ бархӯрдор буда, барои таҳсили маълумоти қонеъкунанда дар бораи ҷойгоҳ ва нақшҳои иҷтимоии занон дар гузашта ва имрӯз, шинохти дақиқи омилҳои ғоявию иҷтимоии маҳдудкунандаи ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ, зимнан дарки моҳияти прогрессивона ва

башардӯстонаи таълимоти исломӣ дар бораи мақом ва нақши калидии занон дар тавлиду тарбия ва парвариши насли инсонӣ мусоидат мекунад.

Дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро метавон ба сифати мавод дар раванди таълими таърихи ҳуқуқ ва давлат, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, ҷомеашиносӣ, курсҳои махсус оид ба таърихи фарҳанги тоҷикон, инчунин, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию соҳавии кормандони мақомоти давлатии масъули корҳои занон ва оила ва дар такмил ва таҷдиди заминаҳои ҳуқуқии рушду такомули мақом ва нақшҳои иҷтимоии занон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 3 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба нашр расидаанд ва дар семинарҳои илмӣ-амалии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ ВА ИҶТИМОИИ ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ДАР БОРАИ ЗАН

1.1. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар афкори динӣ-фалсафии Эрони Бостон

Масъалаи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар афкори фалсафии халқи тоҷик дар замонҳои қадим ва асримиёна яке аз масъалаҳои печида ва баҳсталаб ба шумор меравад. Дар радифи масъалаҳои мубрами фалсафаи муосири халқи тоҷик таҳқиқ намудани тасаввуроти анъанавии марбут ба нақши зан ва омилҳои назариявию фарҳангии пайдоиши он аз бисёр ҷиҳат муҳим мебошад. Бо вуҷуди нақши бузурги занон дар таърихи башарият, на дар ҳама давра иззату эҳтироми зан ба дараҷаи зарурӣ пазируфта шуда, мақому манзалати ӯ низ на он қадар устувор будааст. Дар бисёр маврид занро ҳамчун воситаи хушҳолӣ ва хушгузаронӣ медонистанд.

Маъмулан, аксарияти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ зимни таъйини камбудиҳое, ки дар ҷомеаи мо ва умуман дар ҷомеаи башарӣ нисбат ба ҳуқуқи зан, чи дар гузашта ва чи имрӯз, вуҷуд доштааст, онҳоро ба хусусияту моҳияти падаршоҳӣ доштани таълимоти ҳамаи мафкураҳои дар гузашта дар ҷомеаи башарӣ ҳукмрони динию фалсафӣ вобаста мекунанд. Тибқи ин нуқтаи назар, маҳз дин сабаби асосии зери тобеияти мард гардонидани зан ва поймолу маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои онҳо шуморида мешавад. Чунончи тибқи қонуну аҳкоми динӣ зан ҳаққи интихоби шавҳар, ҳаққи таҳсил, ҳаққи кор надошта, ҷойгоҳи ӯ дар корҳои хонаводагӣ ва умуман дар зиндагӣ маҳдуд карда шудааст. Дар натиҷаи чунин тарзи фаҳмишу тафсири моҳияти таълимоти динӣ хулоса карда мешавад, ки сабаби мавҷуд будани хушунат дар оила, таҳдиду лату кӯби зан, талоқҳои бесабаб ва аз ҷониби падарон манъ кардани таҳсили духтарони ба балоғатрасида ва дар умум сабаби зуҳури ҳама гуна муносибатҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои зан ва нақшу мақоми иҷтимоии ӯо дин, яъне тарзи дар гузашта ҳукмрони ҷаҳонбинӣ мебошад. Дар воқеъ, на танҳо дар кишварҳои исломӣ ва Шарқ, балки дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла дар ҷомеаи насронии Ғарб низ то нимаҳои

асри XX қадру манзалат, мақом ва нақши зан нисбат ба мард хеле паст буд ва зан инсони дувумдараҷа маҳсуб мешуд. Ҳатто имрӯз дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон зан мисли асрҳои гузашта қисми бештари умри худро маҷбуран дар муҳити хонаводагӣ аз сар мегузаронад ва наметавонад дар ҳаёти ҷомеа фаъолона ширкат намояд.

Масъалаи мақому нақши зан дар осори динӣ-фалсафии гузашта бознигарӣ ва таҳқиқи муҷаддаду беғаразонаи илмӣ-муқоисавиро тақозо менамояд. Таҳқиқи ин масъала барои дарки омилҳо ва сабабҳои воқеии вазъи сахти ҳуқуқию иҷтимоии занон дар даврони қадим ва асримиёнагӣ, зимнан, барои шинохти дурусти омилҳои эҳёкунандаи ва таҳкимбахшандаи мақому манзалати баланди занон дар замони муосир заминаи мусоиди илмиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, рисолаи таҳқиқотии мазкур ба таҳлили мақом ва шахсияти зан дар афкори динӣ ва фалсафии даврони қадим ва асримиёнагии тоҷик ва муқоисаи онҳо бо ҷойгоҳи зан дар таълимоти динҳо ва мактабҳои дигари фалсафии даврони қадим, ки дар ташаккули аксарияти ақоиди мардсолорию занситезӣ дар таърихи афкори динӣ ва фалсафию ҷамъиятии халқи тоҷик ва миллатҳои дигари мусулмон таъсири амиқ расонидаанд, бахшида мешавад.

Дар чаҳорчӯби як таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври пурра равшанӣ андохтан ба ин масъалаҳо имкон надорад. Бинобар ин, дар рисолаи мазкур, асосан, таълимоти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ дар бораи зан ва сарчашмаҳои ғоявии он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода мешаванд.

Таълимоти машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан аз сарчашмаҳои гуногун маншаъ гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо, ба андешаи мо, инҳо ба шумор мераванд:

1. Афкори динӣ-фалсафии эрониёни қадима (мифологияи Эрони Бостон, таълимоти зардуштия, монавия, маздакия);

2. Фалсафаи Юнони Қадим;

3. Таълимоти исломӣ.

Воқеан, ҷиҳати ошноӣ ёфтан бо таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан, моҳият, мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дар таълимоти сарчашмаҳои ғоявии мактабҳои мазкурро таҳқиқ кардан зарур мебошад.

Маълумоти имрӯзаи диншиносон дар бораи эътиқод ва анъанаҳои динии тоисломии қавмҳои эронинажод қабл аз зуҳури Зардушт, дини зардуштия ва динҳои баъд аз он ба сарчашмаҳои динҳои ҳинду ориёӣ: Ведҳо, Авесто, катибаҳо ва тарҷумаҳо ва тафсирҳои паҳлавии Авесто, Бундаҳишн, Дотастони диник, Гузидаҳои «Зодаспарам», Ривоятҳои паҳлавӣ, Менухирад, Ардавирнома, Динкард, Баҳман Яшт, Хайоткори Зомоспик, Пандномаи Зардушт, «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва шоҳномаҳои манзуму мансури пеш аз ӯ, ки ба Масъуди Марвазӣ, Абумуайяди Балхӣ, Абумансур ва Дақиқӣ тааллуқ доштанд, инчунин, ба баъзе катибаҳои мазҳабию таърихие, ки тоза кашф гардидаанд, ҳамчунин, ба маълумоти муаррихону мутафаккирони юнониву румӣ: Ҳеродот, Ксенофан, Фукидид, Плутарх ва Жустин ва бозёфтҳои бостоншиносон асос ёфтаанд.

Сарчашмаи дину оинҳои мардуми бумии Осиёи Марказӣ ва Эрон дар он давраи бостонӣ умумияти ҳиндуаврупоӣ дошта, олимон дар истилоҳоти онҳо вожаҳои ҳамрешаи зиёдеро пайдо кардаанд, ки вахдату хешовандии тамаддуну дин ва оинҳои ориёниҳои ҳиндӣ, эронию аврупоиро дар ҳолати ибтидоияшон нишон медиҳад. Дар ин давра худоёни мавриди эътиқоди халқҳои ҳинду ориёӣ ба ду даста ҷудо мешуданд: дайва (ҳинду. қад. дева) ва асура (авест-аҳура; ҳинд.қад. асура). Дар он замон имкон доштааст, ки як қабила ҳам ба дайва ва ҳам ба асура эътиқод дошта бошад, ё якеро парастаду ба дигаре хусумат варзад. Ии андешаро бостоншиноси маъруфи тоҷик Ю.Яъқубов дар монографияи худ “Динҳои Суғди бостон” бо далелҳои муътамади илмӣ исбот намудааст. Аз ҷумла дар шаҳраки Афросиёб ва баъзе дигар ёдгориҳои таърихии ба давраи тоисломӣ ва бостон дахлдошта, ки дар ҳудуди вилояти Суғд кашф гардидаанд, ҳайкалчаҳои гуногуне ёфт

шудаанд, ки баъзеи онҳо ифодагари қувваҳои некӣ (аҳурамаздоӣ) ва бархе таҷассуми қувваҳои бадӣ (аҳриманӣ) мебошанд[31].

Мутобиқи маълумоти Авесто ва дигар осори хаттии дини зардуштӣ, занон ва мардон баробарҳуқуқ буда, байни онҳо фарқияте вуҷуд надоштааст. Ин таълимот дар рушди мақому шахсияти зан дар Эрони Бостон асари инкорнопазир доштааст. Дар дини зардуштӣ ҳар шахсе, ки аз фазилатҳои хираду ростӣ ва некӣ бархӯрдор буд, новобаста аз мард ё зан будан, сазовори ҳурмату эҳтиром шуморида мешуд.

Бино ба ақидаи зардуштӣ, дар оғози офариниш бо хости Аҳурамаздо дар меҳррӯзи Меҳрмоҳ ду хӯшаи ревос (ревоҷ, чукрӣ) ба ҳам печида аз замин сар баровардaнд. Сипас ин ду хӯша оҳиста-оҳиста аз сурати гиёҳӣ ба сурати ду инсон даромаданд, ки дар қомату сурат шабеҳи ҳам буданд: яке музаккар (нарина) бо номи Мошиё ва дигаре муаннас (модина) бо номи Мошиёна. Дар китоби Бундаҳиш, боби 15 гуфта шудааст: «Онгоҳ Аҳурамаздо равонро, ки пеш аз пайкар офарида буд, дар колбади Мошиё ва Мошиёна бидамид ва онон зинда гаштанд. Пас, ба онон гуфт: «Шумо падар ва модари мардуми ҷаҳон ҳастед! Шуморо поку комил биофаридам. Ҳар ду андеша ва гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед ва девонро парастиш макунед!». Пас, Мошиё ва Мошиёна аз ҷои худ ба ҳаракат омаданд ва худро шустушӯ карданд ва нахустин сухане, ки бар забон ронданд, ин буд: «Аҳурамаздо ягона аст. Ӯ офаринандаи моҳу хуршед, ситорагон, осмон, обу хок ва гиёҳону ҷондорон аст». Аз ин ривоят метавон натиҷа гирифт, ки дар таълимоти дини маздоясноӣ, ки ақоиди зардуштиён аз он маншаъ гирифтааст, зану мард ҳар ду аз як реша маншаъ гирифта, бо ҳам аз замин сар бармедоранд ва яксон рушд мекунанд ва Аҳурамаздо бо онҳо яксон ва бо як забон сухан меронад ва як дастур барояшон муқаррар менамояд. Он ду пас аз иқрор ба ягонагии Аҳурамаздо нахустин сухане, ки ба забон меронанд, ин аст: «Ҳар яке аз мо бояд хушнудӣ ва дилгармӣ ва муҳаббат

[31] Ниг.: Якубов Ю. Религия Древнего Согда. Душанбе: «Дониш», 1996. –С. 75-80.

ва дӯстии дигареро фароҳам кунад». Аз ин гуфтор бармеояд, ки дар дини зардуштӣ ҳеҷ як аз зан ва мардро бар якдигар бартарӣ ва имтиёз нест ва он ду аз назари офаринишу хилқат яксон ва баробаранд. Шахсияти зан на танҳо дар оғози ҷаҳон, балки дар поёни ҷаҳон низ бо мард ҳамвазну баробар аст.

Бино ба эътиқоди динии зардуштиён, ҳангоме ки Сушиёнат – мавъуди наҷотбахши охирзамон, аз шарқи Эрон ва ҳаволии дарёчаи Ҳомун зуҳур мекунад, аз ҳар гӯшаи Эрон покону диндорон бо ӯ мепайванданд. Теъдоди онон 30000 нафар аст, ки ниме аз он мард ва ними дигар зан хоҳад буд. Бузургии мақоми занро дар дини зардуштӣ бо ин нукта низ метавон собит намуд, ки аз шаш амшоспанд (фариштаи муқарраб)-и зардуштӣ се амшоспанд замири музаккар ва се амшоспанд замири муаннас доранд[32]. Амшоспандони мард Баҳман (фариштаи ақл), Урдубиҳишт (фариштаи назму ростӣ ва сомони зиндагӣ) ва Шаҳривар (фариштаи хештандорӣ ва таҳзибу камолоти равонӣ) мебошанд. Се амшоспанди дигар, ки замири занона доранд, инҳоянд: Исфанд (фариштаи меҳру муҳаббат ва ишқу боварӣ), Хурдод (фариштаи камолу расоӣ ва шодиву хуррамӣ) ва Амрдод (фариштаи ҷовидонагӣ ва бемаргӣ). Ҳамчунин, чанде аз фариштагони дигари дини зардуштӣ, ки нисбат ба амшоспандон мартабаи поинтар доранд, замири муаннас доранд. Масалан, пас аз даргузашти инсон, дар сапедадами субҳи чорум дар сари Пули Чинвот се фаришта – Меҳр ва Суруш ва Рашн аз равони даргузашта дар бораи аъмол ва корҳои ӯ пурсиш мекунанд. Меҳру Суруш фариштагони музаккар ва Рашн фариштаи муаннас мебошанд. Ҳамчунин, Дино, ки фариштаи виҷдону дин асту бо Рашн ҳамкорӣ дорад ва Чиста (фариштаи донишу хирад) низ фариштаи муаннас мебошанд. Дар Авесто Зардушт аз Чиста борҳо кумак талабидааст. Дигар аз фариштагони муаннси зардуштӣ Ашӣ (фариштаи диҳиш, бахшоиш, хайру сахо ва осоиш) мебошад ва Зардушт дар Готҳо ӯро чунин ситоиш

[32] Дар мутуни осори зардуштӣ замирҳо-ҷонишинҳоба ҷинсияти марҷаъ ишора мекунанд. Бо ин равиш метавон аз чигунагии ҷинсияти амшаспанд огоҳ гашт.

кардааст: «Ҷаҳон аз ӯ роҳу расми худопарастӣ гирифт ва Аҳриман роҳи ҳазимат гузид».

Дар Эрони Бостон анъанаи издивоҷ ва занушавҳариро танҳо ба хотири қонеъ сохтани майлу талаботи ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва шаҳвонӣ анҷом намедоданд, балки ин амал ба як ҳадафи бисёр олӣ ва аз лиҳози арзишу аҳамияти иҷтимоӣ хеле зарур нигаронида шуда буд. Яъне, амали мазкур барои фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати осоишу фароғати рӯҳиву маънавии инсон, танзими амалии «муносибатҳои истеҳсолии ҷинсӣ» ҷиҳати тавлиди насли ҷадиди идомадиҳандаи ҳаёт ва фаъолият дар ҷодаи муборизаи некӣ бо бадӣ, таъмини ғалабаи ниҳоии некӣ бар бадӣ ва дигар ҳадафҳоро думбола мекард, ки ҳамаи онҳо аз таълимоти ҳастишиносӣ, худошиносӣ, инсоншиносӣ ва ахлоқии дини зардуштӣ маншаъ мегирифтанд.

Дини зардуштӣ пайравони худро ҳамвора ба касби олитарин мадориҷи камолоти рӯҳонӣ ва ахлоқӣ, тазкияи қалб, софу пок сохтани нафс аз разилатҳову падидаҳои бадӣ ва ба ширкати фаъолона дар таъмини ҳаёти неку одилона таблиғу ҳидоят менамуд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ҳадаф аз таблиғи издивоҷ дар дини зардуштӣ – мушорикат дар наҳзати бузурги рӯҳи башарист, ки дар ҳамаи динҳои тавҳидӣ ба инсоният тавсия дода шудааст. Аз ин рӯ, издивоҷ тибқи мазмуни таълимоти қадимтарин ва асилтарин қисматҳои Авесто як амали хеле муқаддасу қобили ситоиш буда, аз ҳар гуна таҳқир, табъиз ва нобаробарии тарафҳои издивоҷкунанда дур мебошад.

Ба қавли донишманди маъруфи олмонӣ Вилям Гейгер (1856-1943), яке аз далелҳои тасдиккунандаи мақоми баланди ҳуқуқии зан ва баробарии ӯ бо мард дар дини зардуштӣ ин аст, ки мард пас аз издивоҷ бо зан ва ташкили оила лақаби «нуманпатӣ» (кадхудои хона) мегирифт, зан низ пас аз издивоҷ соҳиби лақаби «нумонупатӣ» (кадбонуи хона) мешуд. Ба қавли ин донишманд, зан пас аз издивоҷ дар радифи шавҳар қарор мегирифт, на дар радифи амвол ва ё аз тобеону зердастони мард. Зан каниз ё бардаи мард набуд, балки ҳамсару ҳамрозу ҳамроҳи мард

буд, дар ҳама ҳуқуқ бо мард баробар ва дар ҳама корҳо бо ӯ шарик ба шумор мерафт[33].

Эроншиноси маъруфи аврупоӣ, муҳаққиқи таърих ва адабиёти давраи қадим ва асримиёнагии Эрон Артур Кристенсен (1875-1945) низ муносибату муомилаи неку эҳтиромии байниҳамдигарии марду занро дар Эрони бостон таъкид намуда, менависад: «Рафтори мардон нисбат ба занон дар Эрони Бостон ҳамроҳ бо назокат буд. Зан, чи дар зиндагии хусусӣ ва чи дар зиндагии иҷтимоӣ, аз озодии комил бархӯрдор буд. Дар мавриди озодӣ дар издивоҷ ҳеҷ чизе мустанадтар аз рафтори худи Зардушт нисбат ба духтари кучакаш Пуручаспа набуд. Зардушт ба духтари кучакаш Пуручаспа мефармояд: «Пуручаспа! Ман Ҷомоспро, ки марди донишманде аст, барои ҳамсарии ту баргузидам. Ту бо хиради муқаддаси худ машварат кун ва бубин, ки оё ӯро лоиқи ҳамсарии худ медонӣ ё не?»[34]. Илова бар ин, дар банди 5 Готҳо Зардушт ба ҳамаи ҷавондухтарону ҷавонписарон хитоб карда мегӯяд: Эй духтарони шавҳаркунанда ва эй домодон! Инак шуморо меомӯзам ва огоҳ мекунам. Пандамро ба хотир биспоред ва баробари андарзам рафтор кунед, то ба зиндагии хушу саодатманд ноил гардед. Ҳар яки шумо бояд дар паймудани роҳи занушавҳарӣ ва меҳрварзӣ ва покӣ ва некӣ бар дигаре сабқат ҷӯед. Зеро танҳо ба ин васила метавон ба як зиндагии саросар шодӣ расид!

Умуман, дар готҳо ё панду андарзҳои Зардушт, тавре ки мебинем, ҳам мардон ва ҳам занони порсо, ба таври яксон ва баробар мавриди хитоб қарор гирифтаанд. Пас аз марг низ ба равон ва фаруҳари[35] онҳо яксон дуруд фиристода мешавад. Дар Яштҳо омадааст: «Фаруҳари ҳамаи мардон ва занони некро меситоям!». Дар фасли 38 Ясно омадааст: «Эй Аҳурамаздо! Занони ин сарзаминро меситоям, занонеро, ки аз оини

---

[33] Ниг.: Geiger W. Civilisation of the Eastern Iranians in Ancient Times: With an Introduction on the Avesta Religion. Translated from germany by Darab Dastur Peshotan Sanjana. Kessinger Publishing, LLC2, 2010. - 312 pp.

[34] Ниг.: Кристенсен Артур. Эрон дар замони Сосониён. Мутархим: Рашид Ёсимӣ. Техрон, 1385. - 464 саҳ.

[35] Фаруҳар – рӯҳи шахси фавтида, ки тибқи ақоиди дини зардуштӣ ва умуман ҳамаи динҳои худопарастӣ, пас аз марг аз колбади тан мераҳад ва зинда боқӣ мемонад.

ростӣ ва некӣ бархӯрдоранд»[36]. Дар Фарвардин-яшт, ки калонтарин ва дарозтарин яшти Авесто мебошад, бар фаруҳари мардон ва занони неки ҷаҳон яксон дуруд фиристода шудааст[37].

Ҳамин тариқ, тибқи ривояти сарчашмаҳои дини зардуштӣ, занон дар ҷомеаи зардуштӣ дар оғози пайдоиши ин дин ва ҳатто дар замони салтанати Ҳахоманашиён аз бештарин ҳуқуқу озодиҳо бархӯрдор буданд ва ин давраҳо дурахшонтарин даврони таърихӣ аз лиҳози хушбахтӣ ва саодатмандӣ барои занони эронӣ маҳсуб мешуд. Як нуктаи дигари бисёр ҳам ҷолиб ва хоси анъанаҳои қадимаи давлатдории мардуми Аҷам ин аст, ки на танҳо мардҳо, балки занҳо низ аз ҳуқуқи сарвари давлат ва ҳокимият шудан бархӯрдор буданд. Ҳарчанд дар Авесто дар ин бора чизи дақиқе гуфта нашуда бошад ҳам, вале манобеи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудудҳои Эрону Тӯрони Бостон дар замони қадим занҳо низ борҳо зимоми шоҳигариро ба дасти худ гирифтаанд. Масалан. Баҳман, фарзанди Исфандиёр ва набераи шоҳи каёнӣ Гуштосп ҳанӯз дар замони дар қайди ҳаёт будан зимоми ҳокимиятро пурра ба дасти духтараш Ҳумойбону таҳвил карда буд. Дар сарзамини бостонии Тӯрон (имрӯза Осиёи Марказӣ) бошад, мувофиқи маълумоти ривоёт ва манобеи таърихӣ, замоне қабоили саккоиҳо ва массагетҳоро занҳо – маликаҳо Заринабону ва Томирис сарварӣ мекарданд.

Аз ҷумлаи чунин заноне, ки дар он даврон зистаанд ва дар сарчашмаҳо аз онҳо ёдоварӣ кардаанд, Мондоно - модари Куруши Кабир мебошад, ки худи Куруши Кабир дар сангнавиштаҳояш аз ӯ борҳо ба некӣ ва ифтихор ёд кардааст. Инчунин дар сарчашмаҳои таърихӣ аз Атусо, Пантиё, Рухшона, Артамиз ном занони эронӣ ёд шудааст, ки ин худ аз ширкати фаъолона ва ҳамаҷонибаи занон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Эрони Бостон гувоҳӣ медиҳад.

---

[36] Ниг.: Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дустхоҳ. Душанбе: “Қонуният”, 2001.
[37] Ниг.: Авасто. Ясно, Готҳо, Яштҳо, Виспарад, Хурда Авасто.Тарҷума ва таҳқиқи Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 1984.

Илова бар ин, аз ҳафриёту кашфиёти бостоншиносие, ки дар харобаҳои Тахти Ҷамшед ба амал омадааст, лавҳаҳое ба даст оварда шудаанд, ки тибқи маълумоти онҳо дар сохтмони Тахти Ҷамшед шумораи зиёде аз занон дар баробари мардон мушорикат дошта, онҳо аз ҳуқуқу неъматҳои моддӣ (мисли нону шароб ва ғ.) баробари мардон баҳраманд будаанд. Ин лавҳаҳо ҳоло дар осорхонаҳои гуногуни ҷаҳон маҳфуз мебошанд.

Пас аз заволи империяи Ҳахоманишиён вазъи иҷтимоии занони эронӣ тағйир ёфта, рӯ ба таназзул ниҳод, вале дар замони Сосониён бо эҳёи дини зардуштӣ нақши мубадони зардуштӣ дар идораи низоми ҳокимияти давлатӣ аз нав пурзӯр гардид. Дар натиҷа, занони эронӣ дар партави таълимоти дини зардуштӣ аз нав ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои худро то ҳадде ноил шуданд.

Ба қавли эроншиноси маъруфи фаронсавӣ Ҷеймс Дармстеттер (1849-1894), асри Сосонӣ на танҳо аз лиҳози таърихи Эрон, балки аз лиҳози таърихи ҷаҳонӣ мавриди аҳамият аст. Чунончи «Корномаи Ардашери Бобакон» гувоҳӣ медиҳад, шахсияти зан аз оғози ба сари қудрат омадани Сосониён муҳтарам шуморида мешуд. Ҳеҷ кас, ҳатто подшоҳ наметавонист бо майлу хоҳиши худ занеро мавриди озор қарор диҳад.[38]

Тавре аз лавҳаҳо, аснод ва мадорики ин даврон бармеояд, зан дар даврони Сосониён аз мавқеияти хосе бархӯрдор будааст. Масалан, модари Шопури II наздики бист сол, яъне пеш аз зодани Шопур то ба балоғат расидани ӯ, умури мамлакатро дар машварат бо мубадон идора мекард. Озарбодмеҳри Исфанд дар насиҳатномаи худ ба писараш чунин панд медиҳад: «Агар туро фарзанде бошад, хоҳ писар, хоҳ духтар, ӯро ба дабистон бифирист, то бо фурӯғи хирад ва дониш ороста гардад ва неку зиндагӣ кунад».

[38] Ниг.: Дармстеттер Ҷ. Вандидод (маҷмуаи қавонини зардуштӣ). Мутарҷим: Мусо Ҷавон. Теҳрон, 1384. -375 саҳ.

Шарқшиноси маъруфи олмонӣ Кристиан Баротолемей (1855-1925), ки муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи Сосониён» мебошад, зимни таҳқиқи ин мавзӯъ чунин натиҷа гирифтааст, ки дар он замон духтар дар интихоби ҳамсар озод буд ва маҷбур набуд, то мардеро, ки падараш барои ӯ дар назар гирифтааст, ба ҳамсарӣ қабул кунад. Падар низ ҳақ надошт, ки ӯро аз мерос маҳрум кунад ва ё танбеҳи дигареро барои ӯ раво дорад[39].

Яке аз сарчашмаҳои муҳимму нодире, ки роҷеъ ба вазъи ҳуқуқию иҷтимоии занон дар замони Сосониён маълумот медиҳад, «Мотикони ҳазор додистон» мебошад. Китоби мазкур аз тарафи як қозии зардуштӣ бо номи Фаррухмарди Баҳромон дар замони Хусрави Парвиз ва дар шаҳри Гӯр (Фирӯзободи ҳозира) навишта шудааст. Муаллифи ин китоб худ дар дарбори шоҳаншоҳи сосонӣ соҳиби мансаби қазоӣ буд, ҳукмҳо ва фатвоҳои аз ҷониби додгоҳҳои Эрони сосонӣ дар асрҳои сеюм то ҳафтуми милодӣ содиршударо аз бойгонии додгоҳи шаҳри Гӯр ҷамъоварӣ намуда, онҳоро фишурдаву кӯтоҳ карда, дар китоби мазкур гирд овардааст. Як қисми умдаи фатвоҳои дар ин китоб гирдоваришуда ба масоили издивоҷу оиладорӣ ва ҳуқуқу вазифаҳои зан марбут мебошанд ва аз мазмуни онҳо дар бораи вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии занон дар он даврон маълумоти муфидеро ҳосил кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар бандҳои сеюм ва чоруми фасли 19 китоби мазкур чунин фатво дода шудааст, ки тибқи он духтаронро бидуни ризояти худашон ба издивоҷи марде даровардан манъ буд. Ё ин ки дар банди 29 фасли 28 ҳамин китоб гуфта шудааст: «Духтарон ва писарон пас аз издивоҷ дар пардохти қарзҳо ва дайнҳои падару модари марҳуми худ саҳим ва шариканд».[40]

Аз ин фатво истинбот мегардад, ки духтарон на танҳо дар ҳуқуқ, балки дар масъулияту уҳдадориҳо низ дар баробари писарони хонавода, яъне бародаронашон қарор доштаанд ва ин гуна масъулиятҳо ҳатто пас аз издивоҷ аз дӯшашон соқит намешудааст.

---

[39] Ниг.: Бартолемей К. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Муаллифи тарҷума аз забони олмонӣ Носируддин Соҳибуззамонӣ. Теҳрон, 1337. - 82 саҳ.

[40] Ниг.: Фаррухмарди Баҳромон. Мотикони ҳазор додистон. Тарҷумаи Саид Урён. Теҳрон, 1391.

Қонуни хонаводагии замони Сосониён ҳаққи назорати мардро дар хонавода таъйин карда, мардро вазифадор мекард, ки бо ҳамсару фарзандони худ бо нармию меҳрубонӣ рафтор кунад. Падару модар ва фарзандон дар баробари якдигар масъулияти муштарак доштанд. Агар касе амволи худро ба ашхоси бегона мебахшид ва ворисони қонунии худро маҳрум мекард, ин амал ғайриқонунӣ шуморида шуда, маҳкум карда мешуд. Дар сурати аз ҳам ҷудо шудани ҳамсарон, зан метавонист маҳрия талаб кунад ва агар минбаъд шавҳар ихтиёр намекард ва ё василаи даромаде намедошт, ҳамсари собиқаш бояд нафақаи ӯро (то шавҳар кардан ё шуғлу даромаде пайдо кардан) мепардохт.

Кристиан Бартолемей роҷеъ ба ҳадди нисоби мерос дар Эрони Бостон, дар такя ба маъёрҳои «Мотикони ҳазор додистон», чунин менависад: «Тақсими мерос дар ҳуқуқи сосонӣ пас аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки завҷа ва писарони марди фавтида аз мероси ӯ ба андозаи баробар саҳм доштанд.

Бояд эътироф намуд, ки баъзе меъёрҳои ҳуқуқи мерос ва молумулкии зардуштия, ки дар ин сарчашма шарҳ дода шудаанд, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занон нигаронида шудаанд, ки дорои ҷанбаи амиқи инсондӯстӣ мебошанд. Масалан, дар «Мотикони ҳазор додистон» таъкид карда шудааст, духтарон, дар сурате ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷиҳозе ба хонаи шавҳар бурда бошанд, ба андозаи баробар ба нисфи ҳаққи писарон аз мероси падар саҳм мегирифтанд. Аммо духтарони шавҳарнокарда ба андозаи баробари саҳмҳои бевазан ва писаронаш дар мероси падар саҳим буданд»[41]. Меъёри мазкур хоси танҳо низоми ҳуқуқи зардуштӣ мебошад ва дар қавонин ё шариати ягон дини дигар, ҳатто дар шариати исломӣ ҳамтои худро надорад.

Мутобиқи ахбори сарчашмаҳои хаттии чинӣ (ёддоштҳо ва сафарномаҳои тоҷирон ва сайёҳону зоирони хитоӣ) низ дар Осиёи Миёна ва дигар ҳавзаҳои густариши дини зардуштӣ занон аз ҳуқуқу озодиҳои муайяне бархӯрдор будаанд. Аз ахбороти сарчашмаҳои хаттии чинӣ

[41] Бартолемей К. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ.

доир ба одобу ахлоқи иҷтимоӣ, тарзи либоспӯшӣ, урфу одат, тарзи либоспӯшӣ ва дигар хусусиятҳои занони эронинажод дар он давру замон низ то андозае маълумот ҳосил кардан мумкин аст. Тибқи ин маълумот, занони эронинажод ҷомаву либосҳои сабук мепӯшиданд, ва гесувони дарози худро ба пушт ҳамоил карда, мӯйҳояшонро бо гулҳо ва ҳар гуна ороишоти аз тиллову нуқра ва дигар маъданҳои қиматбаҳо сохташуда ороиш медодаанд.

Муаллифони осори чинӣ хабар медиҳанд, ки дар ҷомеаи тоисломии Эрон ва Осиёи Миёна навъҳои гуногуни издивоҷ - никоҳи хешутаборӣ, издивоҷи байни табақавӣ ва ғ. ривоҷ ёфта будааст. Ба шаҳодати сарчашмаҳои чинӣ, ҳокимони маҳаллӣ духтарони зебо ва хушандомро ҳанӯз аз синни 10-солагӣ ба дарбори худ оварда, тарбия мекардаанд ва онҳоро минбаъд ба ҷавонмардоне, ки корномае содир мекардаанд ё хизмати давлатии худро хуб ба анҷом мерасонидаанд, ба шавҳар медодаанд.

Баъзе сайёҳони чинӣ, ки дар асри VI ҳангоми мусофирати худ аз ҳудуди Осиёи Миёна гузаштаанд, хабар медиҳанд, ки дар он замон дар минтақаи мазкур дар байни занон баъзе навъҳои каҷрафторӣ мисли сабукпоӣ, танфурӯшӣ ва фоҳишагарӣ низ ҷой доштааст, ки дар сурати ошкор шудан сахт муҷозот мешудаанд[42]. Азбаски ин намуди каҷрафториҳоро зоирони чинӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна зимни мусофирати худ бо Ҳиндустон ё бозгашт аз он сарзамин, яъне пас аз суқути Ҳахоманишиҳо ва истилои Искандари Мақдунӣ мушоҳида кардапанд, аз ин рӯ, тахмин кардан мумкин аст, ки чунин намудҳои каҷрафторӣ шояд дар натиҷаи таъсири фарҳанги мардсолориву занситезӣ ва зимнан, то як андоза хусусияти либералӣ ва демократӣ доштаи юнонӣ дар ҷомеаи тоисломии Осиёи Миёна зуҳур карда бошанд. Аз тарафи дигар, чунин каҷрафториҳо тибқи қонунҳои инкишофи табиат, яъне тибқи диалектикаи некӣ ва бадӣ дар ҳама давру замон,

[42] Ниг.: Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Т.2. М.Л.: Издательство Академии наук СССР, 1950. –С.261-263. -333 стр.

ҳатто дар замони мо ва дар ҷомеаҳои дорои сатҳи баланди ахлоқ ва маънавиёт, аз ҷумла дар байни миллатҳои исломии дорои ахлоқи шариатмеҳвар низ содир мешаванд ва як навъ муқовимати бадии маглубу заиф бо некии пирӯзу қавиро ифода мекунанд. Мантиқист, ки чунин каҷрафториҳо вазъи хуби куллии ахлоқӣ-маънавии ҷомеаро халалдор ё заиф намекунанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки фоҳишагарию сабукпоӣ ва намудҳои дигари аз тарафи зоирони чинӣ мушоҳидашуда дар даврони мазкур ҳукми анъанаро надошт, балки як падидаи аразӣ ва гузаранда ва дорои доираи густариши хеле маҳдуд буд.

Дар ҳақиқати ҳол бошад, сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои тоисломии тоҷиконро таълимот ва меъёрҳову тавсияҳои ҳуқуқии дини зардуштӣ ташкил медоданд, ки онҳо дар матни Авесто[43], Ардавирофнома[44], Бундаҳишн[45], Додистони менуи хирад[46], Вандидод[47], Андарзҳои Адурбод, фарзанди Меҳраспанд[48], Андарзҳои Бузургмеҳр[49], Шоиста ва ношоиста[50] ва ёдгориҳои дигари хаттии аз даврони бостон ба мо меросмонда дарҷ ёфтаанд.

Дар байни ин сарчашмаҳо муҳимтарин ва арзишмандтаринашон Авесто ба шумор меравад, ки принсипҳои ҳуқуқи зардуштӣ аз он маншаъ мегиранд. Аз ҷумла, аксарияти урфу одатҳо ва анъанаҳои ҳуқуқии

---

[43] Авесто. Куҳантарин сурудаҳои Эрони Бостон / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001; Авеста. Избранные гимны/ Перев. с авестийского и коммент. проф. И.М.Стеблин-Каменского. Душанбе: Адиб, 1990.

[44] Ардавирафнома. Биҳишт ва дӯзах дар оини маздоясно / Пешгуфтор ва тарҷумаи Раҳим Ориф. –Тӯс, 1372.

[45] Бундахишн (Сотворениб основы) и другие Пезендские тексты // Зороастрийские тексты. Изд. подгот.О.М.Чунаковой /// Памытники письменности Востока. CXIV. М.: Изд. фирама Восточная литература РАН, 1997. –С. 140-351.

[46] Дадестон-е меног-е храд (Суждения Духа разума) // Зороастрийские тексты. Изд. подгот.О.М.Чунаковой /// Памятники письменности Востока. CXIV. М.: Изд. фирама Восточная литература РАН, 1997. –С. 10-138.

[47] Вандидод / Тарҷума, вожанма ва ёддоштҳои Ҳошим Розӣ. Иборат аз 4 ҷ. Теҳрон, 1376. Ҷ.1.- С.1-540; Ҷ.2. – С. 541-1224; Ҷ. 3. – С. 1125-1174; Ҷ.4. – С. 1725-2170.

[47] Вандидод / Тарҷума, вожанма ва ёддоштҳои Ҳошим Рогӣ. Иборат аз 4 ҷ. Теҳрон, 1376. Ҷ.1.- С.1-540; Ҷ.2. – С. 541-1224; Ҷ. 3. – С. 1125-1174; Ҷ.4. – С. 1725-2170.

[48] Наставления Адурбада, сына Махраспанда // Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийскик назидательные тексты. Введ., транскрипция тестов, перев., коммент., глоссарий О.М.Чунаковой /// Памятники письменности Востока. CXIV. М.: Наука, 1991. –С.77-82..

[49] Наставление (памятка) Бузургмихра // Изведать доркги и пути праведных. Пехлевийскик назидательные тексты. Введ., транскрипция тестов, перев., коммент., глоссарий О.М.Чунаковой /// Памятники письменности Востока. CXIV. М.: Наука, 1991. –С. 86-93.

[50] Шайаст – на-шайаст // Зороастрийские тексты. Изд. подгот.О.М.Чунаковой /// Памятники письменности Востока. CXIV. М.: Изд. фирама Восточная литература РАН, 1997. –С. 312-318.

марбут ба издивоҷу оиладорӣ, ки дар Осиёи Миёна ва Эрони бостонӣ дар байни мардуми ориёитабор маълум ва мунташир буданд, аз ҳамин сарчашмаи динӣ-ҳуқуқӣ маншаъ мегирифтан.

Авесто нахустин ва қадимтарин сарчашмаи ҳуқуқ мебошад, ки дар бораи вазъи оила ва муносибатҳои оилавӣ, зимнан, дар бораи мақом ва нақши зан дар Осиёи Миёна ва Эрони давраи тоисломӣ маълумот медиҳад. Дар он ба масъалаи бастани шартномаи никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон, шароити бекор карда шудани шартномаи никоҳ, муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ва чандин масоили дигари ҳуқуқи оилавӣ, ки имрӯз низ мубрам мебошанд, таваҷҷуҳи зиёде зоҳир карда шудааст. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии Авесто нишон медиҳад, шумораи назарраси принсипу меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ ва ниҳодҳои ҳуқуқи оилавие, ки дар Авесто дарҷ гардидаанд, дар қонунгузории муосири Тоҷикистон низ тасдиқу танзими худро пайдо намудаанд[51].

Дар Авесто зарурати бастани шартномаи никоҳ, риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ аз ҷониби ҳамсарон, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон ва ғ. хеле муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Дар куҳантарин қисмати Авесто, ба истиснои Вандидод, 13 меъёри танзимкунандаи муносибати оилавӣ ва ҳамсарӣ дарҷ гардидааст. Ин меъёрҳо ба масоили никоҳ, тарбияи аъзои ноболиғи оила, таъйини ҳуқуқу озодиҳои зан ва шавҳар тибқи масъулияту уҳдадориҳои оилавии ҳар кадоми онҳо ва ғ. бахшида шудаанд. Дар Вандидод, ки навад дарсади меъёрҳои дар он омада ҳуқуқӣ мебошанд, 37 дарсади он меъёрҳо бевосита ба масъалаи танзими муносибатҳои оилавии ҳамсарон иртибот доранд. Дар ин китоб, ки мазмунан тафсири таълимоти ҳуқуқии Авесто мебошад, маъалаи уҳдадориҳои муштараки волидон дар таълиму тарбия ва парвариши фарзандон, ҳифзи ҳуқуқҳои фитрии тифле, ки ҳанӯз дар батни модар аст, ҳифзи ҳуқуқи занони ҳомила дар давраи ҳомилагӣ ва баъди таваллуд

[51] Масалан,никоҳ, шартномаи никоҳ, ташхиси зурриёти фарзанд, сарпарстӣ ва як зумра ниҳодҳои аигаре, ки дар Авесто таъйин ва танзим шудаанд, дар замони муосир низ дар танзими муносибатҳои оилавӣ нақши асосиро ичро мекунанд. Ниг.: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999.

кардани тифл, масоили тарбия, тағзия ва таълими фарзандону занон ва ғ. дар асоси таълимоти Авесто ҳаматарафа шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Аз таҳлили мазмуни Авесто ва дигар сарчашмаҳои хаттии ҳуқуқи зардуштӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар ин сарчашмаҳо ниҳоди издивоҷ ё ин ки никоҳ ҳамчун як омили муҳими рушди ҷомеаи маздопарастон (зардуштиён) эътироф шудааст. Вале дар зардуштияи ибтидоӣ бастани шартномаи никоҳ ба таври императивӣ ҳатмӣ набуда, ихтиёран риоя мешудааст. Танҳо дар солҳои салтанати Анӯшервони Одил никоҳ ба ҳайси як уҳдарории умумӣ ҳукми қонунро гирифтааст. Аз ҳамин давра сар карда, ҳар касе, ки ба синни балоғат мерасид, ӯро барои издивоҷ кардан муваззаф ва маҷбур мекарданд ва касеро, ки барои издивоҷ кардан шароиту имконият надошт, ба ӯ аз ҳисоби хазинаи шоҳ кумаки молиявӣ, яъне издивоҷпулӣ расонида мешуд.[52]

Аз матнҳои куҳантарин қисмати Авесто маълум мешавад, ки яке аз шартҳои зарурии хонадоршавӣ диндорӣ, яъне пайрави дини маздоясноӣ будани издивоҷкунандагон маҳсуб мешуд. Барои дурустии андеша аз Авесто мисоли зеринро овардан мумкин аст: “Ҳой, Пуричистаи Спитамон! Духтари хурдии Зардушт! Маздо ба ту мардеро ҳадя мекунад, ки ӯ ба Маниши Нек ва Аша содиқ аст! Хуб биандеш ва агар розӣ бошӣ, инро бо забон тасдиқ кун!”[53]

Ба ақидаи Ҳошим Разӣ ва муҳаққиқони дигари Авесто, дар ин мисол хитоби Зардушт ба духтараш Пуричаспа, ки ба Ҷомосп (яке аз дарбориёни шоҳи каёнӣ Гӯштосп) ба шавҳар мебарояд, оварда шудааст.[54]

Ҳамин тариқ, Зардушт бо ин суханони худ, ки пеш аз ба шавҳар додани духтараш дар хитоб ба ӯ гуфта буд, илова бар таъкиди зарурати никоҳ, якчанд қоидаи дигари марбут ба бастани шартномаи издивоҷро муайян кардааст.

---

[52] Рашшод Муҳаммад. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 114.
[53] Ясно: гоҳи 53, бандҳои 3-5.
[54] Ниг.: Авесто. Куҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони Бостон // Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Розӣ. Техрон, 1379. –С. 146.

Тибқи қоидаи якум, фарди издивоҷкунанда, новобаста аз ҷинсият, яъне хоҳ писар бошад, хоҳ духтар, барои ҳамсарӣ шахсеро интихоб мекард, ки пайрави дини маздоӣ ва ба он дин содиқ буд. Ҳамсаршавандаро падари издивоҷкунанда интихоб ё маъқул мекард, ки ин аз тобеи ҳукму иродаи падар будани писарону духтарони издивоҷкунанда гувоҳӣ медиҳад. Муҳаққиқи маъруфи таърихи фалсафа Муҳаммад Рашшод хусусиятҳои ҳуқуқи оилавии зардуштиро таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки дар ҷомеаи маздопарастон ҳам ҷавонписар ва ҳам ҷавондухтар, дар масъалаи хонадоршавӣ комилан фармонбардори хосту интихоби падар буданд. Алахусус духтарон, танҳо бо розигии падар ва боз ба ҳамон шахсе ба шавҳар баромада метавонистанд, ки ӯро падар интихоб карда бошад. Агар духтар бе розигии падар номзади худро интихоб намуда, ба шавҳар мебаромад, ҳамчун “худсарзан” мавриди таънаву маломати атрофиён қарор мегирифт ва аз ҳуқуқи мерос маҳрум мешуд ва дар хонаи худ низ ҳеҷ гоҳ ба мартабаи “подшоҳзан”, яъне завҷаи комилҳуқуқ намерасид. Ба андешаи Муҳаммад Рашшод, дар ҷомеаи тоисломии Осиёи Миёна ва Эрони Бостон мақому мартабаи наварӯс дар хонаи шавҳар аз ирода ва хости падарарӯс вобаста буд.[55] Аммо ин гуна маҳдудкунии ҳуқуқи писарону духтарони издивоҷкунанда хоси ҷомеаи тоисломии зардуштӣ набуда, балки ба аксарияти ҷомеаҳои Шарқ, чи дар гузашта ва чи имрӯз, тааллуқ дорад.

Муҳаққиқон зимни таҳқиқи давраҳои баъдии рушди дини зардуштӣ, ки дини расмии Эрони Сосонӣ маҳсуб шудаву дар Осиёи Миёна густариш ёфта буд, боз як принсипи ҳуқуқи оилавии давраи тоисломиро ошкор намудаанд, ки тибқи он издивоҷ на танҳо дар қолаби як дин, балки дар қолаби танҳо як табақаи диндорон мумкин буд[56]. Масалан, дар давраҳои аввали салтанати Сосониён яке аз шартҳои

[55] Рашшод Муҳаммад. Фалсафа аз оғози таърих. –С. 115.
[56] Ин принсип аз мазмуни Авесто (Ясно, гоҳи 53, бандҳои 3-5) маншаъ гирифта буд ва дар давраҳои охири салтанати Сосониён аз эътибор соқит шудааст.

издивоҷ ба як табақаи иҷтимоӣ мансуб будани издивоҷкунадагон ба шумор мерафт.[57]

Чи тавре А.Ғ. Холиқзода қайд мекунад, чунин маҳдудкунӣ, яъне дар доираи пайравони як дин ва намояндагони як табақаи иҷтимоӣ барпо кардани оила на танҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна ба таври васеъ татбиқ мешуд, балки ин маҳдудиятро аксарияти мутафаккирони асримиёнагӣ, ҳатто равшанфикрони асри XIX ҳамчун як шарти одилона ва қобили қабули издивоҷ тасдиқ ва эътироф мекарданд.[58] Масалан, равшанфикри маъруфи асри XIX Абдурауфи Фитрат дар асари худ "Оила ва мушкилоти он" зимни шарҳи масъалаи интихоби арӯс таъкид мекунад, ки мард ҳангоми интихоб бояд ба молу сарват, табақа, ҳусну ҷамол ва ахлоқу имони завҷаи ояндааш таваҷҷуҳ зоҳир намояд.[59]

Дувум, никоҳ танҳо баъди бо забон розигии худро тасдиқ кардани арӯсшаванда ҳукми қонунӣ мегирифт. Ин шарти никоҳ аз мазмуни ҳамон хитобаи Зардушт ба духтараш Пуричаспа маншаъ мегирад, ки болотар зикр гардид. Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки дар Авесто принсипи озодии никоҳ ва издивоҷ тарғиб шудааст. Дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ низ принсипи озодии издивоҷ ба таври қотеъ ва хеле равшан эълом шудааст: "Издивоҷ бо зан, қабл аз суҳбат кардан бо ӯ ва гирифтани розигии ӯ манъ аст, зани болиғу оқила (дар масъалаи издивоҷ) озод ва соҳибихтиёр аст".[60]

Пас, ин ҷо саволе пайдо мешавад, ки анъанаи бе розигии духтарон, бо хосту иродаи волидон ба шавҳар додани онҳо, ки имрӯз низ дар Тоҷикистон маъмул аст, аз куҷо, аз кадом сарчашма маншаъ мегирад? Бархе аз муҳаққиқон чунин изҳори андеша мекунанд, ки анъанаи маҷбурӣ ва ғайриихтиёрӣ ба шавҳар додани духтарон аз сарчашмаҳои динӣ-ҳуқуқӣ не, балки аз ҳамон суннати патриархалии тобеи ҳукму

---

[57] Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983. –С. 86.
[58] Халиков А.Г. Правквая система зороастризма. –С. 153-154.
[59] Табаров С. Оила ва вазифаҳои хонадорӣ аз назари Абдурауфи Фитрат. Душанбе, 2003. –С. 21.
[60] Ин ҳадисро Абдулҳақи Деҳлавӣ дар китоби "Мушкоти шариф" зикр кардааст. Ниг.: Деҳлавӣ Абдулҳақ. Мушкоти шариф. Лакҳнав, 1279. –С. 39.

иродаи сарвари хонавода, яъне шавҳар будани зан дар кору фаъолият ва тобеи иродаи падар будани духтарон дар интихоби ҳамсар ва ташкили оила маншаъ мегирад.

Дар ҳар сурат, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мадорике вуҷуд доранд, ки тибқи мазмуни онҳо, дар даврони тоисломӣ сарварони ду оила пешакӣ бо ҳам мулоқот карда, дар бораи хонадорнамоии фарзандони худ машварат мекарданд. Ин анъанаи қадима имрӯз низ дар байни тоҷикон маъмул аст, ва "хостгорӣ" номида мешавад. Масалан, дар Вандидод (фаргарди 4, қиси 2, сатри 44) чунин қоида дарҷ ёфтааст: "Вақте ки ду бародари ҳамдин дар бораи додани мол, ё гирифтани арӯс аз он оила, ё гирифтани маълумот шартнома мебанданд, бояд хоҳишу талаботи онҳоро қонеъ созанд".[61] Тибқи ин қоида, мулоқоту маслиҳат ва розигии пешакии волидони издивоҷкунандагон ва қонеъ сохтани шарту талаботи тарафҳо яке аз шартҳои муҳимме мебошад, ки танҳо баъди иҷрои он никоҳ ва издивоҷ, ки моҳияти амиқи иҷтимоӣ дошта, тавассути он қадимтарин ва муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ-оила ташкил меёбад, қонунӣ ва шаръӣ эътироф мешавад. Аз ин рӯ, эҳтимолан гуфтан мумкин аст, ки қоидаи мазкур як маншаи қадимаи анъанаи имрӯзаи хостгорӣ мебошад.

Дигар анъанаи қадимаи фарҳангию иҷтимоии бо ниҳоди никоҳ алоқаманд, ки дар Осиёи Миёна ва Эрон дар байни қавму қабилаҳои ориёӣ вуҷуд доштааст, дар он ифода меёбад, ки сарварони ду оила ҳанӯз аз синни кӯдакӣ ва наврасии фарзандонашон барои хонадор кардани онҳо бо ҳам аҳду паймони мебастаанд. Эҳтимол меравад, ки ин анъана ҳанӯз дар даврахои нисбатан қадим, то замони дар Осиёи Миёна ва Эрон сукунат ихтиёр намудани қабилаҳои ориёӣ, дар байни мардумони бумии ин сарзамин вуҷуд доштааст. Ба андешаи Алиакбари Мазоҳирӣ, анъанаи мазкурро форсҳо аз мардуми маҳаллӣ қабул карда буданд.[62] Дар ҳар сурат, ин анъана дар ибтидои асрҳои миёна дар байни зардуштиён хеле

[61] Авесто.Куҳантарин сурудаҳои Эрони Бостон. – С. 445.

[62] Алӣ Акбари Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз ислом.Теҳрон, 1373. – С. 40-41.

маъмул гардида будааст. Дар баъзе ҳолатҳо чунин аҳду паймонҳо дар синни 2-3 солагии фарзандон баста мешудаанд.

Дар байни мардуми тоҷик низ имрӯз одати паймонбандии бо ҳамин анъанаи қадим монанд бо номи “гаҳворабах” вуҷуд дорад. Чи тавре олимони этнограф М.С.Андреев, О.С.Сухарева ва Н.А.Кисляков дар таҳқиқоти худ таъкид мекунанд, ин анъана дар ибтидои асри ХХ дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон ва то солҳои 60-уми асри ХХ дар навоҳии ҳамворзамини кишвар хеле ривоҷ дошт.[63] “Дар деҳаи Сангвор, - иттилоъ медиҳад муҳаққиқ Н.А.Кисляков, - дар соли 1932 нисфи кӯдакони синни томактабӣ, аллакай, гаҳворабахш шуда буданд.[64]

Алиакбари Мазоҳирӣ иттилоъ медиҳад, ки дар Эрони Бостон низ баъзан чунин ҳам воқеъ мешуд, ки ҳанӯз то таваллуд шудани тифлон волидони онҳо барои хонадоркунии онҳо паймон мебастанд.[65] Дар Тоҷикистон низ, чуноне ки дар ин бора И.А.Кисляков дар асари худ хабар медиҳад, то гузаштаи начандон дур айнан чунин анъана вуҷуд доштааст.[66] Сабаби дар навоҳии кӯхсори Тоҷикистон то ибтидои асри ХХ боқӣ мондани анъанаи паймонбандии қабл аз таваллуд ва то рӯзҳои мо омада расидани анъанаи “гаҳворабах”-ро олимон ба таври гуногун тахмин мезананд. Масалан, олимон Н.А.Кисляков ва Ю. Ёқубов сабаби ин анъанаро дар дӯстиву шиносоии волидон қаламдод мекунанд.[67]

Яке аз сабаби дигари муттасилияти ин қабил анъанаҳои зардуштии марбут ба ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои занушавҳарӣ дар давраи исломӣ даркушодагиву таҳаммулпазирии шариати исломӣ дар муносибат бо урфу одатҳои гузашта мебошад, ки ин хислатро мо аз мазмуни ҳадиси зерини Пайғомбари ислом дарк карда метавонем:

---

[63] Андреев М.С. Таажики долины Хуф (верховья Аму-дарьи) // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Тадж. ССР. Сталинабад, 1953. –С. 120-128; Сухарева О.А. Мать и ребенок у таджиков (кбряды и представления, связанные с материнством и младенчеством у таджиков г.Саиарканда и кишлаков Канибадама и Шахристана) // Иран. Л., 1929. Т.3; Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. М.Л., 1959. С. 74-72.
[64] Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. –С. 76.
[65] Алӣ Акбари Мазоҳирӣ. Хонаводаи Эрони пеш аз ислом.-С. 41.
[66] Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. –С. 75.
[67] Ниг.: Кисляков Н.А. Семья и брак у таджиков. –С. 75; Якубов Ю. Брачные обычаи таджиков Согда. Душанбе: Сурушан, 2002. –С. 9.

“Шартномаи никоҳ тибқи урфу анъана баста мешавад”.[68] Ҳамин ҳадис минбаъд дар низоми ҳуқуқи исломӣ ба ҳайси яке аз принсипҳои ҳуқуқи издивоҷ ва ташкили оила қоим гардид ва тавассути усули қиёс барои ба изоми ҳуқуқи исломӣ ворид гардидани анъана ва урфу одатҳои халқу миллатҳои ба ислом гаравида (форсҳо, тоҷикон, туркҳо ва ғ.) роҳи васеъ кушод. Дар натиҷа, ниҳоди хостгорӣ ва соири анъанаҳои зардуштӣ, ки ба таври мустақим бо шариати исломӣ ихтилоф надоштанд, ба низоми ҳуқуқи оилавии шариати исломӣ дар шакли урф ворид шуда, мавҷудияти худро муттасилона идома додаанд.

Мувофиқи баъзе меъёрҳои Авесто ҳам барои мард ва ҳам зан дар синни 15-солагӣ бояд издивоҷ кунанд. Вале дар сарчашмаҳои дигари ҳуқуқи зардуштӣ, алахусус, ривоятҳо барои издивоҷи марду зан як синни муайян муқарррар карда нашудааст. Дар аксарияти ривоятҳо барои мардони синни издивоҷ мисли Авесто 15-солагӣ мебошад, вале духтарон хеле барвақттар ба синни издивоҷ мерасанд. Ба андешаи Ю.Ёқубов, дар аксарияти ривоятҳо синни аз ҳама мувофиқ барои издивоҷ кардани духтарон 12-14- солагӣ мебошад, вале аз синни 9-солагӣ онҳоро фотиҳа кардан мумкин аст.[69] Ин одат низ танҳо дар байни зардуштиён маъмул набуд, балки дар байни пайравони динҳои дигар, аз ҷумла, мусулмонон, ҳиндуия ва насрония низ маъмул буд ва дар замони мо низ ба таври ғайриқонунӣ дар баъзе кишварҳои шарқӣ ва ғарбӣ (масалан, дар Россия) зуҳур мекунад.

Бояд тазаккур намуд, ки аз давраҳои қадим дар раванди рушди муносибатҳои хонаводагӣ навъҳо ва шаклҳои гуногуни никоҳ ва издивоҷ ташаккул ёфтаанд. Дар таърихи ҳуқуқи хонаводагӣ таснифи никоҳ аз рӯи дараҷаи қаробати субъектҳои никоҳ аз ҳама бештар ҷонибдорони худро дорад, ки тибқи он ҳанӯз дар давраҳои қадим панҷ навъи никоҳ дар байни мардум маъмул будааст: никоҳи эндогамӣ – бо ҳам хонадоршавии узви як оила ё хешовандони наздик; никоҳи экзогамӣ –

[68] Мавлавӣ Абдулҳақ. Мушкоти Шариф. –С. 54.
[69] Якубов Ю. Брачные обычаи таджиков Согда. –С. 8.

издивоҷ бо намояндаи қабила ё авлоди дигар; левират – издивоҷи арӯсшавандаи домоди фавтида бо бародари домоди фавтида; никоҳи кросекузенӣ – издивоҷ бо духтари таго ё бо духтари хола; никоҳи ортокузенӣ – издивоҷ бо духтари амак ё духтари амма.[70]

Мутобиқи ахбори сарчашмаҳо ва ақоиди бархе муҳаққиқон, дар давраи тоисломӣ дар Осиёи Миёна ва Эрони Бостон ҳамаи ин панҷ навъи никоҳ маъмул будаанд. Олимони этнограф муайян кардаанд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) аз сабаби ҳалок шудани ҳазорон нафар ҷанговарони тоҷик ва камшумор шудани мардҳо, дар баъзе ноҳияҳои кишвар як навъ никоҳи монанд ба левират маъмул шуда буд, ки дар замони шӯравӣ то дер замоне идома дошт. Ин анъана танҳо дар байни мардуми тоҷик не, балки умуман дар байни ҳамаи халқу миллатҳои мусулмони Осиёи Миёна паҳн гардида буд.[71]

Дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи дар давраи қадим дар Осиёи Миёна ва Эрон дар байни хонадони шоҳон ва ашрофон маъмул будани никоҳи эндогамӣ иттилооти фаровоне дода шудааст. Баъзе муҳаққиқон барои исботи ин андеша иттилои ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” дар бораи ҳамзистии шоҳ Баҳман бо духтараш Ҳумой, муҳаққиқ Муҳаммад Рашшод – дар бораи хонадоршавии Камбис бо холааш, Геродот – дар бораи ҳамхобагии Камбис бо духтараш Атоса, Ктесий – дар бораи ҳамхобагии маликаи саккоиҳо Зарина бо бародараш Кидройро ҳамчун намуна овардаанд. Аммо, дар баробари ин, далелҳои дигаре низ мавҷуданд, ки ин андешаро рад мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳи эндогамӣ, ҳамчун як падидаи зишту ғайриахлоқӣ ва аз нуқтаи назари илми тиб барои генофонди миллат зарарнок қатъиян манъ аст. Мутобиқи қисми 2-юми моддаи 14-уми Кодекси оилаи ҶТ, “Никоҳи байни бародарону хоҳарони ҳамхун ва угай (бо фарзанди падарандар ё модарандар) иҷозат дода намешавад”.

---

[70] Саликов А.Г. Правовая система зороастризма. –С. 173-174.
[71] Кисляков Н.А. Очерки по истории семьи и брака у народов Средней Азии и Казахстана. М.: Наука, 1969. –С. 158.

Дар бораи никоҳи лавират дар қонунгузорӣ чизе гуфта нашудааст, аммо онро аҳли ҷомеа амали зишту манҳус мешуморанд ва рад мекунанд. Аммо се навъи дигари никоҳҳои зикршуда ҳамчун омилҳои рушди ҷомеа эътироф шудаанд ва мутобиқ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ анҷом додани онҳо ба таври ихтиёрӣ иҷозат дода шудааст.

Таҳлили мазмуни таълимоти Авесто дар бораи зан нишон медиҳад, ки он дорои дидгоҳи мусбат ва хусусияти башардӯстона ва инсонмеҳварона буда, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занон ва таҳкими нақшу мақоми иҷтимоии онҳо дар ҷомеаи тоисломии Осиёи Миёна ва Эрон таъсири мусбат расонидааст.

Аммо, дар баробари ин, дар баъзе сарчашмаҳои ва санадҳои ҳуқуқии замони Сосониён, масалан дар Бундаҳиш ва «Андарзҳои Озарбод Меҳраспанд» мо роҷеъ ба ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дидгоҳи тамоман манфиро мушоҳида мекунем. Аз таҳлили матолиби ҳуқуқии ин сарчашмаҳо ба равшанӣ маълум мегардад, ки ҳуқуқи озодиҳои дар Авесто ва таълимоти Зардушт эъломшудаи занон дар замони Сосониён тавассути ниҳодҳои динӣ-ҳукуматии он даврон, ба таври хеле даҳшатнок маҳдуд ва поймол шуда будааст. Ба унвони мисол, дар “Бундаҳиш” занон ба унвони молу мулки мард тавсиф шуда, баҳои як зан ба андозаи баҳои як марди барда (ғулом), яъне 2000 сиккаи нуқра будааст. Чунин нигоҳи мардсолорӣ ва занситезӣ, алалхусус, дар таълимоти «Бундаҳиш» оид ба хилқати зан ба таври равшан инъикос ёфтааст: «Аҳурамаздо аз ёфтани мавҷуди дигаре барои анҷоми зоймон (ҳамлу тавлид) нотавон буд ва аз рӯи ночорӣ занро барои ин кор интихоб кард». Тибқи мазмуни умумии афкори занситезонае, ки дар ин китоб дарҷ ёфтааст, занон бо сабаби осебпазирии худ аз Аҳриман, ҳеҷ гоҳ наметавонанд мисли мардҳо ба биҳишт ва сарои Аҳурамаздо роҳ ёбанд.[72]

Ҳамчунин, тибқи андешаи муаррихи маъруфи эронӣ Муртазо Соқибфар, дар даврони Сосониён духтаре, ки ба синни 9-солагӣ мерасид,

[72] Ниг.: Бундаҳиш. Тасҳеҳ ва таҳрири Мехрдод Баҳор. Техрон, 1375 ҳ. Бахши 9.

маҷбуран бо марде, ки дигарон барои ӯ интихоб мекарданд, издивоҷ мекард ва дар сурати мухолифати вай бо ин амр, бо муҷозоти марг рӯ ба рӯ мегардид.[73] Чи тавре мушоҳида мешавад, одати дар синни наврасӣ ва ноболиғӣ ба шавҳар додани духтарон хоси танҳо даврони исломӣ ва миллатҳою халқиятҳои мусалмон набуда, балки ҳанӯз қабл аз зуҳури ислом дар байни пайравони динҳои қаблазисломӣ вуҷуд доштааст.

Бар асоси як муқаррароти дигари «Бундаҳиш» мардон метавонистанд дар сурати ниёз занони худро ба дигарон бифурӯшанд. Ин одати зишту манфур, ки шариати исломӣ онро шадидан маҳкум ва манъ кардааст, тибқи иттилои баъзе муаррихони аврупоӣ, дар асрҳои миёна дар байни халқу миллатҳои насронии Аврупо ва ҳатто русҳо низ вуҷуд доштааст. Чунончи таърихшиноси англис Ҷон Тош иттилоъ медиҳад, ки дар деҳаҳои англисӣ дар охири асри XVIII талоқу издивоҷ баъзан тавассути фурӯши оммавии занон анҷом меёфт: ҳарчанд ин қисман аксуламал ба имконнопазирии амалии ҷудошавии қонунӣ барои оилаҳои камбизоат буд, вале барои хонандаи муосир ресмонро ба гардани зани худ ҳалқа кардану ӯро барои фурӯш ба бозор баровардани шавҳар чизе ҷуз зуҳуроти шадиди таҳқири зан ва баёнгари волоияти арзишҳои патриархалӣ буда наметавонад[74].

Ба андешаи муҳаққиқони эронӣ, сабаби тағйири мақоми иҷтимоии занони эронӣ дар даврони Сосониён, пеш аз ҳама, аз тарафи мубадони зардуштӣ таҳрифу тағйири таълимоти дини зардуштӣ, аз дини тавҳидӣ ба дини санавӣ (дутопарастӣ) табдил дода шудани он мебошад. Умуман, дар “Бундаҳиш” ва тафсирҳои дар даврони Сосониён таълифшудаи Авесто, ҷаҳон ҳамчун майдони набарди қувваҳои бади Аҳриман бо офаридаҳои неки Аҳурамаздо тасвир шуда, дар бораи ҳувият ва ҳастии зан, ҳам нигоҳи мусбат вуҷуд дорад, ҳам манфӣ. Зан, аз як тараф, офаридаи Аҳурамаздо ва дорои сиришти пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст, аз тарафи дигар, зан

[73] Муртазо Соҳибфар. Шоҳаншоҳии Сосонӣ. Теҳрон, 1365 ҳ. –С. 173-175.
[74] Тош Джон. Стремление к истине. Как овладеть мастерством историка / Пбр. с англ.М.Л.Коробочкина. М.: Издательсто «Весш мир», 2000. –С. 18.

бо далели бархе нишонаҳо ва хислатҳои занона махлуқе дониста мешавад, ки аз назари ақлонӣ ва ҷисмонӣ заифу нуқсонпазир аст ва нисбат ба мард пештару бештар зери нуфузи қувваҳои аҳриманӣ қарор мегирад. Таҳти таъсири ҳамин ақидаи моҳиятан мардсолорӣ ва занситезӣ, дар даврони Сосониён дар санадҳои ҳуқуқи зардуштӣ меъёрҳое зуҳур кардаанд, ки ҳуқуқу озодиҳои занонро сахт маҳдуд ва поймол мекарданд.

Масалан, зан ҳангоми ҳайз дидан маҷбур буд, ки аз аҳлу пайвандони хеш фосила гирифта, то паси сар шудани давраи ҳайзбинӣ дур аз хонавода рузӯ шабро ба сар барад. Чунин нигоҳи хос ба зан ҳамчун як мавҷуди ноқисулақл ва осебпазир то ҳадде густариш меёбад, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро як мавҷуди туфайлӣ номида, далели офариниши ӯро танҳо бо зодани мард маҳдуд кардаанд. Воқеан, нигоҳи мусбату некбинона ба зан дар Авесто ва сарчашмаҳои дигари нисбат қадимаи зардуштӣ вуҷуд дорад, аммо нигариши манфӣ ва занситезии бештар хоси матнҳо ва санадҳои диниест, ки дар замони Сосониён тартиб дода шудаанд.

Муҳаққиқон сабаби дар даврони Сосониён ҳарчи бештар хусусияти манфӣ гирифтани дидгоҳи мубадонол нисбат ба фосила гирифтани дини зардуштӣ аз бунёдгузори он ва зиёд шудани инҳироф дар адабиёти дини зардуштӣ вобаста кардаанд.

Иммануэл Кант дар китоби «Дин дар маҳдудаи ақли маҳз» ҷиҳати таъсири таълимоти динҳои иброҳимӣ (тавҳидӣ), оғози пайравии бадӣ дар ҷаҳонро нофармонии Одам (Абулбашар) аз дастури Худованд ва хӯрдани меваи мамнӯъ медонад, ки ба воситаи васвасаҳои шайтонӣ ва содадилии Ҳаво иттифоқ меафтад.[75] Аммо касе, ки дар амал даст ба гуноҳ олуда карда, пайдоиш ва густариши бадӣ дар ҷаҳонро оғоз мебахшад, мард аст. Гуноҳи Одам, яъне тановули меваи мамнӯъ, гуноҳи нахустин номида мешавад, ки сабаби олудагии авлоди Одам бо гуноҳу

[75] Кант. Дин дар маҳдудаи ақли маҳз. Тарҷумаи Манучехри Сойеъӣ. Теҳрон, 1381. –С. 53.

фасод ва бадию зиштӣ шуд.[76] Аммо дар ҳастишиносии зардуштӣ оғози пайдоиши бадӣ аз ҳуҷуми мустақими Аҳриман ба офаридаҳои неки Аҳурамаздо дар нахустин давраи офариниш, ки ҳама чиз моҳияти минуӣ дорад, рух медиҳад.

Тибқи таълимоти зардуштӣ дар бораи офариниш, инсон «гунаҳкор» ва сабаби пайдоиши бадӣ нест, балки яке аз офаридаҳои неки Аҳурамаздост, ки ба ҳуҷуми Аҳриман гирифтор шудааст. Чунин тафовути бунёдӣ дар бораи оғози бадӣ дар ҷаҳон ва моҳияти он дар таълимоти динҳои иброҳимӣ ва дини зардуштӣ пайомадҳои хоси худро дар навъи таҳлили масъалаи бадӣ ва ҷойгоҳи он дар ҳастишиносӣ дошт.

Масъалаи асосии баҳсталаб ин аст, ки чаро дар Авесто ва Динкард занро Аҳурамаздо офаридааст, аммо дар дигар матнҳои зардуштӣ, ки баъд аз ин ду манбаи қадимтарин пайдо шудаанд, аз ҷумла дар китоби Бундаҳиш ва баъзе матнҳои сурёнии зардуштӣ, ин нуқтаи назар ногаҳон заиф шуда, маншаи пайдоиши зан ва наслу нажоди ӯро ба Ҷаҳӣ нисбат медиҳанд?

Тибқи ривоятҳои Эрони Бостон, Ҷаҳӣ девзанест, ки зоҳиран духтари Аҳриман аст. Зенер Ҷаҳиро ҳамчун яке аз сарбозони дев муаррифӣ мекунад ва ӯро шахсияти пурасрор дар лашкари девҳо меномад. Дар як матни сурёнии Бундахиш низ, ки ба Теодори Барконаи тааллуқ дорад, дар бораи Ҷаҳӣ ном як зани рӯсапии фоҳиша сухан меравад. Дар Бундаҳиши паҳлавӣ Ҷаҳӣ аз насли Аҳриман аст ва Аҳурамаздо ӯро сарзаниш мекунад, аммо дар матни сурёнӣ, Ҷаҳӣ, ки навъи занро ифода мекунад, ба тарафи Аҳриман мегурезад ва ба вай паноҳ мебарад[77].

Ихтилофи ин ду ақидаи мутаноқизро дар бораи зан дар манобеи зардуштӣ як қатор олимон, аз ҷумла Бойс ва Зенер зикр кардаанд. Аммо то кунун сабабҳои дар давраи Сосониён дар дини зардуштӣ пайдо

---

[76] Барбур Иен. Дин ва илм. Тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1388.1388. -С. 405.

[77] Зенер Чарлз Роберт. Тулӯъ ва ғуруби зардуштигарӣ. Тарҷумаи Темур Қодирӣ. Теҳрон: Асотир, 1389. –С. 387.

шудани ин ду назари ба ҳам мутаноқиз дар бораи занон, инчунин, сабабҳои пайдоиши ақида дар бораи осебпазирии онҳо аз Аҳриман, ки боиси пайдоиши ҳукмҳои сахти мазҳабӣ нисбат ба онҳо гардидааст, аз мадди назари муҳаққиқони таърихи адён ва фалсафа дур мондааст. Бинобар мин, зарур мешуморем, ки ба ин масъала каме равшанӣ андозем.

Тибқи таълимоти дини зардуштӣ, ду ҷаҳон: ҷаҳони намоён ва ҷаҳони нонамоён мавҷуд аст, ки якумро Гетӣ ва дуюмро Мино меноманд. Олами гетӣ олами табиат ва макони зисти мавҷудоти моддӣ мебошад. Ҷаҳони Мино, ки ҷаҳони ноаён ва нонамоён мебошад, ду навъ аст: 1. Минои фузунибахш ё Спантаманю, ки сарчашма ва пайдоиши мавҷудоти нофеъ ва аҳуроӣ мебошад; 2. Минои зараровар ё Анграманю, ки манбаъ ва маншаи пайдоиши деву аҷина ва мавҷудоти дигари аҳриманӣ мебошад. Тамоми ҷараёни кайҳон, аз ибтидои офариниш то ба охир (охири асри омезиши некию бадӣ), дувоздаҳ ҳазор солро фаро мегирад. Яъне, дарозии замони каронаманд ба дувоздаҳ бурҷи зодиак дар осмон мувофиқат мекунад. Ин дувоздаҳ ҳазор сол ба се давра - бундаҳишан (офариниш), гумазишан (омезиш) ва визоришан (ҷудошавӣ) тақсим мешавад. Давраи визоришан (ҷудошавӣ) охири он дувоздаҳ ҳазор соли ҳаёти ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он ҳама мавҷудот дар ҳолати покӣ ва дур аз бадӣ қарор хоҳанд гирифт.

Мақоми одам дар офариниш чунин аст: Аҳурмаздо аввал амшаспандон, яъне фариштагонро меофарад, то ба кори ӯ дар офариниш кумак кунанд. Дар байни амшаспандҳо нахуст Баҳманро меофарад, Баҳман Каюмарсро меофарад, ки ӯ аввалин инсон мебошад. Каюмарс марди ягонаву дорои бадане чун офтоб аст, муҷаррад аст ва шарике барои зиндагӣ кардан надорад. Аҳриман, ки офаридаҳои неки Аҳурамаздоро дида, ҳасад мебарад, аз дидани Каюмарс заҳролуд мешавад. Вақте бо кумаки Ҷаҳӣ ба ҳуш меояд, Каюмарсро мекушад. Аммо вақте Каюмарс мемирад, муъҷизае рӯй медиҳад. Аз сабаби робитаи Каюмарс бо офтоб, нутфааш ба офтоб интиқол дода мешавад ва

дар партави он тозаву полуда шуда, сеяки он ба Замин баргардонда мешавад. Пас аз 40 сол ҷуфти аввалини инсонӣ, Мошӣ ва Машона, ки протообраз и зардуштии Одаму Ҳаво мебошанд, аз ҳамон нутфа ҳамчун шохаи ревос аз замин мерӯянд, сипас ҷудо шуда, ҳамчун ҷуфти ҳамсарон зиндагӣ мекунанд[78].

Ба андешаи муҳаққиқон ду нигариши бо ҳам мухолифи дини зардуштӣ дар осори зардуштӣ зимни тафсири ҳамин таълимоти авестоӣ дар бораи зан ташаккул ёфтаанд. Бевосита дар худи Авесто нисбат ба зан ва нақшу мақоми вай як нигариши мусбат вуҷуд дорад, ки он ба таври равшан ва раднопазир, дар ду ҳолати яке дигареро пурракунанда ифода ёфтааст.

Аввалан, зан мисли мард ҳамчун як инсони порсо ва пайрави дини зардуштӣ ба расмият шинохтаву эътироф карда мешавад. Зардушт ӯро даъват мекунад, ки ба василаи хиради худ дини некро интихоб кунад: «Пас, беҳтарин суханонро бо гӯшҳои худ бишнавед ва бо андешаи равшан бинед; Пас, ҳар марду зани шумо бояд яке аз ин ду роҳи некиву бадиро интихоб кунад. Ин динро пеш аз он ки рӯзи бузург, рӯзи интихоби роҳи ҳаёти рӯҳонӣ ва моддӣ фаро расад, хуб дарк кунед ва бифаҳмед»[79]. Равшан аст, ки ин хитобаи Зардушт ҳам ба мардон ва ҳам ба занон нигаронида шудааст. Тибки мазмуни ин хитобаи Зардушт, виҷдони зан аз виҷдони мард тафовуте надорад ва зан ҳам мисли мард метавонад озодона ҳар чизеро, ки мехоҳад, интихоб кунад.

Дувум, ин ки дар Авесто нақши муҳимму асосии зан дар тавлид ва парваришу тарбияи фарзандон, ки боиси идомаи насли инсоният мешавад, таъкид шудааст. Ин вазифа занро водор мекунад, ки аз сабаби зарурати зиндагӣ бо фарзандон ва тарбияи фарзанд меъёрҳои иҷтимоиро қабул ва риоя намояд. Маҳз ин вазифа ӯро ба наҷот мерасонад, чи тавре инро худи Зардушт дар як ниёиши худ хабар медиҳад: «Он мардон ва занон, ки барои ман, эй Аҳурамаздо, ба субут мерасонанд он чизеро, ки

[78] Зенер Чарлз Роберт. Тулӯъ ва ғуруби зардуштигарӣ. –С. 444.
[79] Авесто, ясно, готи 30, банди 2.

ту аз барои салтанати ростӣ ва андешаи нек раво донистӣ, онҳое ки ман ба ибодати Ту баргумоштам, ҳамаи онҳо ҳамроҳи ман аз Чинвот (пули Сирот) мегузаранд».[80]

Дар баъзе қисматҳои Авесто, дар ҳама ҷое, ки дар бораи рӯҳи мардони пок ва парҳезгор сухан меравад, рӯҳи ин гуна занони пок низ фавран ёд карда шуда, ба онҳо низ дуруд фиристода мешавад. Масалан, дар Фарвардин Яшт чунин ниёиш вуҷуд дорад: «Мо арвоҳи мардони парҳезгор аз покдини Эронро меситоем, арвоҳи занони парҳезгор ва покдини Эронро ситоиш мекунем»[81].

Дар Яшти ҳафтум, ки ба андешаи муҳаққиқон суханони худи Зардушт мебошанд, чунин омадааст: «Инчунин, мо занони ин ҷаҳонро ситоиш мекунем: он занҳоеро, ки дар ниёиши Ту мебошанд, онхо дар партави ростӣ мумтозанд».[82] Ниёиши «ба арвоҳи покдинон ва занон ва фарзандони хонаи нек» дар Ясно беш аз даҳ маротиба такрор шудааст.[83]

Ҳамаи мисолҳои дар боло овардашуда, ба андозае назари мусбати Авесто ба занон ва вазифаҳои модарии онҳоро инъикос мекунад. Дар зардуштия, баръакси мазҳабҳое чун ҷайния, ки занро сазовори наҷот намешумориданд, занонро ба монанди мардон сазовор мешумориданд, ки аз пули Чинвот гузаранд ва ба биҳишт ворид шаванд.

Хулласи калом, дар қисматҳои қадимаи Авесто, ки ба давраи қабл аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ тааллуқ доранд, ҳам мардон ва ҳам занон, даъват карда мешаванд, ки дар интихоби бузург бо даъвати Зардушт иштирок кунанд ва ҳар яки онҳо вазифадоранд, ки мувофиқи хирад ва андешаи худ роҳи худро интихоб кунанд. Аммо дар ҳуқуқи зардуштии даврони Сосониён нигариши мусбӣ ва принсипи дар ин меъёр ифодаёфтаи баробарҳуқуқии марду зан халал мепазирад ва навъе нигариши занситезию мардсолорӣ ва маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои зан ташаккул меёбад. Масалан, тибқи санадҳои ҳуқуқии ин давра,

[80] Ясно, ясно, готи 46, банди 10.
[81] Авесто, Фарвардин Яшт, кардаи 31, банди 143.
[82] Авесто, Яшти ҳафтуми Бузург, Яснои 38, банди 1.
[83] Масалан, дар Яснои 4, банди 11; Яснои 4, банди 8; Яснои 3, банди 7? Яснои 1, банди 6; Яснои 6, банди 5, Яснои 8, банди 15 ва ғ.

интихоби дини нек (зардуштӣ) барои ҳам мард ва ҳам зан ҳатмӣ мебошад ва аз дини зардуштӣ хорич шудан барои ҳам мард ва ҳам зан ҷазои маргарзон (қатл) -ро ба бор меорад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи муосир, меъёри мазкур, умуман, дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ барои принсипи озодии виҷдон ҷойе боқӣ намегузорад ва ихтиёрӣ будани интихоби динро барои ҳам мард ва ҳам зан ботил месозад. Вале дар баробари ин гуна меъёрҳои барои ҳам мард ва ҳам яксон, дар низоми ҳуқуқи зардуштии давраи Сосониён боз меъёрҳое низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо танҳо ҳуқуқи занҳо маҳдуд карда шудаанд. Барои мисол, дар мавриди издивоҷи зардуштиён бо ғайризардуштиён, танҳо издивоҷи зани зардуштӣ бо ғайризардуштӣ манъ аст ва сахт ҷазо дода мешавад, аммо издивоҷи марди зардуштӣ бо зани ғайризардуштӣ манъ карда нашудааст[84]. Меъёри мазкур ба таври равшану возеҳ ба маҳдуд ва поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои зан равона карда шудааст.

Чи тавре қаблан гуфтем, назари манфӣ нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа бештар хоси Бундаҳиш ва осори дигаре мебошанд, ки онҳо дар замони Сосониён ва ба забони паҳлавӣ (форсии миёна) таълиф шудаанд. Дар Бундаҳиш омадааст: «Вақте ки Аҳурамаздо занро офарид, ба вай гуфт, ки ман туро низ офаридам, дар ҳоле ки ту аз тухмаи Ҷаҳии патёраӣ. Ман ба ту кумак мекунам, чунки аз ту мард таваллуд хоҳад шуд (бо вуҷуди ин) ту маро, ки Аҳурамаздоям, низ меозорӣ. Аммо, агар ман махлуқеро пайдо мекардам, ки мардро аз вай мутаваллид мекардам, ҳеҷ гоҳ туро намеофаридам, зеро ту аз тухмаи Ҷаҳии патёраӣ. Ман ҳар ҷо ва дар ҳар чиз - дар об, замин, растаниҳо ва гӯсфандон, дар баландиҳои кӯҳҳо, инчунин, дар паҳнои саҳроҳо кофтуков кардам, аммо махлуқеро наёфтам, ки аз он марди парҳезгорро ба дунё оварам, ба ғайр аз зане, ки аз тухмаи Ҷаҳии патёра аст».[85]

Хабари аз тухмаи дев будани зан дар Бундаҳиш ва китобҳои дигари динӣ сабт шудаанд, ки онҳо хеле баъдтар аз Авесто, дар замони

---

[84] Чуксӣ Ҷамшед Гаршосб. Ситез ва созиш. Теҳрон, 1381. –С. 152.
[85] Бундаҳиш, бахши 9, саҳ. 83-84.

Сосониён таълиф шудаанд, вале дар худи Авесто, чунин хабар вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки хабари мазбур дар натиҷаи аз тарафи мубадони зардуштӣ аз мавқеи мардсолорӣ, яъне ба манфиати мардҳо ва зарари занҳо тафсир шудани таълимоти Авесто дар бораи офариниши инсон пайдо шуда, боиси дар байни рӯҳониёни зардуштӣ густариш ёфтани нигариши манфӣ ба зан ва ҷойгоҳи ӯ шудааст.[86] Равшан аст, ки аз ибораи «ҳаргиз туро намеофаридам», ин нуқта истинбот мешавад, ки хилқати зан аз ночорӣ ҳамчун шарти лозимае барои ба вуҷуд овардани мард сурат гирифтааст. Ибораи дигар – «беҳтар аз ӯро наёфт, то мардро аз ӯ биёфаринад» мадҳи зан нест, балки аз сабаби он ки Аҳурамаздо дар ҳастишиносии зардуштӣ гирифтори ҳуҷуми Аҳриман аст, пас, манзури ӯ он аст, ки дар вазъияти мазкур ба ҷуз аз тавлиди мард тавассути зан роҳи беҳтаре вуҷуд надоштааст ва агар бо роҳи дигаре имконпазир мебуд, зан барои ин вазифа интихоб намешуд ва раванди тавлиди инсоният ба гунаи дигаре сурат мегирифт. Дар мавриди Ҷаҳӣ, ки «Бундаҳиш» нажоди занро аз ӯ медонад, китобҳои паҳлавӣ чизи зиёде намегӯянд, аммо феъли ӯро, ки мардсолорӣ аст ва аз Аҳриман гирифтааст, хотиррасон мекунанд. Тибқи ахбори китобҳои паҳлавӣ, Аҳриман Ҷаҳиро олуда кард ва Ҷаҳӣ низ мардро олуда сохт.[87]

Дар матни сурёнии Бундаҳиш омадааст: «Баъди он ки Аҳурамаздо занонро ба мардони росткор бахшид, онҳо ба сӯйи шайтон гурехтанд. Замоне, ки Аҳурамаздо барои мардони росткор сулҳу шодӣ фароҳам овард, шайтон низ барои занон шодӣ фароҳам сохт».[88]

Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ Ҳошим Разӣ, таълимоти Бундаҳиш дар бораи аз тухмаи Аҳриман будани зан, аслан ақидаеест, ки ба андешаҳои монавию зурвонии роиҷ дар замони Сосониён ва анъанаи зуҳдпарастиву аз зану дунё фирор кардани масеҳияти ибтидоӣ комилан мутобиқат мекунад. Ин ки намоз дар дини зардуштӣ барои занон воҷиб набуд, баёнгари иззати волои онҳо нест, балки ба сабаби нуқсонҳои

[86] Шаҳзодӣ Рустам. Қавонини мадании зардуштӣ дар аҳди Сосониён. Теҳрон, 1365, -С.. 36 – 37.
[87] Зенер Чарлз Роберт. Тулуъ ва ғуруби зардуштигарӣ –С. 390.
[88] Зенер Чарлз Роберт. Тулуъ ва ғуруби зардуштигарӣ, -С. 387.

табиию ҷисмонӣ ва исқоти фарзанд аст, ки онҳоро аз сӯйи девону париён тасхирпазир сохтааст.[89]

Дар Бундаҳиш нахустин гуноҳе, ки башар содир кардааст, ба зан, яъне ба Мошиёна нисбат дода шудааст ва он гуноҳ дурӯғгӯӣ мебошад. Яъне, ҳангоме ки девон мушоҳида карданд, ки Мошӣ ва Мошиёна ба якдигар рашк бурда, бо якдигар низоъ мекунанд, ба онон гуфтанд: девро бипарастед, то рашк набаред. Онҳо низ девпараст шуданд.[90]

Ба андешаи Катоюни Маздопур, ҳамин гуноҳ аст, ки сабаб шуд муаллифону мураттибони Бундаҳиш Мошиёнро бо Ҷаҳӣ аз як навъ бишморанд.[91] Ҳамин тавр, тибқи таълимоти Бундаҳиш, зан аз тухмаи Аҳриман, аниқтараш аз тухмаи Ҷаҳӣ - духтари Аҳриман ва фирефтакунандаи мард аст.[92] Чунин ақидаи занситезона дар давраи исломӣ низ бо каме тағйироти шаклӣ - «зан аз тухми Шайтон аст» - ба мавҷудияти худ идома додааст ва имрӯз ҳам қисме аз мардҳо ба ин ақидаи хурофотӣ пайравӣ мекунанд.

Тибқи мазмуни таълимоти «Бундаҳиш» оид ба офариниши ҳастӣ, таъсири манфии Аҳриман ба зан дар давраи офариниш муҷиби эҷоди нуқсонҳо дар ӯ шудааст. Аз ин рӯ, осори ҷисмонии ин осебпазирӣ (мисли ҳайзбинӣ ё исқоти ҳамл), ки аслан ба сиришти инсонии зан ҳеҷ дахл надошта, балки хусусиятҳои биологию физиологии ҷисми зан буда, вазифаи таваллудкуниии ӯро имконпазир месозанд, минбаъд бо аҳкоми сахт дар оини зардуштӣ муҷозот шудаанд.

Ҳамин тавр, сабаби дар Бундаҳиш ва осори дигари дар давраи Сосониён таълифшудаи ҳуқуқи зардуштӣ сахт маҳкум ва муҷозот шудани даштонманди (ҳайзбинӣ) – и зан тасаввурот дар бораи моҳияти аҳриманӣ доштани одати мазкури занона мебошад. Баъзе муҳаққиқон решаҳои чунин дидгоҳи манфӣ ва занситезонаро на танҳо дар матнҳои ҳуқуқии даврони Сосониён, балки дар «Вандидод» низ ёфтаанд. Барои

---

[89] Вандидод. Тарҷума ва тасҳеҳи Ҳошим Разӣ, Теҳрон: «Асотир», 1377. Ҷ.1, -С. 355.
[90] Зенер, Ҳамон асар. 1389, -С. 445.
[91] Маздопур Катоюн. Зан дар оини зардуштӣ. Теҳрон, 1371, -С. 17.
[92] Вандидод. Тарҷума ва тасҳеҳи Ҳошим Разӣ, Ҷ.2, -С. 855- 856.

намуна, дар фаргарди 16, банди 28 – и Вандидод омадааст: «Агар зани даштонманде ба об нигоҳ кунад, як гуноҳи манфур кардааст, агар дар об равад, понздаҳ гуноҳи танофур кардааст, агар дар борон биистад, барои ҳар қатраи бороне, ки бар ӯ бирезад, понздаҳ гуноҳи танфур кардааст»[93]

Танофур гуноҳест, ки шахси онро содиркарда наметавонад аз нури Ҷинвонӣ бигузарад ва вориди биҳишт шавад. Кафораи ин гуноҳ – 300 тангаи чордирҳамӣ ё 200 зарбаи тозиёна мебошад.[94].

Чи тавре дар «Ривояти ашуваҳиштон» таъкид карда шудааст, зани ҳоиза ҳатто ҳақ надошт, ки то паси сар шудани айёми ҳайз, ба садра ё куштӣ, ки либоси динии зардуштиён буд ва ҳеҷ зардуштие ҳақ надошт, онро аз худ дур кунад, даст расонад ё ба он нигоҳ кунад. Ӯ бояд ҷойе менишаст, ки 15 қадам дур аз обу оташ ва 30 қадам дур аз маъбад бошад. Агар ӯ бо марди ашаван (муъмин, рӯҳонӣ) суҳбат мекард, муртакиби гуноҳи бузург ва нобахшиданӣ шуда, ба таври ҳатмӣ ҷазо дода мешуд[95].

Дар «Ривояти Дороби Ҳурмуз» оварда шудааст, ки зан дар даврони ҳайз дар тасхири Аҳриман ва девон мебошад. Аз ин рӯ, ҳақ надорад, ки дар даврони ҳайзбинӣ аносири муқаддасро даст расонад, ҳатто наметавонад фарзандони худро навозиш кунад ва бояд аз тифли ширхорааш ҷудо нигоҳ дошта шавад.[96]

Исқоти ҳамл низ натиҷаи ворид шудани деве бо номи Насав дар бадани зан шуморида мешуд. Вақте зане кӯдаки мурда ба дунё меовард, барои он ки деви Насав аз бадани ӯ хорич шавад, то 3 рӯз мебоист об – пешоби гов менӯшид ва аз оташ дур нигоҳ дошта мешуд, ҳатто агар зимистон бошад.[97]

Тибқи иттилои М. Бойс, ки солҳо дар байни ҷомеаи суннатии зардуштиён дар Эрон ва Ҳиндустон одобу русуми онҳоро мушоҳида ва таҳқиқ карда буд, «ҳанӯз низ ин дастуроти кӯҳани Вандидод (нӯшонидани пешоби гов ба зани ҳоиза барои покшавии ӯ аз наҷосат), ба

[93] Вандидод, Тарҷума ва тасҳеҳи Разӣ Ҳошим, фаргарди 14, банди 28.
[94] Вандидод. Фаргарди 4, банди 2.
[95] Сафоиисфаҳонӣ Нузҳат. Ривояти ашуваҳиштон. Теҳрон, 1376, -С.33.
[96] Рустами Монак. Ривояти Дороби Ҳурмуз. Теҳрон, 1301. –С. 205 – 206.
[97] Бойс, Таърихи кеши Зардушт. –С. 415.

таври ҷиддӣ ва мутаассибона аз тарафи пайравони ин дин ичро карда мешаванд»[98].

Чуноне ки муҳаққиқи эронӣ Саиди Урён зимни таҳлили баъзе матнҳои паҳлавӣ муайян кардааст, чунин пиндори зишт, ки ҷисми занро ба макони будубоши деву Аҳриман табдил медод, на танҳо дар сатҳи тафаккури ҷомеа, балки дар ахлоқу амалияи ҷамъиятӣ низ зоҳир мешуд. Дар баъзе аз матнҳои паҳлавӣ пирону хирадмандон ба фарзандони худ насиҳат кардаанд, ки ба зан эътимод накунанд, аз вай мутмаъин набошанд ва рози худро ба онҳо нагӯянд, то саранҷом шармсору пушаймон нашаванд.[99]

Хулласи калом, дар давраи Сосониён дидгоҳи мусбати дини зардуштӣ нисбат ба зан рӯ ба заъф оварда, дидгоҳи манфии занситезӣ бошад, баръакс рушду густариш ёфта, ба ақидаи ҳукмрон табдил ёфт. Сабаби чунин буҳрони ақидавӣ дар он буд, ки пас аз Зардушт дидгоҳи тавҳидӣ, ки он дар Готҳо ба таври равшан ифода ёфта буд, оҳиста – оҳиста тағйир ёфта, ба санавият (дутопарастӣ) мубаддал шуд. Сипас ба дини зардуштӣ политеизми ҳинду-эронӣ, ки дар замони мазкур эҳё шуда буд, ворид гашта, дар матнҳои динии зардуштии дар даврони Сосониён бо забони паҳлавӣ таълифшуда инъикос ёфт. Дар натиҷаи чунин ҳарачу марачи теологӣ, Вандидод ва як силсила санадҳои дигари зидди девӣ аз тарафи мубадони зардуштӣ тартибу танзим дода шуданд, ки дар онҳо мақоми ичтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои занон сахт поймол карда шуда буданд.[100]

Ҳамчунин, ба андешаи муҳаққиқон, ба амиқ шудани буҳрони ҳуқуқҳои зан ва густариши назари манфӣ нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ичтимоии ӯ дар ҷомеаи зардуштии замони Сосониён зуҳури динҳои монавия ва маздакия низ таъсир расонидааст. Барои то чӣ андоза дуруст ё иштибоҳ будани ин ақида таълимоти монавияро мухтасар аз назари

---

[98] Бойс Мери. Ҳамон асар. –С. 422.
[99] Саиди Уриён. Матнҳои паҳлавӣ. Теҳрон, 1383. –С.64, 150.
[100] Ҳусайни Саидакбар. Зардуштиигарӣ: тавҳидӣ ё санавӣ//Маҷаллаи «Маърифати адён». Шумораи 3, соли 1389. Саҳ. 51.

таҳқиқ мегузаронем.

Монӣ (216- 274/277м.) яке аз шахсиятҳои машҳури таърихии Эрони бостон маҳсуб мешавад, ки пеш аз зуҳури ислом ва пас аз пайдоиши дини масеҳӣ, дар замони Сосониён зистааст. Падару модари Монӣ аз авлоди шоҳони Ашконӣ буданд ва дар Бобул мезистанд. Дар он замон Бобул таҳти тасарруфи Сосониён қарор дошт ва дар он сарзамин як навъ фазои гуногунфикриву гуногунақидавӣ ҳукмфармо буд. Бобул маконе буд, ки дар он пайравони адёни масеҳӣ, зардуштӣ ва яҳудӣ бо сулҳу салоҳ бо ҳам ба сар мебурданд. Монӣ, ки дар чунин муҳити гуногунфикрӣ тавлид шуда ва ба камол расида буд, ба ин сабаб динеро бунёд кард, ки аз як тараф, бо ирфони масеҳии Байнаннаҳрайн, аз тарафи дигар, ба таълимоти дуалистонаи зардуштӣ дар бораи муборизаи байни некӣ ва бадӣ ё нур ва зулмат пайванд ва робитаи танготанг дошт. Ӯ пас аз ошкор кардани дини худ дар Бобул, ҳамроҳ бо чанд тан аз пайравонаш аз роҳи баҳрӣ ба Ҳинд сафар кард ва бархе аз аносири ақидаҳои ҳиндӣ- буддоиро дар дини худ ҷо кард. Монӣ дар илми тиб ва санъати пизишкӣ низ дасти тавоно дошт, аз ин рӯ, бисёре аз бузургон ва шоҳзодагони сосониро аз ҳар гуна бемориҳои марговар наҷот дода, бо ин роҳ ба дарбори Шопури I роҳ ёфт ва бо пуштибониву ҳимояи Шопури I дини худро дар саросари қаламрави империяи Сосониён интишор дод.

Дар осори бо забонҳои форсии миёна, чинӣ, суриёнӣ, қибтӣ ва юнонӣ навишташудаи монавӣ забоншиносону муаррихони таърихи забон он матнҳоро ба забонҳои муосир тарҷума ва тафсир кардаанд, бораи ҷойгоҳи иҷтимоии зан маълумоти хел кам вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, ин ҷо бо таҳлили мухтасари мазмуни асосии таълимоти ин мутафаккири эронӣ кӯшиш мекунем, ки ақидаи ӯро дар бораи зан ва ҷойгоҳӣ ӯ мушаххас кунем.

Нигаришу ақидаи Монӣ дар бораи зан бештар дар таълимоти офариниши ӯ ва устураҳое, ки ба ӯ нисбат медиҳанд, инъикос ёфтаанд. Таълимоти Монӣ бар пояи ду асл: некӣ ва бадӣ, устувор буда, бо

устураи пуршоху барг баён шудааст. Ба ақидаи Монӣ ҳар кадоме ин ду асл қаламрави фармонравоии худро доранд. Зурвон бар қаламрави некӣ (биҳишт, рӯшноӣ) ва Аҳриман дар қаламрави бадӣ (дӯзах, торикӣ) ҳукм меронанд. Пас аз Зурвон, нахустин чеҳрае, ки дар қаламрави некӣ ҳузур дорад, олиҳае мебошад, ки Рӯҳи Бузург номида мешавад. Аз ин ҷост, ки мо ҳанӯз дар оғози устураи монавии офариниш бо шахсияти зан, он ҳам дар мақоми улуҳият рӯбарӯ мешавем. Сокинони олами некӣ ҳама минӯӣ (ғайримоддӣ) ва нуронӣ мебошанд ва дар ниҳояти оромиш ва осудагӣ умр ба сар мебаранд.

Аммо қаламрави Аҳриман саросар макони ошуфтагӣ, ваҳшат, хашм ва шаҳват аст. Сокинони он пайваста бо якдигар дар ситезу кашмакашанд. Модда рафиқа ва дастёри Аҳриман аст. Ӯ дар воқеъ рақиба ё ҳамтои манфии олиҳа Рӯҳи Бузург аст. Ин муқобала ва тазоди байни шахсиятҳои нек ва бад дар сартосари устураи монавии офариниш ба таври дақиқ ва низомманд мушоҳида мешавад. Дар порае аз замон Аҳриман ба сарзамини рӯшноӣ ҳуҷум мекунад ва бахше аз унсурҳои нурро рабуда, бо худ ба дӯзах ё олами торик мебарад. Дар ин ҳангом, Зурвон барои муборизa бо Аҳриман худоёнеро меофаринад. Модари зиндагӣ нахустин шахсиятест, ки Зурвон офарид. Ин худозан фарзанде ба вуҷуд овард ва ӯро Урмуздбаг ном ниҳод.

Бо ҳамин тартиб, зан дар қаламрави рӯшноӣ дорои се чеҳра ва нақш аст: 1. Худо; 2. Ҳамсар; 3. Модар.

Модари зиндагӣ барои нақоти писараш Урмуздбаг, ки ҳамроҳи неруҳои равшанӣ дар қаламрави торикӣ асир аст, назди Зурвон ба шафоат мепардозад. Дар натиҷаи шафоатҳои ӯ Зурвон Меҳрэзадро меофарад, то Урмуздбагро нақот диҳад, девони дӯзахро саркӯбу маглуб намояд ва аз пайкари онҳо ҷаҳони моддиро бисозад. Ҳадафи Зурвон аз сохтани ҷаҳони моддӣ берун овардани аносири рӯшноӣ аз асорати Аҳриман ва девон аст. Меҳрэзад, ки қувваҳои торикиро дарҳам шикастааст, сарони нарина ва модинаи девонро дар осмон ба занҷир мекашад.

Дар ин ҳангом Зурвон ду эзадро меофарад:

1. Эзади Нарсӣ ё фиристодаи сеюм, ки дар ниҳояти зебоӣ ва таҷаллии мардона аст;

2. Дӯшизаи равшанӣ, ки дар ниҳояти зебоӣ ва таҷаллии занона аст.

Дар инҷо низ мард ва зан дар чеҳраи «эзад», аммо дар нақши «иғвогар»-и девон зоҳир мешаванд. Ин ду эзад дар баробари девони нарина ва модина ҷилвагар мешаванд ва дар онҳо шаҳватро бармеангезанд. Нутфаҳои девони нар ба замин меафтанд ва гиёҳон ва ҷонварони рӯйи замин ба вуҷуд меоянд. Девони модина, ки аз шаҳватрониҳояшон дар дӯзах бор гирифтаанд, дар асари афзунтар шудани шаҳват дар осмон суқути ҷанин мекунад ва ҷанинҳояшон ба мавҷудоти девмонанд дар рӯйи замин бадал мешаванд. Дар сар то сари ин устура мо бо навъе ҳамгироӣ ва ҳамзудоии байни ду ҷуфти мусбат ва манфӣ, ки дар ҳар кадоми онҳо дар паҳлуи қувваи мард рафиқаи зани ӯ истода ва ба ӯ дар муборизa бо қувваи рақиб ёрӣ мекунад, рӯ ба рӯ мешавем.

Ин устура бешак аз эътиқоди Монӣ ба ду асл- некӣ ва бадӣ маншаъ гирифтааст. Дар ин бахши устура низ ҳар ду эзад образ ва нақши баробар доранд, аммо девҳои модина неруҳои аҳриманӣ ва унсурҳои нафратангез ва гунаҳкоранд, зеро шаҳват бар эшон чира аст ва рӯйи заминро аз мавҷудоти девосо пур мекунанд. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки оини монавия ба ҳеҷ ваҷҳ хусусияти занситезӣ надорад, балки мақому нақши баробари ҳам омили занона ва ҳам омили мардонаро дар ду ҷаҳон: нуронӣ ва зулмонӣ, таъкид намуда, зимнан пайравонашро ба парҳез кардан аз шаҳват даъват мекунад.

Дар ҳар сурат, дар ин марҳилаи офариниш Меҳрэзад, яъне меъмори чаҳон, ки қувваҳои бадиро дар дӯзах саркӯб намудаву куштааст, масолеҳеро, ки аз онҳо ин ҷаҳонро сохтааст, аз пайкари девон фароҳам сохта, бахше аз неруҳои равшаниро, ки дар қайди Аҳриман буданд, бо онҳо ба ҷаҳони моддӣ фурӯ меорад. Ин неруҳои равшанӣ, ки қаблан асири Аҳриман шуда буданд, мебояд аз палидиҳои модда пок

шаванд. Аммо Аҳриман ва рафиқааш Мода, ки ба номҳои «Ҳаюло» ва «Деви Оз» низ номида мешавад, бекор намеистанд ва ба тахрибу табоҳкорӣ дар ҷаҳон мепардозанд. Мода (Оз) дар ин ҷо нақши фаъол, аммо харобкорона дорад. Ӯ барои пешгирӣ аз наҷоти неруҳои рӯшноии асир, ки дар тани ҷонварони рӯи замин анбошта шудаанд, як ҷуфт деви нарина ва модинаро ба номҳои «Ашқалон» ва «Найроил» ба вуҷуд меоварад, то ҷонварони рӯи замин ва ҳамаи равшаниҳоро, ки дар тани онҳост, ба коми худ фурӯ баранд. Ин ду дев бо ҳам меомезанд ва Одаму Ҳаворо таваллуд мекунанд, ки дар матнҳои монавӣ «Гаҳумард» ва «Мурдиёнак» номида мешаванд. Аз баски он девҳо ва ҷонварони заминӣ натиҷаи нигаристани девсолорони занҷиршуда дар осмон ба эзадони иғвогаранд, онҳо дидор ва манзаре ба ҳамон зебогии эзадон доранд. Аммо равони онҳо, ки ҳамроҳи рушноӣ дар пайкарашон асир аст, равони торикест, ки ҳамон вижагиҳои асли дӯзахиашонро дар худ нуҳуфтааст. Ин вижагиҳо иборатанд аз: шаҳват, оз, ҳасад, нафрат ва ғайра. Пас аз ба вуҷуд омадани Одам ва Ҳаво Зурвон, ки дар ин кор нақше надоштааст. Худоеро барои огоҳ кардани Одам аз бахши равшани вуҷудаш мефиристад. Одам ба парҳезкорӣ рӯ меоварад, аммо Ҳаво ки равшаниҳои камтаре дар пайкар дорад, аз деве фиреб мехурад ва обистан шуда, Ҳобил ва Қобилро мезояд. Дар ин ҷо Модда ё Оз, ки дар қитъае ба забони форсии миёна «падидоварандаи ҳар гуна базаҳ» лақаб гирифтааст, нақши фаъол дорад, дар ҳоле ки духтараш Ҳаво нақши ғайрифаъолонаро иҷро мекунад, яъне яке аз онҳо фиреб медиҳад ва дигаре фиреб мехӯрад. Саранҷом бо омезиши Одам ва Ҳаво Шис зода мешавад ва насли Одам бо ӯ идома меёбад. Ба ин тариқ, равшанӣ ба асорати ҷовидонаи инсон дар меояд.

Метавон гуфт, ки дар устураи мазкур навъе даъвати пӯшида ба тарки ҳаёти моддӣ, пайвастан ба олами поку муназзаҳи рӯҳонӣ вуҷуд дорад. Дарк карда мешавад, ки Монӣ муқобили муносибатҳои маҳрамонаи марду зан буда, умуман, онро сабаби нузули инсон аз олами арвоҳ ба олами моддӣ медонад. Аммо ин андешаи ӯ аз ҳама бештар ба

дини насрония таъсир расонида, дар байни мубадони дини зардуштӣ, ки инсонро ба ширкати фаъолона дар ҳаёти дунявӣ даъват мекард, чандон ҳам нуфузу эътиборе пайдо карда натавонистааст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, дар таълимоти Монӣ оид ба офариниши оламу одам ду навъи бо ҳам мухолифи нигариш ба зан вуҷуд дорад: мусбат ва манфӣ. Мутобиқи назари мусбати ӯ зан офарандаи ҳаёт, ҳамсар ва модар мебошад. Тибқи назари манфии ӯ бошад, зан маншаи ҳама гуна разолатҳои ахлоқӣ - шаҳват, оз, ҳасад, нафрат ва ғ. маҳсуб мешавад. Дар партави он чи баён шуд, маълум мегардад, ки ҷомеаи бонувони Эрон дар даврони Сосониён то ҷойе аз табъизу ситами ҳокимони мустабид ва мубадони каҷандеш дар ранҷ буданд ва ҳуқуқи онон бо сурати асафбор поймол мешудааст.

Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки таълимоти ноби авестоӣ-зардуштӣ дар бораи ҳуқуқу озодиҳои зан дар замони Сосониён ба ҳукми фаромӯшӣ супорида шуда, ҷойи онро андешаҳое ишғол карданд, ки мазмуни занситезӣ ва мардсолорӣ доштанд. Ҳамин тавр, дар замони Сосониён зери таъсири фарҳанги мардсолории юнонӣ, ки дар пайомади аз тарафи лашкариёни Искандари Мақдунӣ тасарруф шудани Эрону Осиёи Миёна сурат гирифт, раванди хусусияти мардсолорӣ гирифтани фарҳангу суннатҳои динӣ-иҷтимоӣ дар ҷомеаи зардуштӣ ба амал омад, ки он ба нақш ва мақоми иҷтимоии занони эронитабор таъсири хеле харобиовар расонид.

1.2. Таҳаввули тасаввурот дар бораи моҳияти зан дар фалсафаи Юнони Қадим

Дар фалсафаи Юнони Бостон низ, ки маншаи муҳимтарини фаслсафаи асримиёнагии тоҷик мебошад, мисли осори зардуштӣ, нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои занон нигаришҳои мусбату манфӣ вуҷуд доранд. Барои равшан дарк намудани ин матлаб раванди таҳаввули тасаввуроти гендерии мутафаккирони Юнони Қадимро мухтасар таҳқиқ мекунем.

Дар давраи антиқа, дар Юнони Бостон пеш аз пайдоиши фалсафа мифология ҳамчун шакли чаҳонбинӣ ҳукмрон буд, ки мавзуи асосии онро шарҳу тафсири онро на шахсияти инсон, балки асрори олам ва падидаву ҳодисаҳои табиӣ ташкил медод. Нахустин файласуф, ки мавзӯи инсонро ба фалсафа ворид намудааст, Пифагор ҳисобида мешавад. Пифагор таълимотеро бунёд гузоштааст, ки тибқи он инсон ҷузъи олам, кайҳон, табиат аст ва асос ё ин ки таҳкурсии табиат ададҳо мебошанд. Дар мактаби фалсафии пифагориён тамоми рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти одамон рух медиҳанд, аз ҳамин мавқеъ шарҳ дода мешуданд. Ҳамон тавре ки замин ҳар сол ҳосили фаровон медиҳад, зан фарзандро ба ҷаҳон ато мекунад. Ҷавоби ин саволро, ки одамро аз қувваҳои табиии атроф, аз ҳайвонот чӣ чиз фарқият мебахшад, ба андешаи Пифагор, дар умқи фарҳанг ёфтан мумкин аст. Фарҳангро таъсиси қонунҳое ҳамроҳӣ мекунад, ки он қонунҳо дар ҷомеа ҳукм меронанд ва ҳама ба онҳо итоат мекунанд, дар ҳоле ки дар муҳити табиӣ муносибатҳо ҳеҷ гуна меъёре надоранд ва нақшу ҷойгоҳи ҳар як чиз аз қудрату тавоноии он вобаста мебошад.

Ҷомеаи Юнони Қадим аз феминизм дур буд ва дар он низоми патриархат (мардсолорӣ, падаршоҳӣ) ҳукм меронд. Дар он давра, бисёр мардон занонро одамони дараҷаи дуюм, василаи тавлиди насл ҳисоб мекарданд. Ин нуктаро суханони машҳури аз замонҳои қадим маҳфузмонда, ки ба Фалеси Милетӣ тааллуқ доранд, тасдиқ мекунанд. Чунончи ин файласуфи бостонӣ гуфтааст, ки ӯ аз тақдир миннатдор аст,

зеро одам таваллуд шудааст, на ҳайвон, эллинӣ аст, на барбар, мард аст, на зан. Яъне, Фалес занро дар муқоиса бо мард, бо барбарҳо ва ҳайвонот дар як сатҳ гузошта буд.

Аммо на ҳама мутафаккирони Юнони Қадим чунин ақида доштанд. Аз ҷумла Пифагор баръакс нақши муҳимми занонро бо ҳар роҳ таъкид мекард. Дар мактаби Пифагор ҳатто як бахши занона таъсис дода шуда буд, ки дар он бонувон ба дарку таҳқиқи моҳияти аҳкому маросимҳои муқаддас мепардохтанд ва бо муҳтавои рисолату вазифаҳои худ дар ҷомеа шинос мешуданд. Пифагор ба занон мефаҳмонд, ки чи гуна муҳаббат дили ду нафарро дар издивоҷ дигаргун мекунад ва зан дар ин раванд чӣ нақш мебозад.

Мутафаккири эллинӣ, аллакай, он вақт медонист, ки издивоҷи матлубу мувофиқ иттиҳоду якҷояшавии ҷонҳо, ҳамгироию ҳамдилии издивоҷкунандагон мебошад. Вай дар асарҳои худ дар бораи қуввaҳои рӯҳии хоси марду зан сухан ронда, рӯҳи мардонаро ҳамчун мабдаи халлоқияту созандагӣ ва рӯҳи занонаро ҳамчун шахсияти созгоршудаи табиат таъбир намудааст. Ба андешаи ӯ, вақте ин ду қувва, ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам, аз ҷиҳати рӯҳӣ бо ҳам муттаҳид гаштаву омезиш меёбанд, чизи нав – олами тому ягона ба вуҷуд меояд. Яъне, Пифагор тезисҳои ба принсипҳои Ин-Ян мувофиқро истифода бурд. Ин андешаи Пифагор ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки вай марду занро ду мавҷуди аз якдигар вобаста мешуморад. Яъне, ба андешаи мутафаккир, ҳам мард ва ҳам зан дар ҷомеа ба таври яксон ҷойгоҳи муҳим дошта, нақши зарурии иҷтимоиро ифо мекунанд.

Пайравони Пифагор ба сохтори ҷаҳон то андозае ба тарзи дигар менигаристанд. Онҳо сохтори ҷаҳонро ҳамчун натиҷаи бо ҳам махлуту омехта шудани номос ва хаос (тартибот ва бесарусомонӣ) тасаввур мекарданд. Дар чунин омезиш мабдаи мардона нақши фаъолу бонизом ва мабдаи занона нақши ғайрифаъолу бенизомро иҷро мекунад. Бори аввал чунин мухолифати мабдаи мардона ва занонаро дар яке аз ҳуҷҷатҳои боқимондаи асри IV то милод дидан мумкин аст. Пифагориён

ҷадвали ҷуфтҳоро пешниҳод карданд, ки дар он унсурҳои бо ҳам мухолифи зерин мавҷуданд:

– ҳудуд - қонуншиканӣ;

– ҷуфт - тоқ;

– истироҳат - ҳаракат;

– равшанӣ - торикӣ;

– чап - рост;

– чоркунҷа - росткунҷа;

– хуб - бад;

- хати рост – хати каҷ;

– ваҳдат – касрат (бисёрӣ);

- мард – зан.

Чи тавре мушоҳида мекунем, ҷуфти даҳуми унсурҳои бо ҳам мухолиф дар ҷадвали пешниҳоднамудаи пифагориён занҷири «мард-зан» мебошад. Ҷолиби диққат аст, ки файласуфони қадим дар назарияҳои матраҳкардаи худ ҳам ба мабдаи мардона ва ҳам ба мабдаи занона сифатҳои хосу муайянеро нисбат медоданд. Сифатҳои мардона оқилона ва сифатҳои занона эҳсосотӣ шуморида мешуданд. Аммо дар Юнони Қадим амалан вазъи занон хеле бад буд ва ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои занон маҳдуду поймол карда мешуд Дар асл, зан ҳуқуқе надошт. Зан наметавонист дар интихобот ширкат варзад, таҳсил кунад, моликияти шахсӣ дошта бошад ва ғайра. Дар ҷомеа низоми шадиди падаршоҳӣ ҳукмронӣ мекард. Зан танҳо ҳамчун василаи тавлиди насл нақш иҷро мекард ва моли шавҳараш ҳисобида мешуд[101].

Аввалин файласуфи юнонӣ, ки ба шахсияти инсон рӯ овардааст, Суқрот аст. Маҳз ӯ буд, ки ба таҳқиқи падидаи рӯҳ шурӯъ кард ва онро

[101]Воронина О.А. Основы гендерной теории и методологии // Теория и методология гендерных исследований: курс лекций / под общ. ред. О.А. Ворониной. М.: МЦГИ - МВШСЭН-МФФ, 2001. С. 101.

пайванди байни материя ва ғояҳо номид. Суқрот ҷойгоҳи муҳимми олами ботинии инсонро дар ҳаёти ӯ нишон дода, зарурати шинохтани худро ҳамчун ҳадафи муҳимтарин дар ҳаёти ҳар як инсон қайд кардааст. Ба ақидаи файласуф, вазифаи асосии шахс худшиносӣ мебошад.

Аз Суқрот суханоне боқӣ мондаанд, ки имрӯз низ ҷаззобияти худро аз даст надодаанд ва қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Масалан, Суқрот дар бораи зарурати издивоҷ сухан ронда, гуфтааст: «агар зани хуб гиред, истисно хоҳед буд ва агар зани бад гиред, файласуф хоҳед шуд». Ё дар мавриди дигар, мутафаккир ишқи занро ба шакари заҳрогин монанд карда, гуфтааст, ки ишқварзӣ бо зан аз тири душман дида хатарноктар аст. Суқрот зимни баёни чунин андеша, ҳолатҳоеро дар назар дошт, ки зани хашмгин қасос гирифтанро оғоз мекунад ва ошиқи собиқ объекти ҳамлаҳои вай мешавад. Аз ин рӯ, вай ба мардҳо канорагирӣ ва парҳез кардан аз ишқварзӣ бо занонро тавсия додааст.

Баъдтар таҳияи андеша дар бораи рӯҳро Афлотун – шогирди Суқрот идома медиҳад. Ҳанӯз дар асарҳои аввалини Афлотун як навъ изҳорот дар бораи дуализми зеҳнӣ ва моддӣ, оқилона ва эмотсионалӣ ба назар мерасад, ки баъдтар дар фалсафаи Ғарб ба як назарияи бунёдӣ табдил ёфтааст. Афлотун мафҳумҳои ҷисм ва ҷонро аз ҳам ҷудо карда, тасвири мабдаъҳо ва сифатҳои занонаро ба таври возеҳ ташаккул дод. Ӯ дар асарҳои худ ҷисм, яъне материяро паст зада, рӯҳро нисбат бар материя муқаддам ва афзал шуморидааст. Аз ин рӯ, таълимоти ӯ бо фалсафаи софистҳо, ки дар бораи ягонагии рӯҳ ва ҷисм сухан мегӯянд, мухолифат мекунад.

Дар асарҳои Афлотун дар бораи занон фикрҳои гуногун ва бо ҳам мухолиф баён гардидаанд. Ӯ онҳоро дар муқоиса бо мардҳо махлуқи пасттар мешуморад. Инро аз мазмуни ҳикояи дар бораи офариниши олам эҷодкардаи ӯ дарк кардан мумкин аст. Ба гуфтаи Афлотун, дар ибтидо танҳо мардоне буданд, ки аз сайёраҳои дур ба замин омадаанд. Ҳар касе, ки рӯзҳои худро бо шаъну шараф ба сар мебурд, оқибат ба хона - ба ҳамон сайёра бармегашт ва рӯҳаш ҳисси ҳамоҳангӣ ва

қаноатмандиро ба даст меовард. Агар мард дар давоми умраш кори ношоистае мекард, рӯҳи ӯ наметавонист заминро тарк кунад, балки дубора, аммо дар колбади зан таваллуд мешуд. Ҳамзамон, ба гуфтаи Афлотун, шайтон гоҳ-гоҳ бар рӯҳи инсон тасаллут ёфта, ӯро маглуб ва тобеъ мекунад. Занҳои заиф, ки ба ӯ муқобилат карда наметавонанд, дар занҷири эҳё тадричан пасттар ва поёнтар мефароянд ва ба ҳолати ҳайвон мерасанд. Ҳамин тариқ, тибқи ин андешаи Афлотун, зан як занҷири пайвасткунандаи давраи гузариши мард аз мартабаи олӣ ба мартабаи поёнии инсонӣ, яъне ҳайвони ноқисулақл мебошад, ки аз камолоти рӯҳӣ оҷиз аст.

Бояд қайд кард, ки файласуф дар бораи пайдоиши инсон як афсонаи дигареро пешниҳод кардааст. Тибқи гуфтаи ӯ, пайдоиши ҷинсҳо бо ҷудошавии моҳияти одами якум алоқаманд аст. Афсона мегӯяд, ки замоне буданд, ки дар замин мардон, занон ва махлуқҳои омехтаи бисексуалӣ - андрогинҳо зиндагӣ мекарданд. Тавсифи охирин ба дугоникҳои сиамӣ хеле шабоҳат дорад: ҷисми омехта, сари дукарата, чор даст ва пой. Дар айни замон, андрогинҳо бениҳоят қавӣ буданд - худи Зевс аз онҳо метарсид. Барои раҳоӣ аз таҳдиди эҳтимолӣ, ӯ «дугоникҳои сиамӣ» -ро ҷудо кард. Аз он вақт инҷониб, мардон ва занон ба сӯи якдигар моил шуда, нимаи дувумро ҷустуҷӯ мекунанд. Гузашта аз ин, агар яке аз онҳо фавтида бошад, зиндамонда шарики дигарро новобаста аз ҷинс меҷуст. Аз сабаби он ки одамони ҳамҷинс насли инсониятро идома дода наметавонистанд, Зевс коре кард, ки ҷуфтҳои гуногунҷинс насл диҳанд. Яъне, аз ҳам ҷудо шудани ҷинсҳо ногузир буд[102].

Афлотун дар асарҳои марбут ба тартиботи иҷтимоӣ сохти давлатро тавсиф мекунад. Файласуф ду варианти фаъолияти ҷомеаро баррасӣ мекунад: «беҳтарин» ва «дуюм пас аз беҳтарин». Дар модели якуми утопиявӣ нақши занон ҳанӯз ҳам дуюмдараҷа аст. Вай бояд кӯдак таваллуд кунад ва он кӯдак бояд барои тарбияи ба ҷомеа супорида

[102] Платон. Государство // Платон. Диалоги / пер. с древнегр. С.Я. Шейнман-Топштейн / под ред. А.Ф. Лосева. М., 1986. С. 127.

шавад. Масъулияти тарбияи фарзандонро мардон ё ғуломон ба уҳда доранд. Дар чунин ҷомеа ягон ниҳоди оила ва издивоҷ нест, ки мо одат кардаем. Ҳамаи кӯдакон мисли моликият умумианд. Дар баробари ин, мафҳуми сарвари оила низ вуҷуд надорад ва зан ба мард итоат намекунад[103].

Бояд қайд кард, ки файласуф дар баъзе асарҳо занонро бо мардон дар масъалаҳои иҷрои вазифаҳо дар ҷомеаи идеалӣ баробар кардааст. Ин гуна андешаҳои нисбатан ҷолибу пешқадамонаи Афлотун роҷеъ ба мақом ва манзалати ҳуқуқию иҷтимоии зан дар маъруфтарин асари ӯ «Ҷумҳурӣ», зимни тарҳрезии сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи ормонии ӯ баён гардидаанд. Масалан, мардҳо мебоист корҳои ҳарбиро аз худ кунанд, дар ҳоле ки занҳо бояд дар тарбияи фарзандон ширкат варзанд. Яъне, Афлотун дар замони худ аввалин шуда эътироф кард, ки дар ҷомеаи ормонии «беҳтарин» зан метавонад бо мард сабқат карда, мақоми бо мард баробарро дошта бошад.

Аммо феминизми Афлотун иҷборӣ буд. Тибқи мазмуни асарҳои дигари Афлотун, мавҷудияти моликияти хусусӣ ниёзи муассисаи меросро ба вуҷуд меорад ва ин бидуни ҳузури як оилаи хусусӣ ва зани хусусӣ ғайриимкон аст.

Дар ҷомеаи ормонии «дуюм пас аз беҳтарин» бошад, Афлотун мақоми занонро сахт коҳиш дода, онҳоро ба моликияти хусусии мардҳо табдил додааст. Ин назарияи Афлотун намунаи барҷастаи афкори андросентристӣ (мардсолорӣ) мебошад. Дар он мард хоҷа аст ва зан бояд дар ҳама кор ба ӯ итоат кунад. Дар ҷомеаи ормонии мазкур зан ҳеҷ гуна ҳуқуқу озодӣ надорад. Вай танҳо метавонад дар ҳудуди хонавода фаъолият намуда, тартиботро дар хона нигоҳ дорад, фарзандонро тарбия кунад, ба хӯронидану пӯшонидани аъзои хонавода машғул шавад. Модар ҳақ надорад, ки ба фарзанд навиштан, хондан ва дигар

[103] Платон. Государство // Платон. Диалоги / пер. с древнегр. С.Я. Шейнман-Топштейн / под ред. А.Ф. Лосева. М., 1986. –С. 101.

донишҳои зеҳниро омӯзонад, ин вазифаи шарафнок ба дӯши мард гузошта шудааст.

Дар Юнони Қадим ин назария дар ҳаёти воқеии одамон акси садо ёфта буд. Дар ҳар як хона «гинекея» - ҳуҷраи махсусе буд, ки дар он занон корҳои хонаро иҷро мекарданд. Онҳо ҳақ надоштанд, ки моликият дошта бошанд, дар мурофиаи судӣ ҳамчун шоҳид баромад кунанд ва шавҳарони худро интихоб кунанд. Яъне, ҳам хона, ҳам занон ва ҳам кӯдакон моликияти хусусии мардҳо буданд.

Оилаҳои сарватманд ғуломоне доштанд, ки таҳти роҳбарии соҳибхоназан ба сӯзанӣ машғул буданд. Зан қисми зиёди рӯзро дар гинекея мегузаронд. Ба ӯ иҷозат дода мешуд, ки бо хешон ва дугонаҳояш мулоқот кунад, ба театр барои тамошои намоишҳо равад, қабри хешовандони фавтидаашро зиёрат кунад ва дар чорабиниҳои динӣ ба шарафи худоёни Олимп ширкат варзад. Геттерҳо (канизакҳо) аз ин қоида истисно буданд. Онҳо таҳсилоти хуб доштанд ва нақши маъшуқаҳоро мебозиданд. Юнониҳо пинҳон намедоштанд, ки занҳо барои таваллуди насл ва геттерҳо барои вақтхушӣ ва айшу фароғати мардҳо офарида шудаанд.

Аз байни мутафаккирони Юнони Қадим Ксенофонт дар бораи масъулияти ҷинсҳо андешаҳои ҷолибро баён кардааст. Ин ҳакими ҳамасри Афлотун мегуфт, ки табиат мардро барои саёҳату мусофират, ҷаҳонгардию ҷаҳонгирӣ офаридааст, ба ин далел, ки мард нисбат ба зан ҷисми қавӣ дошта, ба мушкилоти табиӣ ва моддию ҷисмонӣ тобовар мебошад. Зан махлуқи заифтарест, ки бояд дар хона бошад ва оташдони оилавиро фурӯзон нигоҳ дорад. Вақти истироҳати худро дар дохили хонаи худ гузаронидан барои мард шармовар аст - ӯ бояд тибқи муқтазои табиаташ бо ҳалли мушкилоти беруна сару кор гирад. Тибқи гуфтаи Ксенофонт, чунин тартиботро дар нақши ҷинсҳо Худо муқаррар намуда, ба ҳар кадоми онҳо ҷисмҳои бо вазифаҳояшон мувофиқро ато кардааст.

Бо вуҷуди нисбат ба моҳият ва нақши зан фикрҳои бо ҳам мухолифро эрод кардани Афлотун, баъзе файласуфони муосир чунин мешуморанд, ки Афлотун дар таърихи инсоният аввалин феминист буд. Ин ақида бо ишора бо фикрҳои дар «Ҷумҳур» дар бораи зан эроднамудаи Афлотун, то ҳадде дурусту мунсифона мебошад.

Замоне, ки Афлотун ба арсаи андеша ворид шуд, мақоми зан дар ҷомеаи Юнони Бостон, аллакай, аз он маҳдудаи танге, ки дар достонҳои Ҳомер тасвир шудааст, хуруҷ карда, чархи ресмонресии худро як сӯ гузошта, аз чодархонаи худ берун мешуд. Зани юнонӣ дар замони Афлотун, ҳарчанд аз ҳуқуқу имтиёзҳои расмӣ маҳрум буд, вале аллакай, шахсияти инсонии худро дарку касб намуда, худро ҳамчун як қувваи ҷамъиятӣ муаррифӣ менамуд. Чунин таҳаввулотро дар раванди худшиносӣ ва камолоти инсонии зан Афлотун на танҳо эътирофу истиқбол намуд, балки ҷиҳати таҳкиму таҳаввули минбаъдаи мақоми иҷтимоии зан андешаҳои ҷолиберо дар осори худ ба ояндагон мерос гузошт.

Тибқи андешаи Афлотун, зан, пеш аз ҳама, инсон аст ва ҳамон ҳуқуқу вазифаҳоеро дорад, ки мард дорад. Бинобар ин, ӯ мехоҳад, ки зан мисли мард тарбия ва маълумот гирифта, шоиру мусиқидон, варзишгар, олиму муҳаққиқ бошад ва вазифаҳои баланди давлатиро иҷро кунад. Ӯ муътақид буд, ки дар байни марду зан, аз лиҳози қувату қобилиятҳо, ҳеҷ гуна тафовути сифатӣ, ки боиси аз якдигар фарқ кардани ҳуқуқ ва соҳаи фаъолияти онҳо мешуда бошад, вуҷуд надорад. Афлотун чунин меандешид, ки камолоти касбиву меҳнатӣ аз ҷинсият, яъне мард ё зан будани инсон не, балки аз қобилияту истеъдодҳои фитрии ӯ дар ин ё он навъи касбу ҳунар вобаста мебошад. Бо ҳамин далел, Афлотун пешниҳод мекунад, ки занон низ мисли мардон дар интихоби касбу ҳунар озод ва комилҳуқуқ бошанд ва ҳеҷ гуна маҳдудият надошта бошанд.

Бо ҳамин равиш, қонуне, ки онро Афлотун барои ҷумҳурӣ эълон мекунад, яъне баробарҳуқуқии занону мардон дар ҳамаи соҳаҳои меҳнат

ва фаъолияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи сиёсат ва умури давлатдорӣ, ба андешаи худи Афлотун, комилан одилона ва табиӣ мебошад ва баръакс, нобаробарии мардону занонро, ки дар замони ӯ вуҷуд доштааст, ҳамчун поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои фитрии занон маҳкум намудааст. Ӯ талаб менамояд, ки занон аз маҳдудаи вазифаҳо ва уҳдаориҳои оилавӣ озод карда шаванд ва мисли мардон аз ҳуқуқи фаъолият намудан дар дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ бархӯрдор бошанд. Аз ин рӯ, зан низ мисли мард бояд ҳамон низоми маорифиеро ки мардҳо аз худ мекунанд, омӯзад. Бояд эътироф намуд, ки Афлотун ҳангоми баён намудани ин ақидаҳои худ ба эродҳои зиёди мубоҳисону мухолифонаш дучор мешуд.

Масалан, мухолифони андешаи баробарҳуқуқии зану мард чунин далел меоварданд, ки дар сурати ба баъзе касбу ҳунарҳои варзишӣ ва ҳарбӣ роҳ додани занон, онҳо бояд мисли мардҳо тани худро луч ё нимаурён намоянд, ки ин мухолифи меъёрҳои ахлоқу одоб буда, боиси коҳиши иффату номуси онҳо мешавад. Ба ақидаи ин гурӯҳ, зан дар сурати машғул шудан ба чунин касбу ҳунарҳо арзишмандтарин сарвати маънавии худ – шарму ҳаёро аз даст медиҳад ва ба гирдоби рафторҳои зишту нолоиқ меафтад. Аммо Афлотун ба чунин эродҳо ҳеҷ гуна аҳамияти ҷиддӣ намедод, балки онҳоро ҳамчун натиҷаи таъсири андешаву тасаввуроти хурофотӣ рад намуда, боварӣ дошт, ки чунин андешаҳои хурофотӣ нисбат зан ва мақоми иҷтимоии ӯ, бо мурури замон, дар баробари рушду густариши раванди иҷтимоишавии занон, аз байн мераванд.

Ба андешаи Афлотун, танҳо бо сатру ҳиҷоб ва либос пӯшонидану аз чашми мардум пинҳон доштани бадани зан имкон доштани ҳифзи номусу иффати ӯ як фикри содалавҳона мебошад. «Сипари асосии номусу иффати зан, - мегӯяд Афлотун, - шарму ҳаё мебошад, на сару либос, аз ин рӯ, зани бошарму ҳаё зимни фаъолият дар ҳамаи соҳаҳои

ҳаёти ҷомеа, ҳатто дар соҳаҳои ҳарбӣ-варзишӣ номусу иффати худро аз даст нахоҳад дод»[104].

Бо баррасии андешаҳои иҷтимоии Афлотун дар «Ҷумҳурӣ» хулоса кардан мумкин аст, ки Афлотун аввалин мутафаккири ғарбие мебошад, ки тавонист аз қолаби тасаввуроти патриархалии пастзанандаи мақоми иҷтимоии зан даст кашида, ба зан на аз чашми таҳқир, балки аз чашми таҳсин, ҳамчун ба инсони бо мард аз лиҳози мақому нақши иҷтимоӣ комилан баробар назар андозад.[105]

Пайрав ва мубаллиғи аз ҳама маъруфи низоми падаршоҳӣ ё мардсолорӣ Арасту мебошад. Ба ақидаи Арасту, худи ғояи муқоисаи нобаробарӣ бемаънист. Ин андешаи Арасту аз модели иерархии ҷаҳон, ки худи мутафаккир андешида ва тасвир карда аст, сарчашма мегирад. Тибқи ғояҳои ӯ, ҳам фазо ва ҳам ҷомеа як зинаи сохторӣ мебошанд. Баъзе унсурҳо (мардон) дар зинаҳои боло ҳастанд ва дигарон (занон) дар зинаҳои поён. Сохтори иерархии олам, тибқи фарзияҳои фалсафии Арасту, аз панҷ қабат иборат аст. Дар зер материя, пас ашё, сипас ҳайвонот, баъдан одамон, нафс ва дар ниҳоят рӯҳ мавҷуд аст, ки ҳокими сохтори мазкур маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин, унсурҳои поёнӣ ба унсурҳои болоӣ хидмат намуда, онҳоро бо беҳтарин манбаъҳо таъмин мекунанд.

Арасту ба ҷинси зан бо чашми таҳқир нигариста, хислатҳо ва сифатҳои инсонии онҳоро ноқису заиф шуморидааст. Файласуф занонро барои ноқисии ақл, надоштани қобилияти тафаккури мантиқӣ ва хулосабарории оқилона айбдор карда, бо ҳамин далел онҳоро дар сохтори иерархии ҷаҳон дар зери мардон ҷой медиҳад. Ӯ мегӯяд: «Зан аз сабаби набудани сифатҳои муайян зан аст. Мо бояд гирифтори нуқсони табиӣ буданро хислати асосии зан ҳисоб кунем»[106].

---

[104] Платон. Государство // Платон. Диалоги / пер. с древнегр. С.Я. Шейнман-Топштейн / под ред. А.Ф. Лосева. М., 1986. –С. 32-33.
[105] Ниг.: Орлов Е.Н., Платон / Сократ; Платон; Аристотель; Бруно: биографические очерки (переиздание биографической библиотеки Ф.Ф. Павленкова), СПб, ЛИО Редактор, 1995 г., с. 124-126.
[106] Аристотель. О возникновении животных. М.-Л.: Изд-во Академии наук СССР, 1940. –С. 90.

Чунин андешаҳои занситезии Арасту боиси аз тарафи намояндагони ҳаракати муосири феминистӣ шадидан танқид шудани таълимоти ӯ шудааст.

Арасту энергияи ғайрифаъолонаи занонаро бо беназмӣ (хаос) айнияти дода, онро хоси зинаҳои поёнии иерархияи ҳастӣ медонад. Ягона нақши занон дар ҷомеа серфарзандӣ ва ягона арзиши зан - қобилияти зиёд кардани насл аз тариқи алоқаи ҷинсӣ мебошад. Мард, баръакс, шахсияти фаъолу масъулиятшинос ва рӯҳест, ки ба кашфиётҳои нав мекӯшад[107].

Арасту мавҷудияти ҷинсҳоро, мисли Афлотун як омили барои идомаи насли инсонӣ ҳатмӣ ва зарурӣ намешуморад ва ҳайвонҳои бисексуалӣ (дучинса, нармода)-ро, ки қобилияти бордоркунии худ ва давом додани наслро доранд, ёдовар мешавад. Аммо мутафаккир мавҷудияти ҷинсҳоро нисбат ба мавҷудоти бисексуалӣ беҳтар ва матлубтар мешуморад. Чунки аносири улё (мардона) бо аносири суфло (занона) набояд омехта шаванд[108]. Ин ақидаи Арасту дар бораи занон минбаъд ҳамчун намунаи равшану классикии афкори андросентристӣ (мардсолорӣ) эътироф шудааст.

Ниҳоди бунёдии ҷомеае, ки Арасту тасвир кардааст, оила ба шумор меравад. Тибқи андешаи Арасту, барои бақои ҷомеа ё давлат, пеш аз ҳама, зарур аст, ки одамон бо ҳам ҷуфт-ҷуфт шуда зиндагӣ кунанд. Ташкилёбии чунин ҷуфтҳо на ба таври тасмимгирии бошуурона, балки бо тақозои зарурати идома дадани насл сурат мегирад. Дар ҳар яки чунин ҷуфтҳо, яъне оилаҳо, як нафар ба шарофати табиат ва қобилиятҳои ақлии худ фармонраво мешавад.

Ба андешаи Арасту, занҳо табиатан ғуломсифатанд, яъне дар онҳо қудрату малака ва ё донишу таҷрибаи сарварӣ кардан вуҷуд надорад, бинобар ин, барои комёб шудан дар зиндагӣ бояд дар зери итоати мардҳо бошанд ва онҳоро фармонбардорӣ кунанд. Аз ин рӯ, марду зан

---

[107] Воронина О.А. Гендер // Словарь гендерных терминов.–С. 21.
[108] Аристотель. О возникновении животных. –С. 93.

баробарҳуқуқ буда наметавонанд. Ин андешаи Арасту, бешубҳа баёнгари даҒалтарин ва ифротитарин нигоҳи патрипархалӣ ба мақом ва ҳуқуқу озодиҳои зан ба шумор меравад, ки дар фарҳанги умумибашарии муносибатҳои гендерӣ дар тӯли ҳазорон сол таъсири манфӣ гузоштааст[109].

Дар тамоми ниҳодҳои ҷомеаи мутамарказе, ки Арасту онро дар «Сиёсат»-и худ тасвир намудааст (оила, шаҳру деҳот, давлат), муносибати мард аз ҳамин гуна нуқтаи назари поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои зан шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Тибқи андешаи Арасту, азбаски мард дар муқоиса бо зан табиатан бартарияту афзалият дорад, пас, мақоми ҳуқуқии ӯ низ нисбат ба мақоми зан болотар аст, аз ин рӯ, мард ҳукм меронад, зан бошад, ба мард итоат мекунад. Ҳамин тариқ, Арасту ғояеро, ки тибқи он ҳамаи одамон озод таваллуд мешаванд, комилан рад мекунад. Ӯ ба таври бошуурона, дидаву дониста, таълимоти роҷеъ ба ҷомеаи ғуломдории худро бо андешаҳои мутафаккироне, ки маншаи табиӣ доштан ва бо қонунҳои табиат мувофиқ будани ҷомеаи ғуломдориро рад менамуданд, муқобил мегузорад. Аҷиб аст, ки Арасту тавлиди мардро як ҳодисаи қонунмандонаи табиӣ, тавлиди занро бошад, натиҷаи риоя нашудани чунин қонунмандӣ медонад. Ӯ ҳамчун зан ба дунё омадани инсонро бо нуқсонҳо ва заъфи қуввоҳои рушддиҳандаи худи тифли тавлидшаванда вобаста карда, бо падар шабоҳат надоштани писарро як падидаи ғайримеъёрӣ мешуморад.

Давраи таълимоти Суқрот, Афлотун ва Арасту давраи классикии фалсафаи антиқа мебошад. Барои давраи мазкур, дар баробари кашфиётҳои зиёд ва вусъати доираи ҷаҳонбинӣ, инчунин, густариши ақидаҳои патриархалӣ ва занситезӣ оид ба нақши ҷинсҳо дар ҷомеа хос мебошад.

---

[109]Ниг.:Шибаршина О.Ю. Гендерные модели мифологических систем Европы и современность // Научный Вестник МГТУ ГА. 2014. № 203. -С. 85-90.

Пас аз давраи классикӣ давраи эллинистӣ оғоз ёфта, стоикҳо, скептикҳо, эпикуриҳо ва як қатор мактабҳои дигари фикрӣ дар арсаи фалсафа зуҳур карданд. Тафовути асосии фалсафаи давраи эллинистӣ аз фалсафаи давраи классикӣ таваҷҷуҳу тамоюл ба рафтори ахлоқии инсон буд. Дар давраи мазкур ба назарияҳои мутафаккирони давраи классикӣ оид ба табиати мабодии мардона ва занона ислоҳот ворид карда шуда, баробарии бештари маънавии ҷинсҳо ба даст оварда шуд. Масалан, Зенони стоик чунин ақида дошт, ки барои дӯстӣ ҳеҷ гуна ҳудуд ё меъёри ҷинсӣ вуҷуд надорад. Ҳангоми баҳодиҳии хислати шахс на ҷинс, балки хислати ахлоқии ӯ бояд ба назар гирифта шавад. Ин ақидаи Зенонро Сенека тақвият дода, мегуфт, ки «мардро бо зан (яъне, тавассути касе, ки мард бо ӯ ҷуфт мешавад ва оила барпо мекунад) озмоиш мекунанд». Файласуф суханони Марк Аврелийро дар бораи заифии эҳсосоти мардҳо, нотавонии онҳо дар эҳсос кардани хоҳишҳои қавӣ, дар тасмимгирӣ ҷиҳати содир кардани корнамоиҳои қаҳрамонона ба хотири маҳбубаи баргузидаашон ёдовар мешуд. Ҳамзамон, Сенка занро ҳамчун иҷрокунандаи нақши пурифтихор – такондиҳанда ё муҳаррики ишқу муҳаббати ҷаҳонӣ ё кайҳонӣ тавсиф мекард.

Ақидаҳои ин ду файласуф собит менамоянд, ки намояндагони мактаби стоикҳо ба нақши ниҳоди издивоҷ дар ҷомеаи инсонӣ баҳои баланд додаанд. Иттиҳоди ҳамсарон бояд ба ҳамоҳангии дугона: мувофиқати рӯҳ ва тан, асос ёбад. Маҳз намояндагони ин мактаби фалсафаи эллинӣ ба ташаккули фалсафаи масеҳӣ ва неоплатонизм таъсири калон расониданд[110].

Дар фарҷоми таҳқиқи масъалаи зан дар фалсафаи Юнони Қадим қайд менамоем, ки барои фалсафаи бостонӣ тасаввуроти гуногун дар бораи нақши марду зан дар ҷомеаи инсонӣ хос аст. Файласуфони Юнони Қадим қудрат ва аҳамияти ишқро эътироф мекарданд, аммо аз назари онҳо ишқ метавонад хусусияти мусбӣ ва манфӣ дошта бошад. Пайдоиши

[110] Обидина Ю.С. Специфика гендерных ролей в античном полисе: роль греческой драмы в становлении женской идентичности // *Вестник Марийского государственного университета*. 2014. № 1 (13). -С. 150-153.

ишқ ба як навъ туҳфаи кайҳонӣ, ки ба инсон фиристода шудааст ва инсон ба он ниёзманд аст, айният дода мешуд. Гузашта аз ин, дар раванди пайдоиш ва густариши ишқи кайҳонӣ одамон нақши танзимкунада не, балки танҳо нақши иштирокчиёни оддиро иҷро мекунанд. Ба ниҳоди издивоҷ дар замонҳои қадим муносибати махсус зоҳир карда мешуд. Издивоҷ иттиҳоди субъектҳои мухолифе ҳисобида мешуд, ки дар он марду зан вазифа ва нақши худро доранд. Чунин хулосаҳо натиҷаи муқоисаи равандҳои иҷтимоӣ бо он падидаҳое буданд, ки дар табиат рух медиҳанд ва ҳар кадоми онҳо, ба андешаи мутафаккирони бостонӣ, ё хусусияти мардона, ё баръакс занона доранд. Баъдтар чунин муносибат ба мавқеъгирии ҷинсҳо боиси рушди низоми падаршоҳӣ ва ривоҷ ёфтани нобаробарии мардон ва занон дар муносибатҳои иҷтимоӣ гардид.

Хулоса, андешаҳои ҳакимони юнонӣ чигунагии муносибати мард бо занро дар Юнони Қадим инъикос кардаанд. Андешаҳои онҳо ифодагари онанд, ки занҳои юнонӣ ва умуман аврупоӣ дар он замон як вазъи ғуломона дошта, бе иҷозати шавҳаронашон ҳатто моли шахсии худашонро истифода бурда наметавонистанд. Ба тасдиқи муаррихон, «зан дар бистари хоб метавонист дар канори шавҳар ҷой гирад, аммо ҳангоми тановули хӯрок рост меистод ва ӯро хизмат мерасонид».

Баъдан дар Рими Қадим вазъи ҳуқуқию иҷтимоии зан боз ҳам сахттар шуда, зан куллан вобастаи шавҳар гардид. Пас аз шавҳар кардани зан тамоми молу ҷиҳози ӯ дар ихтиёри шавҳар мегузашт, худи зан низ аз тарафи мард харида мешуд ва ҳамчун ғулом моли хусусии мард маҳсуб мегашт. Зан наметавонист ягон мансаб ё вазифаи шаҳрвандӣ ё ҷамъиятӣ, мисли кафилӣ, шоҳидӣ ё парастириро ишғол ва иҷро кунад; ӯ наметавонист кӯдакеро ба фарзандӣ қабул кунад ё худ фарзандхонди шахси дигаре шавад. Ӯ аз ҳуқуқи меросгузорӣ ва бастани шартнома низ маҳрум буд.

Умуман, дар робита ба масъалаи мақоми зан дар таълимоти дину мазҳабҳо ва мактабҳои фалсафии қадим ва асримиёнагӣ, бояд зикр

намуд, ки андешаҳои ифодакунандаи ғояи мардсолорӣ, мисли «Шод бизӣ ва шод бош, ки зан таваллуд нашудаӣ!», қариб дар ҳама мактабҳо ва мазҳабҳои динӣ-фалсафии замони қадим ва асрҳои миёна ҷой доранд. Дар чунин андешаҳо, ба қавли диншиноси маъруф К.Милетт, «симои маъмулӣ ё анъанавии зан дар тасаввури мардҳо инъикос ёфтааст ва чунин тасаввур дар натиҷаи тарсу ҳароси мардҳо аз тафовутҳои занон нисбат ба онҳо пайдо шудааст».[111] Дар ҳақиқат, дастовардҳои илмҳои инсоншиносӣ (антропология) ва диншиносӣ, инчунин, омӯзиши беғаразонаи осори қадиму асримиёнагӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки чунин тасаввурот ва андешаҳои мардсолорӣ дар бораи зан дорои ғаризаву ҷанбаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ мебошанд. Таҳлили ҷанбаи иҷтимоӣ-психологии аксарияти тасаввуроту андешаҳои динӣ-фалсафии қадимаву асримиёнагӣ, хоҳ динӣ бошад, хоҳ фалсафӣ, хоҳ шарқӣ бошад, хоҳ ғарбӣ, тасдиқ мекунад, ки онҳо ба истилоҳи мубаллиғон ва намояндагони ҳаракати муосири феминистӣ хусусияти «мардсолорӣ»-дошта ҳуқуқу озодиҳои занонро сахт поймол мекунанд. Дар онҳо, ба қавли К.Милетт, мард ҳамчун меъёри инсонӣ ва зан баръакс ҳамчун як махлуқи аз ин меъёр берун ва бо он бегона тасвир ва таъбир карда шудаанд.

Зимнан, К. Милетт қайд мекунад, ки дар пайдоиши ва густариши васеи мардсолорӣ дар даврони қадим ва асрҳои миёна дин ва ҷаҳонбинии динӣ нақши ниҳоят барҷаста ва муассир доштааст.[112]

Аз андешаҳое, ки дар боло зикр шуданд, аз ҳама бештар андешаҳои «мардсолорӣ» ё патриархалии Арасту роҷеъ ба зан ва мақоми ӯ дар ҷомеа дар афкори мутафаккирону файласуфони асримиёнагии тоҷик таъсир расонидааст. Ин масъаларо мо дар боби дувуми рисолаи таҳқиқотӣ ба таври муфассал баррасӣ кардаем.

---

[111] Милетт К. Теория сексуальной политики // Вопросы философии. 1994. № 9. –С. 167.
[112]Милетт К. Теория сексуальной политики –С. 168.

1.3. Таъсири ислом ба фалсафаи машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми таълимоти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва, умуман, ҳамаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс дар бораи зан, ҳуқуқу вазифаҳо ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯ, дар баробари афкори динӣ-фалсафии бостонии Эрон ва Юнони Қадим, таълимоти Қуръону аҳодиси набавӣ ва сарчашмаҳои дигари шариати исломӣ мебошад. Дар ҳақиқат, баъди ҳуҷуми арабҳо ба Эрон ва Осиёи Миёна ва дар ин минтақа густариш ёфтани дини ислом, дар партави таълимоти исломӣ тасаввурот ва андешаҳои динию фалсафӣ дар бораи мақом ва ҳуқуқу вазифаҳои зан ба таҳаввулоту дигаргуниҳо дучор омаданд, ки он ба вазъу мақоми иҷтимоии занон таъсири назаррас расонидааст. Фалсафаи машшоияи шарқӣ низ аз таъсири таълимоти исломӣ дар канор намондааст ва ҳамин таъсир аст, ки онро аз сарчашмаҳои тоисломии эронию юнонӣ фарқ кунонида, ҳамчун як мактаби мустақили фалсафӣ низом бахшидааст. Пеш аз ҳама, бояд зикр кард, ки макони пайдоиши дини ислом – Ҷазират-ул-араб – сарзамине буд, ки мардумони саҳронишинаш ҳаёти қабилавӣ ба сар мебурданд. Даврони торики қабл аз зуҳури ислом дар Ҷазират-ул-арабро ҳатто худи арабҳо «даврони ҷоҳилия» номидаанд. Дар он замон дар ҷомеаи араб ҳарчанд муносибатҳои оилавӣ хусусияти падаршоҳӣ доштанд, вале боқимондаҳои муносибатҳои модаршоҳӣ низ аз худ дарак медоданд. Мувофиқи маълумоти ҷуғрофидон ва муаррихи Юнони Қадим Страбон ҳанӯз дар садаи якуми пеш аз милод муносибатҳои модаршоҳӣ дар байни арабҳо пурра вуҷуд доштааст. Чунончи Страбон хабар медиҳад, ки дар байни арабҳо ҳамбистарии бародар бо хоҳар ва ҳатто писар бо модар ҷой доштааст. Ҳарчанд бо мурури замон ин навъи никоҳкунӣ дар байни арабҳо маҳдуд гашта бошад ҳам, вале боқимондаҳои муносибатҳои модаршоҳӣ дар арафаи пайдоиши ислом ҳанӯз дар Ҷазират-ул-араб ҷой доштааст. Аз ҷой доштани боқимондаҳои суннатҳои модаршоҳӣ дар

муносибатҳои оилавӣ мавҷудияти баъзе аз шаклҳои никоҳ, ки анъанаҳои модаршоҳиро дар худ таҷассум мекарданд, шаҳодат медиҳанд. Масалан, чунин шакли никоҳ мавҷуд буд, ки марди бефарзанд баъди гузаштани давраи ҳайзи зан метавонист ӯро ба назди марди дигар фиристад, то зан аз он мард ҳомила шавад ва сипас ба назди шавҳари аввалаи худ баргардад. Ин навъи никоҳ баъдан дар давраи ислом аз байн рафт.

Дар ҷомеаи араби пешазисломӣ чунин шакли никоҳ ва муносибатҳои заношӯӣ вуҷуд дошт, ки зани озод дар болои хаймаи худ байрақчаи сафед меовехт. Ин маънои онро ифода менамуд, ки ӯ зани бешавҳар аст ва ҳар марди хоҳишманд метавонист бо ӯ дар робитаи ҷинсӣ қарор гирад. Ин одатро метавон яке аз шаклҳои боқимондаи муносибатҳои модаршоҳӣ номид. Вақте ки ин зан фарзанд таваллуд мекард, сардори авлод ё оила ҳамаи он мардҳои бо зан ҳамхобашударо ҷамъ меовард ва дар ҳузури ӯ зан падари кӯдаки навзодро нишон медод ва он мард тибқи қонуни қабила кӯдакро ба фарзандӣ қабул мекард. Ё худ чунин қоида вуҷуд доштааст, ки дар чунин навъи муносибатҳои заношӯӣ падари кӯдаки навзод дар ҳузури сардори авлод ё оила тавассути фолбин муқаррар мегардид. Дар ин ҳолат низ мард мувофиқи қонуни қабила ухдадор буд, ки кӯдаки навзодро ҳамчун фарзанди хеш қабул намояд. Ҳарчанд ҷой доштани чунин суннатҳо дар низоми муносибатҳои оилавии арабҳои замони ҷоҳилият аз сатҳи пасти фарҳангу маънавиёти арабҳо шаҳодат диҳад ҳам, вале дар айни замон баёнгари он аст, ки зан дар низоми муносибатҳои оилавии тоисломии араб нисбат аз замони исломӣ озодтар буд ва дар интихоби мард ӯро касе маҷбур намесохт. Одати зишти дигаре, ки дар низоми муносибатҳои иҷтимоии араби замони ҷоҳилия вуҷуд дошт, зинда гӯронидани духтари навзод буд, ки аз шароити сахти ҳаёти иқтисодии онҳо бармеомад. Дар шароити зиндагии сахти биёбон, ки қабилаҳо ҳаёти иқтисодии сахтро аз сар мегузаронданд, оилаи калонро аз лиҳози иқтисодӣ таъмин кардан хеле душвор буд, бахусус агар аксари аъзои оиларо зан-духтар ташкил диҳад. Дар шароити биёбон ба манбаъҳои ғизо даст ёфтани духтарон

кори басо мушкил буд. Вале мард агар дар шароити биёбон ҳамчун ҷанговар ба камол расида метавонист, бо ҳар роҳ, аз ҷумла тохтутоз кардан ба қабилаи дигар ва ё ба корвонҳои тиҷоратӣ, ки ба воситаи биёбони Арабистон мегузаштанд ва, ҳамчунин, ба ин корвонҳо ҳамчун муҳофиз хизмат карда, воситаи зарурии зиндагиро дар шакли ғанимат ва музди меҳнат ба даст меоварданд. Бинобар ин, таваллуди писар барои араб хушбахтӣ ва "хазинаи тиллоӣ"-и оила ба ҳисоб мерафт. Аммо агар духтар дар оила бештар таваллуд меёфту сарвари оила ӯро аз ғизо таъмин карда наметавонист, духтари навзоди зиёдатиро зинда ба гӯр мекард. Вақте ислом зуҳур кард, ин одати ҷоҳилонаи арабро ислоҳ карда, аз байн бурд. Вуҷуди ин одати бад дар ҷомеаи тоисломӣ ва дар ислом ислоҳ шудани онро Қуръон низ тасдиқ мекунад. Дар Қуръон дар сураи "Таквир" ба ин одати зишти аъроб дар замони ҷоҳилӣ ишора шудааст: "Ва вақте ки духтари зиндадаргӯр пурсида шавад: "Ба кадом гуноҳ кушта шуд?»[113].

Паёмбари ислом бо гиромӣ доштани занону духтарони худ, махсусан завҷаи нахустинаш Хадиҷа ва духтараш Фотима, ба таври амалӣ эҳтироми занонро ба уммати худ тарвиҷу таблиғ намуд. Масалан, дар як ҳадис омадааст, ки: «Фотима ҷузве аз ман аст. Ҳар касе ӯро меранҷонад, пас, маро ранҷонидааст»[114]. Тибқи ривоятҳо, вақте Фотима ба маҷлиси Паёмбар ворид мешуд, ба эҳтироми ӯ бармехост ва дасти ӯро мебӯсид ва бо ин рафтори худ фарҳанги наверо ҷойгузини фарҳанги ҷоҳилият месохт. Дар сарчашмаҳои исломӣ мисолҳои зиёдеро дар бораи муносибати нек ва ғамхорию меҳрубонии Паёмбар бо ҳамсарон ва духтаронаш оварданд.

Чи тавре аз мазмуни таълимоти Қуръон бармеояд, ҳам мард ва ҳам зан, ба унвони «инсон» дар пешгоҳи Худованд мақому эътибори баробар доранд. Барои тасдиқи ин фикр ба нахустин ояти сураи «Нисо» ишора

---

[113] Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. Душанбе: "Эр-граф", 2011. –С. 586.

[114] Ниг.: Мухтасари Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Бо эҳтимоми Имом Зайнуддин Аҳмад ибни Абдуллатиф Зубайдӣ. Риёз "Доруссалом", 1996; Мухтасари Саҳеҳи Муслим. Бо эҳтимоми Ҳофиз Зайнуддин Абдулазим ал-Мунзирӣ. Риёз: "Доруссалом", 1996.

мекунем: «Эй мардум, аз Парвардигоратон битарсед, ки шуморо аз як нафси воҳида биофарид. Ва аз он (як кас) зани ӯро офарид. Ва аз ин (ду) мардони бисёр ва занони бешумор пароканда сохт…»[115].

Бинобар ин, рӯҳи мард ва зан дар пешгоҳи Худованд аз манзалати яксон бархӯрдоранд. Аз нуқтаи назари таълимоти исломӣ, маҳз тафовутҳои ҷисмонии зан ва мард онҳоро барои бо ҳам ҷуфт шудан ва якдигарро такмил додан боис мешаванд. Чунин фаҳмиш дар таълимоти динҳо ва фарҳангҳои дигари ҷаҳонӣ низ вуҷуд дорад. Масалан, дар байни русҳо, имрӯз низ фаҳмише роиҷ аст, ки тибқи он ҳамсарон ҳар яке дигареро нимаи дуюми худ меҳисобад. Яъне, зан ва мард ҳамчун узвҳои як организми том бо ҳам пайванд мебошанд. Ҳар яке аз онҳо бидуни дигаре комил буда наметавонад ва барои дастрасӣ ба камолоти инсонӣ, ниёзманди дигаре мебошад.

Тибқи таълимоти Қуръон, зан ва мард, агарчи ҳар кадоме дорои хусусиятҳои ҷисмонӣ ва камолоти хоси худ мебошанд, вале дар инсоният ва камолоти инсонӣ бо ҳам баробаранд.

Дар Қуръон ҳама мардону занон бо унвони «инсон» мухотаб қарор гирифтаанд: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як мард ва як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шинос шавед! Ҳароина гиромитарин шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст. Худо Донои Хабардор аст» [116].

Вале дар кул ислом ба мард бартари дода, мақоми занро ба он дараҷа ба поён мебарад, ки ҳатто нобаробарҳуқуқии онҳоро то ба гӯр бурда расонидааст.

Ислом ба оила дар умум ҳамчун оилаи мусулмонӣ назар карда, дар таълимот, этика ва қонунгузории худ муносибатҳои оилавии феодалиеро, ки падаршоҳиро мутлақ месозад, васф менамояд. Чунончи К.Маркс гуфта буд: “Оилаи муосир дар ҷанини худ на танҳо дорои

[115] Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. Душанбе: “Эр-граф”, 2011. –С. 77.
[116] Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. –С. 517.

хусусияти ғуломист, ҳамчунин, хусусият сохтори крепостноиро дорад, зеро он аз ибтидо ба тобеияти заминдорӣ алоқаманданд”[117].

Ин ҷо Маркс ҳамон оилаи моногамиро дар назар дорад, ки пайдоиш ва вуҷудияташ ба моликияти хусусӣ ба замин вобаста буд. Моликияти хусусӣ ба замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот, муносибатҳои аъзоёни оиларо муайян мекард. Аз ин рӯ, шакли хоси оилаи мусулмонӣ, ки дар Қуръон мутлақ гардонида шудааст, ин ҳамон моногамия бо никоҳ доштани полигамия ба манфиати мард, яъне бисёрзанӣ буд, ки аз ҷониби синфи феодали ҳоким риоя мегардид. Ба муносибатҳои оилавӣ дар ислом маҳз аз ҳамин мавқеъ ва меъёр бояд баҳо дод.

Яке аз нуқтаи доғе, ки имрӯз дар низоми муносибатҳои оилавӣ дар ҷаҳони ислом арзи вуҷуд дорад, ин масъалаи никоҳи хешутаборӣ аст, ки аз ҳаёти иҷтимоии замони ҷоҳилияти араб ба ислом ворид шудааст. Ҳарчанд дар арабҳои замони ҷоҳилият никоҳи маҳорим, аз қабили никоҳи хоҳару бародар, писару модар, падару духтар вуҷуд надошт ва дар Қуръон низ ин мамнуот инъикос ёфтааст, вале ба ҳар ҳол никоҳи маҳорим дар шакли оиладор шудани писар ба зани падар баъди фавтидани ӯ ва дар як вақт бо ду хоҳар хонадор шудани мард одати маъмул буд. Ислом ин навъи никоҳи маҳоримро манъ карда, дар айни замон никоҳи хешутаборӣ, аз қабили никоҳи писари хола бо духтари хола, писари амак бо духтари амак ва ё писари таго бо духтари аммаро мубоҳ шуморид.

Ҳарчанд қисми зиёди тоҷикон, бахусус тоҷикони шаҳрҳои қадим, ба мисли Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Фарғона ва ғайра шакли никоҳи хешутабори наздикро дар тӯли таърихи ислом қабул накарда, ба суннатҳои миллии қаблазисломии худ содиқ монда бошанд ҳам, вале дар бисёр маҳалҳои дигари тоҷикнишин, бавижа дар кӯҳистон, ки маҳдудияти коммуникативӣ ҷой дошт, никоҳи хешутаборӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва низоми муносибатҳои оилавӣ дар зери таъсири ислом ворид

[117] Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. Т. 21. – С. 61.

гардид. Имрӯз илми тиб чунин шакли никоҳро яке аз сабабҳои асосии ба дунё омадани фарзандони носолим медонад.

Имрӯз дар байни пайравони аҳли шиа никоҳи сиға маъмул аст, ки маънои никоҳи маваққатиро дорад. Ин никоҳ дар миёни арабҳои тоисломӣ маълум буд ва онро арабҳо ҳангоми дар мусофират будан риоя менамуданд. Моҳияти ин никоҳ дар он аст, ки марди дар мусофират қарордошта метавонист бо додани маҳри муайян ва бастани шартнома бо зан ба муҳлати муайян никоҳ карда зиндагӣ намояд ва бо поён расидани муҳлати созишнома никоҳ талоқ ва он зан барои мард ҳаром мегардад.

Дар оғози Ислом никоҳи муваққат байни мусулмонон раво буда, баъдан Пайғамбар ин шакли издивоҷро найҳи кард ва он ҳоло аз ҷониби аҳли суннату ҷамоат мубоҳ ҳисоб намеравад. Вале пайравони араби равияи шиа ин навъи никоҳро дар ислом ҳифз намуданд ва он дар кишварҳое, ки шиа, бахусус шиаи дувоздаҳимома зиндагӣ мекунанд, риоя мегардад. Вале баъзе фирқаҳои шиаи муосир, аз ҷумла исмоилиён ин одатро чун суннати арабӣ қабул надоранд. Аммо имрӯз ин навъи никоҳро муҷоҳидони гурӯҳҳои сиёсӣ-ифротӣ дар давраи ҷангҳои мазҳабӣ ҳамчун суннати пайғамбар риоя намудаанд. Масалан, дар фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ-ифротии «Давлати исломӣ» ки худро аз аҳли суннату ҷамоат меҳонданд, ин шакли никоҳ хеле васеъ паҳн шуда бул. Занҳои фиребхӯрдае, ки ба ин гурӯҳҳо ҷалб шуда буданд, бо чанд марди бегона никоҳи мутъаро анҷом дода, соҳиби фарзанд шудаанд ва ҳатто намедонанд, ки фарзандонашон аз кадом шавҳарашон аст.

Чи тавре гуфтем, ҳарчанд ҚурҳонуСуннат баъзе одатҳои ҷоҳилона ва беҳуқуқии зиёди занҳоро, ки дар арабҳои замони ҷоҳилият ҷой дошт, то андозае ба манфиати зан ислоҳ карда бошад ҳам, аммо беҳуқуқии занро комилан аз байн бурда натавонист. Муносибатҳои мардсолорие, ки ҳанӯз қабл аз ислом дар ҷомеаи авлодӣ-қабилавии араб ташаккул ёфта буду дар давраи ислом боз ҳам такмил ёфт, дар тақдири зан бетаъсир намонд. Муносибатҳои падаршоҳӣ худ яке аз заминаҳои

ичтимоии беҳуқуқии зан аст, ба хусус дар ҷомеаи феодалӣ, ки аслан ҳуқуқэҷодкуниро ҷаҳонбинии динӣ муайян мекунад. Ислом низ чун идеалогияи ҳукмрони асримиёнагӣ ҳуқуқи занро беназардошти манфиатҳои ҷомеаи падаршоҳӣ муқаррар кардааст, ки онро мо дар ду ҳолат хеле бар мушоҳида мекунем. Ҳолати аввал ин аст, ки ислом дар баробари бисёршавҳариро дар ҷомеат араб аз байн бурдан, бисёрзаниро, ки дар ҷомеаи тоисломии араб маълум буд, бо баъзе тағйиротҳо дар ҷомеаи мусулмонӣ қонунӣ сохт. Ин хулосаро суннати пайғамбар собит месозад. Масалан, вақте Салами Сақафӣ исломро қабул кард, даҳ зан дошт. Пайғамбар ба ӯ фармуд, ки «чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талдоқ кун».[118]

Ин амри пайғамбар дар Қуръон низ таҷассум ёфтааст: «Маҳз занони дигар он чи шуморо хуш ояд, ду –ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор никоҳ кунед»[119].

Ҳамин тариқ, суннати бисёрзании арабҳои тоисломӣ, ки мувофиқи он мард ва аз он ҳам бештар дар як вақт зан дошт, дар ислом танҳо миқдори он камтар маҳдуд гашт, вале аз байн нарафт, ки яке аз қоидаҳои поймолкунии ҳуқуқи зан мебошад. Аммо дар амал қонунӣ гардидани ин поймолкунии ҳуқуқи зан дар ҷомеаи асримиёнагии мусулмонӣ ба сарватмандону ҳокимон, бахусус амирону вазирон имконият дод, ки аз чаҳор зан бештар дошта бошанд, ҳамчунин, соҳиби ҳарамҳои васеъ буда, дар он миқдори зиёди каниздухтарон ҷамъ оварда, онҳоро мувофиқи салоҳияти худ истифода баранд. Мардҳои камбағал бошанд, на танҳо барои як занро нигоҳубин кардан душворӣ мекашанд, ҳатто баъзан то синни калонсолӣ зан гирифта наметавонист.[120]

Зиёда аз ин ҳокимону мансабдорони маҳаллӣ пайваста духтарони ба балоғат расидаи мардуми меҳнаткашро бо нархи арзон харида ба шоҳу амирон ва бекҳо туҳфа мекарданд. Духтари 17-18-сола туҳфаи пурбаҳо ба ҳисоб мерафт. Хулоса, ҳукуматдорону рӯҳониён ба зан чун ба

---

[118] Суннати Тирмизӣ-1128 . Сунани Ибни Моҷа, 1953
[119] Сураи Нисо, ояти 3.
[120]

ашё, мол муносибат мекарданд. Амалдорони маҳаллӣ низ бо пайравӣ ба амирону ҳокимон аз 3 то 10 зан мегирифтанд.

Мусаллам аст, ки тартиботи падаршоҳӣ қонуният, хусусият ва талаботу манфиатҳои худро дорад. Аз ин нигоҳи идеологӣ пойдор сохтани талаботу манофеи тартиботи падаршоҳӣ дар Қуръон таҷассум ёфт. Худи табиати тартиботи падаршоҳӣ тақозо мекард, ки нобаробарии зану мард дар ҳаёти иҷтимоӣ дар Қуръону Суннат ва дар шариати исломӣ ҳукми қонунӣ касб намояд. Бинобар ин, ислом ҳарчанд ба зан ҳамчун модар эҳтиром мегузорад, аммо аз ҷониби дигар ба хотири мақоми мардро тибқи талаботи тартиботи падаршоҳӣ қонунӣ сохтан вазифадор аст, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба мард нисбат ба зан ду баробар афзалият диҳад. Афзалият, пеш аз ҳама, дар масъалаи ҳуқуқ ба мерос, ки меъёри асосии муайян кардани ҳуқуқи зану мард аст, бояд ифода ёбад. Аз ҳамин лиҳоз Қуръон ишора ба мард карда тасдиқ мекунад, ки «Худо шуморо дар ҳаққи фарзандонатон ҳукм мекунад, ки (ҳиссаи) мард монанди ҳиссаи ду зан аст»[121].

Дар Қуръон аз нигоҳи манфиати тартиботи падаршоҳӣ муқаррар гардидани мақоми иҷтимоии зан ва ҳуқуқи ӯро ояти зерин низ собит месозад: «Мардон ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст ва ба сабаби он ки аз амволашон арҷ карданд, бар занон корсози тасаллутёфта шудаанд. Пас, занони накукор фармонбардоранд ва дар ғайбат(-и шавҳар) нигоҳдорандаи чизеанд, ки Худо онро нигоҳ доштааст. Ва он занонеро, ки аз саркашиашон тарс доред, панд диҳед, дар хобгоҳ онҳоро тарк кунед, пас, онҳоро бизанед ва агар ба шумо фармонбардорӣ карданд, пас, ба онҳо роҳ (-и ситам) маҷӯед. Ба дурустӣ, ки Худо баландмартабаи бузургқадр аст»[122].

Ҳамин тариқ, «бо такя ба фармудаҳои Қуъон дар шариати ислом ҳуқуқи зан нисбат ба мард ду маротиба кам гардид. Вақте ин фарҳанги араб дар ислом қудсият касб кард, ин раванд дар фарҳангҳои дигар

[121] Сураи Нисо, ояти 11
[122] Сураи Нисо, ояти 34

миллатҳо, аз ҷумла тоҷикон низ паҳн шуд, уламо ва рӯҳониён ба зан ҳамчун офаридаи дараҷаи дуюм менигаристанд. Дар натиҷа он мақому мартабае, ки зани тоҷик қабл аз ислом дар фарҳанги миллии хеш дар афкори инсонгароёнаи зани зардуштия дошт, аз байн рафт. Баъзе суннатҳои он бо боварҳои исломӣ омезиш ёфта, то ба имрӯз дар ҳаёти иҷтимоӣ, бахусус дар байни синфи деҳқону табақаи ҳунармандон, ки ба меҳнати зан нёзманданд, боқӣ монда, хусусияти мусулмонӣ касб карданд.

Мақоми зан дар Қуръону суннат ҳатто дар афкори бузургтарин илоҳиётшиносони тоҷику форс ба мисли Ғаззолӣ ва дигарон нисбат ба зан таъсири манфӣ гузоштааст ва то имрӯз ба маҳдуд сохтани ҳуқуқи зан дар ҳаёти иҷтимоӣ нақш дорад. Аз ҷумла М.Ғаззолӣ дар китоби «Кимиёи саодат» мақоми занро пас аз харгӯшу хук гузоштааст. Муҳаққиқи эронӣ Масъуди Миршоҳӣ дар ин хусус навиштааст: «Касе савол намекунад, ки ин мард модари туро, хоҳари туро пасттар аз ҳар гуна ҳайвони ночиз гузоштааст».[123]

Дар партави ҳамин гуна назарҳои пастзанандаи шарафи зан ҳатто донишмандоне, аз қабили ҳаким Тирмизӣ андешаронӣ карда, дар тақсими уҳдадориҳои аҳли оила мегӯяд: «Силоҳи кӯдак дар рафтан бар мактаб (китоб), ҷавон дар касби илм, пирамард дар пойбанд ба масҷид ва зан дар хонанишинӣ аст».[124]

Чи тавре мебинем, ҳаким Тирмизӣ вазифаи занро танҳо дар гӯшанишинию хонанишинӣ мебинад, омӯзиши илмро барои ӯ манъ менамояд. Дар ин маврид муҳаққиқон Баротзода Ф. ва Нурулҳақов Қ. дуруст гуфтаанд, ки «Натиҷаи чунин муносибат боиси коста шудани мақоми зан дар ислом гардид. Мардон тӯли садсолаҳо нисбат ба зан рафтори номуносиб зоҳир мекарданд ва танҳо касби хонанишинию хизмат ба мард насибашон гашта буд. Аз ҷониби мард ҳамагуна хушунат

[123] Масъуди Миршоҳӣ.
[124] Тирмизӣ..

нисбат ба зан ба ҳукми анъана даромад, ки асорати он то имрӯз аз худ дарак медиҳад[125].

Сабаби тӯли садсолаҳо бесавод мондану дар ҳаёти иҷтимоию ҷамъиятӣ ширкат наварзидан ва зери хушунати мард мондани зани тоҷик маҳз ҳамин тарзи муносибати ислому рӯҳоний нисбати ӯ буд.

Танҳо дар замони шӯравӣ зани тоҷик аз маҳдудиятҳои асримиёнагӣ озод шуд ва дар замони истиқлолияти давлатӣ нақши вай дар ҳаёти иҷтимоию ҷамъиятӣ хеле баланд рафт ва ӯ тавассути ташаббуси пайгиронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба як неруи созанда табдил ёфт. «Вале боқимондаҳои тафаккур ва тарзи зиндагии асримиёнагӣ нисбат ба зан имрӯз ҳам вуҷуд дорад ва ба пешравии зеҳнию иштироки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ монеъ мешавад. Рӯҳоний ва мардони таассубгарову хурофотпараст низ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нобаробарии асримиёнагии зану мард дар тафаккури ҷамъиятӣ устувор боқӣ монад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки занони пойбанди таассуби хурофоти динибуда низ имрӯз дар қатори мардони ноогоҳу худношинос дар сафи ҳаракатҳои сиёсӣ-динӣ ширкат меварзанд»[126].

Нобаробарии ҳуқуқи зан ба мард дар интихоби шавҳар, дар никоҳ ва талоқ низ дида мешавад. Ҳангоми ба интихоби шавҳар асосан розигии падар ва бобо аз тарафи падар ба инобат гирифта мешавад. Ҳатто розигии модари духтар шарт нест. Талоқ, яъне ҳаром эълон кардани зан танҳо ҳуқуқи мардон аст. Зан танҳо дар ду ҳолат ҳуқуқи талоқ додани шавҳарро дорад: а)агар мард гирифтори беморий рӯҳӣ бошад; б) агар мард бо зан қобилити ҷимоъ кардан надошта бошад. Баъзе ӯҳдадориҳое, ки шариат ба уҳдаи зан мегузорад, амалан занро ба канизи мард табдил медиҳад. Масалан, зан наметавонад бе иҷозати мард аз хона берун барояд, ба аёдати наздиконаш равад, дар ҳоле ки чунин уҳдадориҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқи инсонро мард надорад. Каниззанҳо бошанд, бо вуҷуди дар истифодаи мард (хуҷаини зан) қарор гирифтан

[125] Баротзода Ф., ва Нурулҳақов Қ.
[126] Баротзода Ф., ва Нурулҳақов Қ.

занҳои қонунӣ ба ҳисоб намераванд, ҳуқуқу озодиҳояшон боз ҳам маҳдудтар аст.

Маънои калимаи арабии «қаввом», ки дар ояти қуръонӣ нисбат ба мард гуфта шудааст, чунин аст: касе, ки дар татбиқ ё пойдории амре бар ӯ эътимод карда мешавад. Ба таъбири В.Порохова, қаввом касест, ки манфиатҳои каси дигареро дар умури зиндагӣ ва тиҷорат ҳимоят мекунад ва зимнан, усули адолатро қатъан риоя мекунад[127].

Дар луғатҳои тафсирии забони арабӣ маънои калимаи «қаввом»-ро «ал-мутакаффил би-л-амр» навиштаанд. Яъне, ал-мутакаффил би-л-амр – касест, ки масъул ё уҳдадори коре мебошад.

Аз сабаби он, ки вазифаи таъмини маош ва пуштибонии моддиву молии хонавода, аз назари ислом, бар уҳдаи мардон мебошад, дар ин ояти Қуръон мардонро ба унвони пуштибони занон, ки масъулияти таъмини хазинаи зиндагии аъзои хонаводаро ба уҳда доранд, муаррифӣ карда, ба онхо бартарӣ додааст.

Барои ташхиси назари ислом ба мақоми зан ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар баробари таваҷҷуҳ ба матни Қуръону Суннат, шиносоӣ бо таълимоти фақеҳони мусулмон низ зарур мебошад. Дар фиқҳи исломӣ ба ҳамаи саволҳое, ки дар ин замина матраҳ мешаванд, монанди масъалаи мероси зан ва мард, муқаррароти издивоҷ, теъдоди ҳамсарон, ҳаққи талоқ ва амсоли он, бо такя аз таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавӣ посух дода шудааст. Мутобиқи анъанаи исломӣ, аз миёни ҳамаи мазҳабҳои маъруфи исломӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва таъйини ҳуқуқу озодиҳо, вазифаю масъулиятҳо ва мақоми иҷтимоии зан аз ҳама бештар мазҳаби ҳанафӣ саҳм гузоштааст. Азбаски имрӯз аксарияти мутлақи мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол пайрави ин мазҳаби аз ҳама бонуфуз ва густаришёфтаи исломӣ мебошанд, бинобар ин, дар диссертатсия зимни таҳқиқи мавзӯи мавриди баҳс бештар ба ақоиди намояндагони ҳамин мазҳаб такя шудааст.

---

[127] Коран. Перевод смыслов и комментарии Валерии Пороховой. М.: Издательский цент “Аль-Фуркан”, 1997. –С. 651.

Фиқҳи ҳанафӣ оиларо ҳамчун муҳимтарин ниҳоди ҷамъиятӣ тафсир намудааст. Низоми оилавӣ тибқи мазҳаби ҳанафӣ бояд бар пояи саломатӣ, фазилат, одоби нек ва дигар принсипҳои созгор бо арзишҳои ҷомеа устувор гардида, барои пешгирӣ аз ҳар гуна носозгориҳо, чи дар оила ва чи дар ҷомеа, мусоидат намояд. Оила ниҳоде мебошад, ки зербинои ҷомеаро ташкил медиҳад. Бинои оила бар равобити ҳамсарӣ миёни зану мард устувор аст ва пайомади он вуҷуди фарзандоне аст, ки ба саҳнаи зиндагӣ гом мегузоранд. Оила мактаби инсонӣ, шарти асосӣ барои тарбияи нафс ва идомаи зиндагии инсон, воситаи тавлид ва тарбияи қувваҳои созандаи башарият аст. Он пуштибони низоми иҷтимоӣ ва идомаи насли башарӣ аст, ки барои по ба саҳнаи зиндагӣ гузоштани фарзандони солиму солеҳ хизмат намуда, ҷомеаро дар муқобили бемориҳои аз равобити номашрӯъ сарзананда эмин нигоҳ медорад. Оила эҷодкунанда ва офарандаи рӯҳи фармонбардорӣ, фидокорӣ, сабурӣ, бурдборӣ, саховату бахшиш, амонатдорӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ мебошад.

Раванди ташкилёбии меъёрҳо ва заминаҳои ҳуқуқии оила, мутобиқи анъанаҳои милливу динии мардуми мусулмон, аз ҷумла тоҷикон, аз маросими хостгорӣ оғоз меёбад, ки он дар байни мардум ва қавмҳои гуногун бо тарзу одоти ба худ хос ба анҷом расонида мешавад. Хостгорӣ изҳори рағбат ва алоқа ба оиладорӣ бо духтар ё зани муайян ва эълони он ба падару модар ё сарпарасти ӯ мебошад. Аз қадимулайём, чи тавре дар ин бора пештар сухан рафт, дар байни мардуми тоҷик чунин одат ҷорӣ буд, ки пеш аз оиладоршавӣ аз тарафи хонаводаи писар ба хостгории духтари хонаводаи дигар мерафтанд ва ин фарҳанг мавриди таъкиди шариати ислом низ қарор гирифтааст.

Аз дидгоҳи таълимоти ҳуқуқӣ-иҷтимоии мазҳаби ҳанафӣ, оиладоршавӣ ақд ва паймонест, ки ба сабаби он равобити заношӯӣ миёни марду зан ҳукми қонунӣ-шаръӣ пайдо мекунад. Шарти расмият ва қонуният гирифтани шартномаи никоҳ (паймони занушавҳарӣ) зимни бастани он ҳадди ақал ҳозир будани як нафар вакили зан ва ду нафар

шоҳиди одил дар маҷлиси ақди никоҳ аст. Дар ин бора Ибни Моҷа (824-887) дар маҷмӯаи худ (“Сунани Ибни Моҷҷа”) ҳадисеро дарҷ намудааст: “Бидуни ҳозир будани валии зан ва ду нафар шоҳиди одил никоҳ таҳаққуқ пайдо намекунад”.[128]

Маросими динӣ-анъанавии бастани ақди никоҳ маъмулан бо хондани хутба оғоз мешавад. Аз дидгоҳи фиқҳи ҳанафӣ, ақди никоҳ пайомадҳоеро ба бор меоварад, ки иҷрои онҳо ба зиммаи тарафайни ақди никоҳ гузошта мешавад, аз ҷумла: ҳаққи комҷӯии ҳар яке аз онҳо бо дигаре дар сурати табиӣ ва машрӯъ, монанди муошират ва ҳамбистарӣ, пас аз оиладорӣ пайдо шудани масъулиятҳои тарафайн, бархӯрдорӣ аз ҳаққи тавлиди фарзанд, ҳаққи шаръии зан ба маҳрия. Ин паймони дутарафа ҳуқуқ ва масъулиятҳои хосу муштаракеро барои марду зан дар пай дорад, ки ҳадафи он касби саодати умумӣ ва истиқрору амнияти иҷтимоӣ мебошад.

Дар низоми ҳуқуқии мазҳаби ҳанафӣ ба масъалаи шарҳу тафсири принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Чунончи таҳлили ин низом нишон медиҳад, дар баробари он ки занҳо аз як зумра ҳуқуқу озодиҳо бархӯрдор мебошанд, дар айни замон афзалияти мард нисбат ба зан дар муносибатҳои оиладорӣ таъкид мегардад. Ин ҳақиқатро зимни таҳлили принсипҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ба таври возеҳ дарк кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар зер чанде аз ин принсипҳоро аз назари таҳқиқ мегузаронем.

А) Нобаробарии марду зан дар ҳуқуқ ва масъулиятҳо. Баъд аз он ки ақди оиладорӣ барпо мегардад ва муносибатҳои марду зан дар асоси ин ақд ба миён меоянд, дар баробари он масъулиятҳо ва уҳдадориҳое ба вуҷуд меоянд, ки марду зан дар муносибат бо ҳамдигар онҳоро амалӣ месозанд. Ҳуқуқ ва масъулиятҳое, ки онҳоро шариат дар натиҷаи ақди оиладорӣ ба зиммаи мард мегузорад, нисбат ба ҳуқуқу маъулиятҳои зан

[128] Ниг.: Ибни Моҷҷа Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язид ал-Қазвинӣ. Сунани Ибни Моҷҷа (Фасли никоҳ, ҳадиси 15). Риёз: Эҳё- ул-кутуб-ил-арабийа, 2009.

зиёдтар ба назар мерасанд. Зеро аз дидгоҳи фиқҳи исломӣ мард сарпараст ва соҳиби хона буда, роҳбарии оиларо ба уҳда дорад ва ҳимоятгари хонавода дар муқобили сахтиҳо ва бадбахтиҳо мебошад. Мард дар ҳалли ин масъалаҳо нақши калидӣ дошта, гӯё зан чун шахси дуюмдараҷа наметавонад дар ҳалли ин масоил саҳми арзанда дошта бошад.

Б) Тибқи мазҳаби ҳанафӣ шавҳар ва зан дар арсаи ақоид ва аҳкоми динӣ баробар буда, зан дар дастёбӣ ба дараҷаҳои ухравӣ ва касби савоб бо мард дар як радиф қарор дорад ва тавассути амали солеҳ ба онҳо даст меёбад. “Ҳар кас ба он чи кард, дар гарав аст, дар гарави амалкарди хеш аст”[129]. Қуръон волоияти мардро дар масоили зиндагии хонаводагӣ баён ва муқаррар намудааст: “ Ва занонро (аз ҳуқуқ бар мардон) монанди он чи ҳаст, ки (мардонро) бар занон аст, ба ваҷҳи писандида ва мардон бар онҳо бартарӣ доранд”[130].

В) Баробарии зану мард дар таълим ва касби дониши динӣ. Ислом ҳамон гуна ки ба таълими мардон тарғиб намуда, дар мавриди занон низ ба ҳамон андоза аҳамият додааст.

Назари дини ислом дар масъалаи таҳсили илму дониш аз тарафи занон, пеш аз ҳама, аз таълимоти куллии ин дин дар мавриди муносибат ба зан сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, барои возеҳтар гаштани назари ислом ба масъалаи таълиму таҳсили занон зарур аст, ки дар оғоз назари куллии ислом дар мавриди илм ва зарурати омӯзиши онро аз сарчашмаҳои асили исломӣ таҳқиқ ва ба таври мухтасар муаррифӣ намоем.

Мутолиаи манбаъҳои асили исломӣ, хусусан, Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ нишон медиҳад, ки назари ислом дар ин масъала рӯшан ва возеҳ мебошад.

Агар ба моҳияти матни Қуръон таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки илова бар амри хондан, Худованд дар онҳо воситаи дигари омӯхтани илм, яъне

---

[129] Қуръони карим (Муддассир, 38). Матни тарҷумаи тоҷикии М.Умаров. –С. 576.
[130] Ҳамон манбаъ. –С. 36.

қаламро, ки асбоби асосии навиштор ва сабту китобати илм аст, зикр менамояд. Пас, аз ин оятҳо чунин бармеояд, ки Ислом аз ҳамон оғози пайдоиши худ ҳар ду равиши аслии омӯзиши илм, яъне ҳам мутолиаву хондан ва ҳам китобату навиштанро дар назар гирифтааст. Нуктаи дигаре, ки дар Қуръон ба аҳамияти илму дониш дар таълимоти исломӣ ишорат мекунад, эътирофи мақоми баланди аҳли илм аст.

Дар Қуръон илм ҳамчун яке аз аломатҳои фазилати инсон тавсиф шуда, инсонҳои босаводу донишманд нисбат ба касоне, ки аз ин неъмат маҳруманд, ё аз касби он иҷтиноб варзидаанд, мартабаи болотар доранд. Ин мақоми аҳли илм дар сураи «Зумар» чунин омадааст: «Бигӯ, оё баробаранд касоне, ки медонанд бо касоне, ки намедонанд? Фақат хирадмандонанд, ки панд мегиранд»[131].

Чи тавре дар боло собит гашт, манбаи аввали шариати ислом, яъне Қуръон ба масъалаи илм ва омӯхтани он таваҷҷуҳи бисёр ҷиддӣ зоҳир кардааст. Талаби илмро барои мусулмонон Паёмбар Муҳаммад (с) низ таъкид кардаанд.

Аз нуқтаи назари таълимоти исломӣ, илмомӯзӣ бо диёнату ибодат сахт тавъам буда, яке дигареро такмилу тақвият медиҳад. Шахси соҳибилм аз кибру ғурур дурӣ меҷӯяд, хоксору ботавозӯъ ва обиду парҳезкор аст. Илова бар ин, омӯзиши илми динӣ навъе аз ҷиҳод шуморида мешавад ва ин мазмун дар як ҳадис ба таври сареҳ ифода ёфтааст: “Ҳар гоҳ толибилме агар дар ҳолати илмомӯзӣ аз дунё даргузарад, мақоми шаҳидро касб хоҳад кард”.

Ин эътирофи манзалати баланди толибони илм дар ислом, ки ҳам ба мардҳо ва ҳам ба занҳо дахл дорад, нишон медиҳад, ки пайғамбар ба таври сареҳ омӯзандагони илмро муҷоҳидони роҳи Худо медонад: “Касе, ки ба масҷиди ман омад ва омаданаш фақат ба хотири ин буд, ки илме биёмӯзад ва ё илме биомӯзонад, ӯ мақоми касеро дорад, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад. Ва ҳар касе, ки бо мақсаде ғайр аз ин омада бошад, ӯ мисли мардест, ки моли дигаронро тамошо мекунад».

[131] Қуръони карим. Сураи Зумар, ояти 9

Чи тавре, ки аз мазмуни оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ аён мегардад, омӯзиши улуми динӣ маҳдудияти ҷинси надорад ва фарзу суннате мебошад, ки онро бояд ҳам мард ва ҳам зан дар тӯли зиндагии худ иҷро кунанд. Ба ибораи дигар, дар ислом марду зан дар илмомӯзӣ баробарҳуқуқанд.

Инчунин, дар мазҳаби ҳанафӣ ба дӯши зан масъулиятеро гузоштааст, ки он таълим ва тарбияи фарзанд дар роҳи “сирот-ал-мустақим” (роҳи рост) мебошад. Тибқи таълимоти ҳанафӣ, зани босавод тарбияи фарзандонро, ки яке аз вазифаҳои ӯст, беҳтар иҷро карда, муҳити хонаводаро гармтару ва бо босафотар хоҳад кард.

Аз таҳқиқи таълимоти Қуръону аҳодис ва осори фақеҳони мазҳаби ҳанафӣ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки ислом дар се арса занонро мавриди икром ва эҳтиром қарор додааст:

1. Дар арсаи инсонӣ зан ба мисли мард аз рӯйи эътиқодаш инсони гиромӣ ва мавриди эҳтиром аст.
2. Дар арсаи иҷтимоӣ зан ба мисли марди хонавода ҳаққи барҳӯрдорӣ аз омӯзишро аз ҳамон синни кудакӣ то лаҳзаҳои пеш аз маргро дорад. Инчунин, ин ҳақро дорад, ки аз шуғле, ки бо фитрат, рисолат, табиату хусусияти зан будани ӯ созгорӣ дошта бошад, барҳӯрдор шавад.
3. Дар арсаи ҳуқуқӣ зан ҳамчун мард дорои ҳаққи моликият ва тасарруфи комил дар амволи худ аст, агар он ҳамчун маҳр ба зан тааллуқ дошта бошад. Ҳуқуқи молиявии зан аз ҳамон овони расидан ба синни булуғ то поёни умр, ҳатто аз ҳамон оғози таваллуд ҳифз мешавад.

Дар баробари ин, ҳам дар Қуръон ва ҳам ҳадисҳои Паёмбари ислом меъёрҳое низ вуҷуд доранд, ки маҳдудкунада ё пастзанандаи мақом ва шаъни зан менамоянд. Масалан, бо ишора ба тасаввуроти дар гузашта маъмули динӣ дар бораи аз қабурға ё рони чапи мард (Одам) офарида шудани зан (Ҳаво), таъкид кардан зарур аст, ки чунин тасаввуротҳои занситезона ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом, дар байни пайравони яҳудияю насрония низ вуҷуд доштанд, ки ба ислом низ интиқол ёфтаанд ва боиси

пайдо шудани тасаввуроти таҳқиркунанда ва пастзанандаи шаъну эътибори зан шуданд.

Аз мазмуни оят ва ҳадисҳои марбут ба зан ва оиладорӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳарчанд ислом аз мардсолорӣ берун нарафтааст, аммо барои занон ҷойгоҳи нисбатан сареҳтареро нисбат ба замони қабл аз исломии араб қоил аст. Чунин равиш минбаъд дар мазҳаби ҳанафӣ идома ёфта, намояндагони ин мазҳаби таҳаммулгаро ҷиҳати қабули расму оинҳои неки тоисломии танзимкунадаи муносибатҳои оилавӣ ва эҳё ва таҷдиду такмилу рушди онҳо дари иҷтиҳодро кушода, имкони нигаҳдории онҳоро ба вуҷуд овардаанд. Дар натиҷа, бархе аз аносири қадимаи марбут ба фарҳанги хонаводагии мардуми тоҷику форс, ки хусусияти пешрафта ва башардӯстона доштанд, тавассути сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳайси меъёрҳои иҷтимоӣ тасдиқ шуда, минбаъд дар таҳаввули мақоми иҷтимоии занон ва муносибатҳои оилавӣ дар баробари меъёрҳои шаръӣ нақши муассир гузоштаанд.

Ҳангоми муқоисаи ҳуқуқи хонаводагии зардуштӣ ва таълимоти исломӣ оид ба оила ва принсипҳову меъёрҳои ташкили он, дар бораи нақши издивоҷ дар рушди ҷомеа ва касби саодати зиндагӣ ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин ду низоми ҳуқуқӣ, яъне зардуштӣ ва исломӣ, дар баъзе маврид бо ҳам ҳамоҳангу мутавозинанд. Ҳамин ҳамоҳангӣ имконият додаст, ки анъанаҳо, урфу одатҳо ва ҷашну маросимҳои тоисломии тоҷикон ва анъанаҳои исломии онҳо бо ҳам омезиш ёфта, дар канори ҳам, дар тӯли садсолаҳо, то замони мо омада расидаанд.

БОБИ II. МАҚОМИ ЗАН ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

2.1. Хусусияти инсонмеҳваронаи таълимоти Абӯнасри Форобӣ дар бораи зан ва мақоми он дар ҷомеа

Дар қисматҳои назариявии таҳқиқоти рисола ҷойгоҳу мақоми занро дар сарчашмаҳои ғоявии мактабҳои фалсафии машшоияи шарқӣ – афкори динӣ-фалсафии Эрон, Юнони бостон ва таълимоти исломӣ ба таври мухтасар таҳлилу баррасӣ намудем. Таҳлили муқоисавии мақоми зан дар ин се сарчашмаи асосии фалсафӣ собит менамояд, ки дар воқеъ, дар таълимотҳои диннии зардуштӣ ва ислом, занон ҳуқуқу озодиҳои бештареро нисбат ба фалсафаи Юнони Қадим, бархӯрдор мебошанд. Тибқи андешаҳои фалсафии аксарияти мутафаккирони юнонӣ, махсусан, Арасту зан як инсони «дуввумдараҷа», «махлуқи гунаҳкор», «ноқисулақл», «беҳуқуқ» ва танҳо «моликияти шавҳар» дар оила ва ҷомеа дониста мешуд. Вале ин рисолат дар таълимоти «Авесто » баракс, занро мисли мард «инсони дорои шахсият», «ҳуқуқу озодиҳо» ва «вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ» эътироф карда, аз лиҳози қобилияту истеъдод ва қувваҳои ақлонию нафсонӣ бо мард баробар медонад. Ҳамчунин, ин матлаб дар китоби муқаддаси ислом ба чунин тарз зикр гардидааст: «*Ар-риҷолу қаввомуна ‘ало ан-нисо.....*» («Мардон нисбат ба занон қавитаранд (аз лиҳози ҷисм)....»). (Қуръон. Сураи ан-Нисо, ояти 34-ум)

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар ин ҷо мафҳуми қавитар танҳо ба ҷисми онҳо далолат мекунад, на ба сатҳи фикрроняшон.

Пажӯҳишгарони асримиёнагии Шарқ бар он андешаанд, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, мақому вазъи иҷтимоии арабзани мусулмон (зани шарқӣ) дар қарнҳои аввали ислом, махсусан, дар замони зиндагии пайғамбар Муҳаммад ва хулафои рошиддин дар

муқоиса ба асрҳои миёна хело беҳтар буд. Сабаби асосии ба ин варта гирифтор шудани занони асримиёнагӣ он буд, ки онҳо таҳти таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла, тафсирҳо ва фаҳмишҳои барғалату мардсолоронаи оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ гардида, ҳуқуқу озодиҳояшон дар ҷомеаи исломӣ тадричан таҳти фишор ва таъзиф қарор гирифт. Ҳамин тавр, бо тааассуф метавон гуфт, ки ғояи инсонгароёнаи авестоӣ ва қуръонӣ дар афкори асримиёнагии фалсафӣ ва ирфонии мардуми мусулмон, аз ҷумла, мардуми форсу тоҷик чандон ҳам пурра инъикоси худро наёфтааст. Ҳатто, бархе аз мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз ҷумла, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ зимни шарҳи моҳият ва мақоми зан аз афкори файласуфони Юнон ва Арасту пайравӣ кардаанд, ки ӯ мардонро зотан аз занҳо оқилтар медонист ва бо ҳамин далел мегуфт, мардон бояд ба ҳамсарон, бардаҳо ва кӯдакон раёсат кунанд. Ба андешаи Арасту, мардҳо пурҳарорат, гарммиҷоз ва фоил ҳастанд, занҳо бошанд, баръакс, беҳарорат, сардмиҷоз ва ғайрифаъол мебошанд. Ин равандро низ Афлотун ҷонибдорӣ намуда, унсури ақлро дар нафси зан нисбат ба нафси мард хеле камтар донистааст. Чунин фаҳмиши моҳияти занро Филон – файласуф ва илоҳиётшиноси яҳудӣ дар асри якуми мелодӣ боз ҳам тақвият дода, таълимоти Таврот (Аҳди қадим)-ро дар бораи пайдоиши инсон тавре тафсир намуда аст, ки тибқи он Одам намуд ва тамсиле аз хираду ақл, Ҳаво бошад намуд ва тамсиле аз дарёфти ҳиссӣ мебошад. Яъне, Филон мардро мазҳари ақлу хирад ва занро мазҳари қувваҳои ҳиссӣ пиндошта аст. Аз мазмуни ин таъбирҳо маълум мешавад, ки мутафаккирони юнонӣ ва насронӣ занро аз ақлу хирад ва қобилияти дарки ақлонии ҳақиқат ва падидаҳои олам оҷиз ва нотавон меҳисобиданд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳамин тарзи тафаккур роҷеъ ба моҳияти зан то ҳадде дар афкор ва осори бархе аз намояндагони мактаби фалсафаи машшоияи шарқӣ низ таъсир худро гузошта аст. Вале

дар муқобили ин андешаҳо бузургтарин ҳаммосасарои порсӣ Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ шуҷоати зани шарқро чунин тасвир кардааст:

Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор.
Ки номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид[132].

Шуҷоати занону духтарони тоҷик дар доманаи таърих назаррас буда, имрӯзҳо ба шакли мустақим дар арсаи зиндагӣ бо шаклҳои гуногун равнақу ривоҷ ёфтаистодааст. Сарфи назар аз фосилаи бузурге, ки дар байни даврони зиндагии ин мутафаккирон ва замони муосир вуҷуд дорад, таълимоти онҳо имрӯз низ дар рушди афкори фалсафӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва динии тоҷикон бетаъсири намонда аст. Алалхусус, метавон ба гуфтаҳои боло иштироки занони тоҷикро дар ҷанги Бузурги Ватанӣ гувоҳ донист. Ин рисолати баланди худшиносию ватандӯстии занони тоҷик буд, ки соли 1942, 11 нафар занони тоҷик бо хоҳиши худ ба ҷанг рафтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи идеяҳое, ки аз ҷониби ин мутафаккирон ташвиқу тарғиб шудаанд, барои фаҳмидани хусусиятҳои тасаввуроти гендерии муосир, дуруст дарк намудан ва шарҳ додани муносибатҳои гендерӣ дар фарҳанги миллии тоҷикон мусоидат намуд.

Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, зимни шарҳу тавзеҳ додани мақулаи ҳастӣ, мақулаҳои дугона ва мутақобила мисли рӯҳ ва модда, ҷон ва тан, сабаб ва натиҷа ва ғ. ба таври хеле фаровон истифода бурда шудаанд. Чунин таҷрибаи муқобалагузорӣ, дар фаҳмишу дарки мутафаккирони асримиёнагии мусулмон роҷеъ ба муносибати байни марду зан ва мақоми онҳо таъсир расонида, дар натиҷа мард бо сабаб, рӯҳ ва ҷон, ва зан натиҷа, модда, тан монанд ва ҳамсон карда мешуданд. Дар асоси ин далелҳои фалсафӣ, мутафаккирон тавонистанд як низоми иерархиявии гендериро ба вуҷуд оваранд. Чӣ тавре ки дар боло зикр

[132] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 2. -С.223

намудем, аксарияти пажӯҳишгарони Шарқ дар таҳлилу таҳқиқи масоили марбут ба мақом ва ҳуқуқу озодиҳои зан, тафовут ва монандиҳои зану мард, бештар ба таълимоти файласуфони Юнон, ба вижа, Афлотун ва Арасту дар бораи мақоми зан, фазолату разолат ва нақши ӯ дар азнавтавлидёбии инсон такя мекунанд.

Тафовути андешаҳои ин ду файсласуфи бузурги Юнон дар он зоҳир мегардад, ки Афлотун занро аз лиҳози имконияту қобилиятҳои ҷисмониву ақлонӣ бо мард баробар мешуморид ва барои ӯ арзишу эҳтиром ва манзалати шоистаи иҷтимоиро мансуб медонад, Арасту бошад, ба зан бештар аз мавқеи мардмеҳварӣ ва занситезӣ менигарист. Ин ду тарзи нигориш дар осори мутафаккирон ва орифони Шарқ нақши муайяне гузоштаанд, вале аз муқоисаҳо натиҷагирӣ намоем, таъсири афкори арастуӣ нисбат ба афкори афлолотунӣ дар фалсафаи исломӣ пуртаъсиртар боқӣ монда аст. Ин ҳақиқатро зимни таҳқиқи андешаҳои Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигар мутафаккирони бузурги асримиёнагии форсу тоҷик дарк кардан мумкин аст. Файласуфони зикршуда, ҳарчанд дар як сангари ғоявӣ қарор доранд, вале ихтилофоти қобили таваҷҷуҳ дар андешаи онҳо, дар масоили ҳикмати амалӣ, хусусан, дар боби оила ва мақоми зан, вуҷуд дорад.

Форобӣ бо пайравӣ аз ҳикмати Афлотун шахсияти занро аз мавқеи инсонмеҳварӣ ва фазилатмеҳварӣ тавсиф намуда, омили ҷинсиятро дар таъйини мақом ва нақши иҷтимоии зан рад мекунад.[133]

Дар муқобили гуфтори Форобӣ, андешаи Ибни Сино ва Тӯсӣ оид ба нақши зан дар оила ва ҷомеа бештар хусусияти мардмеҳварӣ ва патриархалӣ дорад. Ҳардуи ин файласуфон занро комилан тобеъи мард ва вазифаи асосии ӯро модарӣ ва ҳамсарӣ мешуморанд. Ба андешаи Ибни Сино ва Тӯсӣ, зан аслан махлуқи хонанишин аст, аз ин рӯ, аз хона

[133] Аль-Фараби. Указание пути к счастью // Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. –С. 196.

берун рафтану дар ҳаёти иҷтимоӣ ҳамроҳ ва баробар бо мардҳо ширкат намудани ӯ фасоди ахлоқӣ ва пайомадҳои дигари номатлуберо барои ҷомеа ба бор хоҳад овард.

Албатта, ин гуфтаҳо ба асрҳои миёна мутааллиқ буда, дар замони ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо зарурати фаъолияти ҳар як зан ба пеш омадааст. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки дониши баланду дасту қалби пок, метавонад, ҷаҳлу разолат ва хиёнатро аз зан дур сохта, нақши онро дар ҷомеа таъсирбахш боқӣ гузорад. Ҳанӯз аз асрҳои миёна то кунун баъзе мутаассибон ба қуръону аҳодис рӯ оварда, мавқеи занро маҳдуд карадан мехоҳанд, вале бехабар аз он ки дар қуръон омадааст: «*Инна ал-лоҳа ло янзуру ило суварикум ва амволикум локин янзуру ило қулубикум...*» («Ба дурусти ки худованд ба сурату молҳои шумо назар намекунад, балки ба дилҳои шумо назар мекунад...»).

Ин масъалаи мубрам дар таълимоти Форобӣ пурпечутоб буда, ҷойгоҳи махсусро касб кардааст. Ӯ бештари баҳсҳои худро дар бораи мақоми занон дар ҷаҳорчӯбаи таълимоташ оид ба ҷомеаи идеалӣ (ормонӣ) дар асараш «*Оро‘ аҳл ал-мадинат ал-фозила*» («Андешаҳои сокинони шаҳри фозилон») матраҳ кардааст.

Форобӣ дар пайравӣ ба андешаи сиёсии Арасту ва дигар файласуфони юнонӣ, низоми сиёсии наверо поягузорӣ карда, зимнан, дар бораи ҳуқуқи роҳбарон, хидматгорон, занон ва гурӯҳҳои дигари афроди тобеи ин низом дар ин асари мондагораш изҳори ақида намуда аст. Тафовути асосии андешаи сиёсии Форобӣ аз афкори сиёсии Арасту дар он аст, ки низоми сиёсии Арасту – як низоми мардсолорӣ (патриархалӣ) мебошад, яъне дар он зимоми умури тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар дасти мардон қарор дорад, аммо, мадинаи фозила ё худ ормонӣ (идеалӣ)-и Форобӣ бар асоси ҳамкорӣ ва мушорикати сиёсию иҷтимоӣ ва динии ҳам мардон ва ҳам занон таъсис ёфта, сабаб ва мақсади ин ҳамкорию мушорикатҳо касби фазилатҳо, таҳким ва такмили

қобилияту тавоноиҳои инсон ҳамчун махлуқи иҷтимоӣ мебошад. Ибни Сино низ дар рисолаҳои ахлоқӣ ва умуман ҳикмати амалии худ ба равобити миёни зану мард ва фарзандон таваҷҷуҳ намуда, андеша ва нуқтаи назари худро оид ба ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ хеле равшан баён кардааст. Аз мазмуни андешаҳои Ибни Сино дар бораи ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ маълум мегардад, ки таълимоти ахлоқӣ ва умуман, ҳикмати амалии Шайхурраис қисман аз таълимоти исломӣ ва қисман аз таълимоти Арасту маншаъ гирифтааст.[134]

Ибни Сино зимни баёни андешаи худ дар бораи мақоми зан дар ҷомеа, бештар ба масъалаи табақабандии нақши занон дар хонавода ба ҳайси ҳамсарӣ ва модарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ин маврид андешаҳои Ибни Сино бештар ҳамранги таълимоти динӣ мебошанд. Хоҷаи Тӯсӣ ба унвони яке аз пайравон ва шореҳони Ибни Сино, дар «Ахлоқи Носирӣ» ва асарҳои дигари фалсафию ахлоқии худ низоми фалсафаи амалии исломиро бо истифода аз таълимоти Арасту ва мутафаккирони дигари юнонӣ хеле такмил додааст. Аз нигоҳи умумӣ, андешаи ӯ дар мавриди нақши хонаводагӣ ё иҷтимоии зан нисбати Ибни Сино бо таассуби патриархалии худ фарқ мекунад. Вай дар «Ахлоқи Носирӣ» нақши занро танҳо бо хидмати шавҳар маҳдуд карда, ба ҳокимони замони худ андарз медиҳад, ки занонро дар хона нигаҳ доранд. Барои дарки амиқи ин раванд хусусиятҳо ва матолиби андешаҳои ҳар яке аз ин намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқро ба таври муфассалтар бо пешниҳоди таҳлилу баррасиҳо арзёбӣ мекунем.

Дар мавриди Форобӣ зикр кардан зарур аст, ки барои дурусттар ва амиқтар дарк кардани нуқтаи назари ин мутафаккир нисбат ба занон, мо бояд назарияи мутафаккир дар бораи мадинаи фозиларо аз назари таҳқиқ гузаронем. Форобӣ сиёсатро ҳамчун унсури ҳаётӣ ва танзимкунандаву суботбахши муносибатҳои иҷтимоӣ дар мадинаи

---

[134] М.Диноршоев. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. –С. 135.

фозила шарҳ дода, зимни таъйини омилҳои ҳаёти иҷтимоӣ аз зарурату ниёзмандии фитрии инсон ба такомули моддӣ ва маънавӣ сухан ба миён меорад ва мегӯяд: «Инсон наметавонад ба танҳоӣ ва бидуни кӯмаки дигарон, ба ҳама камолоти моддӣ ва маънавии худ ноил шавад».[135]

Яъне, ба андешаи Форобӣ, камолоти моддӣ ва маънавии ҳар як фард танҳо тавассути иҷтимоишавии ӯ имконпазир аст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё, ба андешаи Форобӣ, иҷтимоишавии инсон тибқи ниёзи фитрӣ ва табиии худи инсон аст ва ӯ ин роҳро бо ихтиёру иродаи худ, ба таври бошуурона интихоб мекунад, ё омилҳои дигари объективӣ вуҷуд доранд, ки ӯро барои пайвастан ба ҷомеа маҷбур мекунанд? Мутафаккир дар китоби «*Ат-таҳсил-ус-саъодат*» ба ин савол чунин посух медиҳад: «Фитрати ҳар инсоне ба сурате аст, ки дар баровардани ниёзҳояш барои расидан ба камоли худ, ниёзманди рафоқату муҷовират ва иҷтимоъ бо дигарон аст. Ҳамчунин, фитрати табии ӯ дар паноҳ бурдан ва маскан баргузидан бо инсонҳои дигар аст. Ҳамин маслакӣ фитрӣ далел шуда метавонад, то ки инсонро ҳайвони унсӣ ва ҳайвони маданӣ гӯянд»[136].

Дар китоби «*Ал-сиёсат-ул-мадина*» бошад, мутафаккир навиштааст: «Инсон навъе аз мавҷудотест, ки заруриёти умури зиндагӣ ва зисти ӯ пурра комил ва ё тамом намешавад, то ба ин васила, ба беҳтарин камолот ва аҳволи инсонии худ бирасад. Гоҳҳо баъзе аз ин ҳолатҳо ба ӯ тавассути иҷтимоъ ва иттифоқи ҷамъиятҳо дар як маскан ва маҳал муяссар мегардад».[137]

Аз мазмуни ин андешаҳои Форобӣ чунин хулоса бармеояд, ки мутафаккир фазилатҳо, қобилиятҳо, истеъдоду тавоноиҳо ва ниёзҳову ормонҳои фитрии инсониро ба ҳеҷ ваҷҳ тобеъ ё вобастаи ҷинсият ва

---

[135] Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города //Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – с. 229

[136] Ал-Фараби. Таҳсил ас-саʻадат. С.63.

[137] Аль-Фараби. Указание пути к счастью // Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. – Алма-Ата. 1973. – с. 198 с.

фарқиятҳои ҷинсӣ накардааст. Умуман, тибқи андешаи фалсафӣ ва сиёсии Форобӣ, ҷинсият ба ҳеҷ ваҷҳ омили таъйинкунандаи сарнавишт ва мақоми сиёсию иҷтимоии инсон буда наметавонад, балки ба ақидаи ӯ, ҳадаф аз ташкили ҷомеа ва давлат фароҳам овардани шароит ҷиҳати дастёбии ҳамаи афрод, ҳам мардҳо ва ҳам занҳо, ба фазилат ва саодати инсонӣ мебошад. Яъне, аз назари Форобӣ, ҳар як фард, хоҳ мард бошад, хоҳ зан, зотан ва табиатан имконияти касби қобилияту истеъдодҳо, илму донишҳо ва фазилату саодати инсониро дорад. Ҳамин тавр, ба қавли Форобӣ, ҷинсият, мард ё зан будани фард дар чигунагии вазъу мақоми иҷтимоии ӯ ҳеҷ гуна нақши муассире надорад. Аз ин рӯ, сабаби дар мадинаи фозила вазифаҳо ва мақоми гуногун гирифтани афродро мутафаккир бо сатҳи донишу фарҳанги ҳар кадоми онҳо вобаста мекунад. Яъне, дар мадинаи фозилаи Форобӣ ҳар як фард ҳамон мақом, вазифа ё рутбаеро дорад, ки ба он, аз нуқтаи назари сатҳи донишу таҷрибаҳои андӯхтааш, сазовор мебошад.

Аз нуқтаи назари Форобӣ, мард ва зан, агарчӣ аз лиҳози ду нерӯ – хашм ва меҳрубонӣ, аз якдигар фарқ доранд, бо ин далел, ки зан дар нерӯи хашм аз мард нотавонтар аст ва дар нерӯи меҳр аз вай тавонотар, вале ҳарду дар нерӯҳои ҳиссӣ, тахайюлӣ ва ақлӣ шабеҳи ҳамдигаранд, аз ин рӯ ҷойгоҳи онҳо дар мадинаи фозила баробар аст. Дар воқеъ, ин андешаи Форобӣ, ки зан ва мард танҳо дар нерӯи хашм ва меҳр аз якдигар фарқ мекунанд ва бо ҳам баробар нестанд, аммо дар се қувваи дигар, яъне тахайюл, ҳис ва ақл, ҳарду бо ҳам баробаранд ва билқувва имкони расидан ба фазилату саодати инсониро доранд. Комилан дуруст аст эътирофи мантиқии ин масъала, зеро моҳияти хушбинонаву прогрессивона доштани андешаи ин мутафаккири беназир мақом ва нақши иҷтимоии занро собит менамояд.

Аз мазмуни ин андешаҳои Форобӣ аён мегардад, ки ӯ барои фаҳму дарки ҷойгоҳи иҷтимоии зан ва мард ба тафовутҳои ҷинсии занону

мардон таваҷҷуҳ намекунад, балки бештар ба чигунагии қувваи нотиқа ва тасаввурии онҳо аҳамият медиҳад. Ба таъбири дақиқтар, дар осори Форобӣ нақш ва ҷойгоҳи инсон дар мадинаи фазила на дар асоси ҷинсияти онҳо, балки дар пояи шахсият будани онҳо, сифатҳо ва хислатҳои инсонии ҳар кадоми онҳо таърифу тавзеҳ дода шудааст. Баробарии марду зан дар баҳрагирӣ аз қувваи нотиқа ва мутахайила нишон медиҳад, ки ҳам мард ва ҳам зан метавонанд ба воситаи ин ду қувва ба маърифати том ноил шаванд.

Форобӣ баробарии қувваҳои тахайюл, ҳиссӣ ва ақлонии марду занро таъкид намуда, занро аз лиҳози қувваҳо, қобилияту истеъдодҳо ва фазилатҳои аслии инсонӣ бо мард баробар медонад. Ӯ муътақид аст, ки ҳарду ҷинс аз имкони дарёфти маърифат бархӯрдоранд, аз ин рӯ, ҳеҷ гуна монеае барои фаъолият намудани қувваҳои маърифатии инсон, хоҳ мард бошад, хоҳ зан, набояд вуҷуд дошта бошад. Бо ҳамин далел, метавон гуфт, назарияи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маърифатии Форобӣ ҷинсиятгаро ва ё мардгаро нест, балки як назарияи комилан инсонмеҳварона аст, ки дар он тафовути ҷинсӣ чандон эътиборе надоранд ва ҳар як инсон (мард ё зан), шаклан ва мазмунан тавоноӣ ва имконияти даст ёфтан ба маърифати ҳақиқӣ ва фазилату саодати инсониро дорад. Чунин назари инсонмеҳваронаи Форобӣ ба масъалаи таъйини мақоми зану мард дар ҷомеа дар ҳамаи асарҳои фалсафии ӯ ба таври равшан инъикос ёфтааст ва мавқеи инсонгароёнаи мутафаккирро оид ба мақоми баробари зану мард ҳам дар хонавода, ки хурдтарин ниҳоди иҷтимоӣ мебошад ва ҳам дар соири ниҳодҳои дигари ҷомеа, собит месозад.

Абӯнасри Форобӣ дар охирин асари сиёсии хеш «*Оро‘ аҳл ал-мадинат ал-фозила*» ҷамъиятро ба комил ва ғайрикомил тақсим мекунад. Манзури ӯ аз ҷамъияти комил ҷамъиятест, ки мардуми он қудрату қобилияти мустақилона қонеъ гардонидани ниёзҳои моддӣ ва маънавии

худро доранд, аммо ҷамъияти ғайрикомил ҷамъиятест, ки аҳли он чунин қудрату қобилияти мустақилона бартараф кардани мушкилот ва таъмини ниёзҳои худро надоранд. Ҷомеаҳои комилро Форобӣ ба се навъ тақсим кардааст:

1. Иҷтимои азим – ҷомеаи умумибашарӣ, ки тамоми инсониятро дар бар мегирад;
2. Иҷтимои васатӣ – мардуми як минтақа ё қора (қитъа)-и ҷаҳонро фаро мегирад;
3. Иҷтимои хурдӣ – мардуми як кишварро фаро мегирад.

Ҷамъияти ғайрикомил бошад чаҳор навъ аст:

1. Ҷамъияти деҳ, ки аз бисту ҳафт хонавода ташкил мешавад;
2. Ҷамъияти маҳалла, ки аз нӯҳ хонавода ташкил мешавад;
3. Ҷамъияти кӯйӣ, ки аз се хонавода ташкил мешавад;
4. Ҷамъияти манзил, ки аз як хонавода иборат аст.

Форобӣ ҷамъияти манзил (хонавода)-ро чунин тавсиф мекунад: «Манзил аз ҷузъҳо ва муштаракоти маҳдуде шакл мегирад ва бино мешавад, ки аз инҳо иборатанд: мард ва зан, мол ва молик, падар ва фарзанд ва маволӣ ва банда».[138]

Ба андешаи Форобӣ, ҷамъияти манзил кӯчактарин навъи иҷтимоъ аст. Таносуби байни ҳамаи навъҳои дар боло зикршудаи иҷтимоъ чунон аст, ки иҷтимои хурдтар ҷузъе аз иҷтимои бузургтар аст ва он иҷтимоъ низ яке аз унсурҳои ташкилдиҳандаи навъи нисбатан бузургтари иҷтимоъ мебошад. Ҳамин тавр, тибқи андешаи Форобӣ, манзил ё хонавода хурдтарин навъи иҷтимоъ ва ҷомеаи умумибашарӣ бузургарин навъи иҷтимоъ ба шумор мераванд.

Форобӣ инсонро мавҷуди зотан ва табиатан иҷтимоӣ меҳисобад ва муътақид буд, ки ӯ танҳо тавассути иҷтимоъ ба саодат ва хушбахтии

---

[138] Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города //Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – с. 129.

ҳақиқӣ расида метавонад. Аз нуқтаи назари Форобӣ, зан ва мард ба унвони созандагони аслии хонавода дар ин хурдтарин ниҳоди иҷтимоӣ ҷойгоҳи мушаххас ва нақши баробар доранд. Илова бар ин, мутафаккир зимни тавсифи навъҳои бузургтари иҷтимоъ низ дар ҳеҷ ҷо аз фарқияту тафовутҳои ҷинсӣ сухан ба миён наовардааст. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки боварӣ ба баробарии мард ва зан ҳам аз лиҳози нерӯҳои ҳиссию ақлонӣ, ҳам аз лиҳози имконияту қобилияти дастёбӣ ба маърифат, фазилат ва саодати инсонӣ моҳияти аслӣ ва асоси фалсафаи инсоншиносии ин мутафаккирро ташкил медиҳад. Тибқи назарияи ҳастишиносии Форобӣ, барои он, ки мавҷудот ба камолоти худ бирасад, бояд байни ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон ҳамоҳангӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳамин қонунро ӯ барои соири ҷамъиятҳои комил ва ғайрикомили тавсифкардаи худ низ маъмул медонад ва мегӯяд, ки ҳамаи аъзо ва аҷзои ин ҷамъиятҳо барои ба саодат ноил шудан, ки ҳадафи умумии онҳост, бояд ба якдигар кумак расонанд ва ҳамкорӣ кунанд. Ташкили ҳамёрӣ ва ҳамкорӣ байни аъзои ҳар кадоми ин навъи ҷамъиятҳо вазифаи сарварон ё мудаббирони онҳо мебошад. Дуруст аст, ки Форобӣ дар масъалаи сарварӣ аз як тараф, ба андешаи мутафаккирони юнонӣ, аз тарафи дигар ба таълимоти исломӣ такя намуда, ин вазифаи пурмасъулиятро ба дӯши мардҳо вогузошта аст. Вазифаи роҳбарӣ, ё ин ки сарварӣ, аз назари Форобӣ, баъзе сифатҳо, хусусиятҳо, қувваҳо ва қобилиятҳоеро тақозо мекунад, ки онҳо дар мардҳо нисбат ба занҳо бештар вуҷуд доранд ва инкишоф ёфтаанд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки сохтори идорӣ ва сиёсии Форобӣ бо сохтори ҳастишиносии вай ҳамоҳанг аст. Яъне ҳамон тавр, ки дар олами ҳастӣ як мудаббири кул (Худованд) вуҷуд дорад ва ҳамаи мавҷудот тобеи ӯ мебошанд, дар ҳар ҷомеа низ як сарваре бояд вуҷуд дошта бошад. Ҳарчанде, ки Форобӣ ба ин вазифа мардҳоро пешбарӣ мекунад, аммо назари мутафаккир ба зан ва мард, нисбат ба назари Ибни Сино,

Насируддини Тӯсӣ ва соири мутафаккирони дигари мусулмон, бештар инсоншиносона аст ва камтар дар қайд ва банди вижагиҳои ҷинсиятӣ гирифтор мешавад.

Форобӣ мақом ва нақши иҷтимоии фардро на аз ҷинсияти ӯ, балки аз сатҳи донишу маърифат, қобилияту истеъдод ва фазилатҳои инсонии ӯ вобаста медонад. Ӯ мегӯяд, ки барои рушду тараққиёти ҷомеа зарур аст, ки ҳар фард тибқи қобилияту истеъдод ва донишу таҷрибаи худ ба коре машғул бошад ва сохтори иҷтимоию сиёсӣ бар ҳасби шоистагии афрод ташкил шавад.

Ба назари Форобӣ, ҳадафи фалсафаи амалӣ, яъне ҳадафи илми ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати маданӣ – хайр ва саодат аст, ки он тавассути ҳамкорӣ, ҳамёрӣ ва дар ҳаёт ва меҳнати ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.[139]

Форобӣ барои ба касби саодат ноил шудани фард вуҷуд доштани ду омили асосиро таъкид мекунад: 1) ҷомеа; 2) қобилияту истеъдод. Яъне, инсон танҳо ҳамроҳ бо ҷомеа ва инчунин, тавассути бошуурона ва ба қадри тавоноӣ истифода бурдани қобилияту истеъдод, ақлу дониш, таҷрибаю малака ва қувваю имкониятҳои равонию ҷисмонии худ ба камол мерасад ва саодатманд мегардад. Аз ин рӯ, фард ниёзманди хонавода ва гурӯҳе аст, то дар батни он ҳар яке аз афроди он бо таваҷҷуҳ ба истеъдодҳои худ уҳдадори коре шаванд ва якдигарро барои расидан ба ҳадафҳо ёрӣ расонанд.

Тибқи таълимоти инсоншиносии Форобӣ, нерӯ ва қобилияти илмомӯзӣ ва касби маърифат неъмати илоҳист, ки дар ҳар як инсон аз ибтидо ба таври билқуввa (потенсиалӣ) вуҷуд дорад. Ин нерӯҳо дар зинаҳо ва марҳилаҳои гуногуни камолоти ҷисмонию ақлонии инсон ва раванди иҷтимошавии ӯ, таҳти таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, психологӣ, табиӣ ва ғайра шиддат ва ё заъф пайдо мекунанд. Бар асоси

[139] Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города // Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – с. 131.

ҳамин шиддат ё заъфи истеъдодҳо навъе робита байни одамон барқарор мешавад, ки он робита бо наҳваи иртиботи байни мавҷудоти ҳастӣ ҳамоҳанг аст. Бинобар ин, ҳар як инсон бояд лар раванди зиндагӣ дар иҷтимоъ аз ҳама абзорҳо барои дастёбӣ ба камол ва саодати худ истифода кунад.

Хулоса, ба андешаи Форобӣ, зиндагии иҷтимоӣ барои инсон амри зарурӣ аст, ки аз хонавода шурӯъ мешавад. Дар фалсафаи сиёсию иҷтимоӣ ва таълимоти инсоншиносии Форобӣ мафҳуму истилоҳоти ифодакунанда ё таъкидкунадаи ҷинсияти фард хеле камтар мушоҳида мешавад. Ӯ дар асарҳои фалсафии худ бештар вожаҳои «Ан-нос» («Мардум, ҷамъият»), «Аҳл-ул-мадина» («Мардуми шаҳр») ва бархе вожаҳои дигареро ба кор бурдааст, ки онҳо дорои мафҳумҳои куллӣ буда, ҳам мардҳо ва ҳам занонро фаро мегиранд. Ва ин тарзи андешаронӣ нишонгари он аст, ки Форобӣ дар фалсафаи сиёсӣ-иҷтимоии худ ҷинсиятро меҳвари таҳқиқ қарор намедиҳад, балки ҳам мард ва ҳам занро ҳамчун инсон баробар ва мутавозин мешуморад. Ба андешаи мутафаккир, ҷинсият дахолате дар инсоният надорад, вале ин ба маънои нодида гирифтани тавоноиҳо дар арсаи фаъолият ва мушорикати иҷтимоӣ нест. Дар ҳаракат ва рушду такомули ҷомеа ҳар фард бояд бар ҳасби истеъдод ва тавоноии худ масъулиятпазир бошад.

2.2. Вазифаҳои иҷтимоии зан дар фалсафаи Абӯалӣ ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ

Дар ин зербоб, ки вазифаҳои иҷтимоии зан аз нигоҳи Ибни Сино ва Нисируддини Тӯсӣ таҳлилу баррасӣ карда мешаванд, мақом, манзалат ва ҷойгоҳи он низ аз пажӯҳиш дур нахоҳад монд. Таҳқиқи мероси Ибни Сино нишон медиҳад, ки ӯ ба масъалаҳои фалсафаи амалӣ нисбат ба масъалаҳои умумифалсафӣ камтар таваҷҷуҳ дошт. Ба ақидаи Ҷ. Лей сабаби чунин камтаваҷҷуҳии Ибни Сино ба масоили фалсафаи амалӣ дар он буд, ки «мушкилоти иҷтимоӣ дар замони Ибни Сино шабеҳи мушкилоти даврони Форобӣ буданд, аз ин рӯ, аз нуқтаи назари омӯзиши ҷомеа, Ибни Сино дар муқоиса бо пешиниёнаш чизи дигаре гуфта наметавонист»[140].

Ба андешаи Сагадеев А.В. ҳанӯз то замони Ибни Сино ҳаёти сиёсии шарқи мусулмонӣ собит намуда буд, ки ташкили «давлати намунавӣ» бо истифодаи назарияи «*Оро‘ аҳл ал-мадинат ал-фозила*»-и Форобӣ ва моделҳои дигари шабеҳи он, ки мутафаккирони пешгузашта таҳия карда буданд, хаёлӣ ва татбиқнопазир мебошанд. «Дар чунин шароит, меъёрҳои ахлоқӣ ва сиёсии таҳиянамудаи Абӯнасри Форобӣ наметавонистанд дастуруламали умумӣ ва барои ҳамагон мақбул бошанд, балки танҳо метавонистанд барои шаҳрвандони оддӣ ва ҳокимоне, ки ба таври инфиродӣ ба худтакмилдиҳӣ тамоил доштанд, ба ҳайси як идеал ё усули худтакмилдиҳӣ хизмат кунанд. Аз ин рӯ, дар мероси эҷодии Ибни Сино ягон рисолаи сиёсӣ ё ахлоқӣ вуҷуд надорад, ки аз рӯйи ҳаҷм ва доираи мабҳас бо расоили сиёсию ахлоқии Форобӣ монанд ва ҳамвазн бошад»[141].

Муҳаққиқи муосири тоҷик Диноршоев М., андешаи дар боло зикршударо нисбат ба масоили ҳикмати амалӣ кам таваҷҷуҳ будани Ибни Сино дуруст мешуморад ва илова мекунад, ки Ибни Сино масоили

---

[140] Лей Г. Очерки истории средневекового материализма. М., 1962. -С.122.
[141] Сагадеев А.В. Ибн Сина. М., 1980. -С.200.

фалсафаи амалиро соҳаи асосии барномаи таҳқиқӣ илмии худ намешуморид. Вале, он чӣ дар боло қайд шуд, маънои онро надорад, ки Ибни Сино ба таҳқиқоти худ ба масъалаҳои фалсафаи амалӣ (иҷтимоӣ) аҳамият надодааст, балки ӯ дар асарҳояш «Шифо», «Наҷот», «Донишнома», «Дар бораи саодат», «Дар бораи ноил шудан ба саодат» ва як қатор расоили дигари худ масъалаҳои асосии фалсафаи амалӣ (иҷтимоӣ) -и даврони худро кӯтоҳ, вале дақиқ таҳлил кардааст[142].

Яке аз ин масъалаҳои мубрами зикршуда мақом ва нақши иҷтимоии зан мебошад, ки Ибни Сино дар мабҳаси тадбири манзил дар қисматҳои низоми ҳикмати амалии худ, ки дар он тарзу усулҳои идораи манзил, муносибат ва мушорикати мард бо зан, фарзанд, бандагон ва хидматгорон, танзими умури манзил, васоити меҳнат, моликият ва сарвати хонаводагӣ таълим дода мешаванд, таҳқиқ намудааст.

Ба гуфтаи Ибни Сино, ҳар як фард танҳо ба шарти пайвастану муттаҳид шудан бо гурӯҳ ё ҷамоати ҳамаслакони худ ё ба истилоҳи имрӯза, танҳо тавассути иҷтимоишавӣ ба ҳаёти фараҳмандона ва хайру саодат ноил шуда метавонад. Ӯ шакли ибтидоӣ ва содатарин ниҳод ё иттиҳодияи ҷамъиятиро хона (оила) меномад. Таҳлили асарҳои ба ин масъала дахлдори мутафаккир нишон медиҳад, ки вай пайдоиш ва ташаккули оиларо бо зарурати ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ, инчунин, нигоҳ доштан ва идома додани насли башар пайваст мекунад. Ин маънои онро дорад, ки мутафаккир дар оила, аввалан, ячейкаи иқтисодии таъмини воситаҳои зиндагӣ, дуввум, усули истеҳсоли бевоситаи ҳаёт (тавлиди фарзандон)-ро мебинад, ки ба воситаи он инсоният боқӣ мемонад ва ҳаёти ҷомеаи инсонӣ аз насл ба насл идома меёбад. Вазифаи якуми оиларо муҳокима карда, ӯ дар рисолаи «Тадбири манзил» навиштааст: «Ҳамаи афрод аз подшоҳ то раият ба ғизо ва ҷамъоварию захира кардани он барои рӯзҳои душвор ниёз доранд...

[142] Диноршоев М. Компендиум философии Ибн Сины. Душанбе, 2010. –С. 225.

Инсон ба маконе ниёз дорад, ки чизҳои барои рӯзҳои душвор дар дастдоштаашро дар он макон нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, инсон маҷбур аст, ки барои худ хона ва манзил созад. Вақте ки инсон хона сохти молу мулки барои рӯзҳои душвор ҷамъовардаашро дар он ҷо гузошт, ба шарике ниёз пайдо кард, ки мебоист чизҳои ҷамъовардаи ӯро аз дуздию ғорат муҳофизат кунад.... Ҳамин тавр, инсон маҷбур шуд, барои ҳифзи моликияти ҷамъовардааш муовинеро барои худ интихоб кунад. Аммо, ҳеҷ кас наметавонад муовини сазовори ӯ шавад, ба ғайр аз зан»[143].

Аммо барои он ки иттифоқи зану шавҳар пойдору устувор бошад, шавҳар – сардори оила вазифадор аст, ки сиёсати зеринро нисбат ба зан пеш барад: 1) занашро бо ҳайбат ба эҳтиром кардани худ водор кунад, то занаш аз вай битарсад ва аз фармонаш сар напечад. Аммо чунин тарзи муносибати шавҳар бо зан ба шарте натиҷа медиҳад, ки агар шавҳар шаъну шараф, нангу номус, виҷдон ва дину имони худро пок нигоҳ дорад ва инчунин ба ваъдаҳояш вафо кунад; 2) ба зан эҳтиром нишон диҳад ва шароити беҳтарини зиндагиро фароҳам орад, нисбат ба ӯ хушбовар бошад ва бадрашкӣ нишон надиҳад; 3) коре кунад, ки фикри завҷааш доимо ба корҳои муҳими оилавӣ машғул бошад, то ӯ ба сари фикри мардҳои бегона ва хиёнаткорӣ роҳ наёбад. Ибни Сино бо назардошти муқаррароти шариати ислом, таъкид мекунад, ки занон бояд ҷихати ҳифзи номусу иффат ва иззату шарофати хеш сатр бипӯшанд ва худро аз назари бегонагону номаҳрамон пинҳон доранд.[144]

Ибни Сино мардро аз таваҷҷуҳ ба зани дигаре, ба ғайр аз занаш ва ҳамду санои зани дигаре дар назди ҳамсараш ҳушдор дода, мегӯяд, ки чунин рафтори мард, ки рукни хонавода аст, боиси бадбинӣ ва адовати байни зану шавҳар мегардад. Аз ин рӯ, беҳбудии оила ва зарурати пайравӣ аз фазилатҳои ахлоқӣ талаб мекунад, ки шавҳар аз ин рафтор худдорӣ кунад. Ибни Сино зарурати ба корҳои муфид машғул доштани

[143] Абуали ибн Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. - С.15.
[144] М.Диноршоев. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. Душанбе – 2012. С. 137.

занонро таъкид карда, ишора менамояд, ки агар зан бекор бошад, аз назари ахлоқӣ ба бероҳа кашида мешавад, эҳсоси пучӣ ва беҳудагӣ мекунад ва ба корҳои лағву бефоида машғул мешавад. Аз ин рӯ, мард бояд занашро бо корҳои муҳим банд кунад.

Ибни Сино нақши занонро дар таҳкими оила ва муносибатҳои оилавӣ баҳои баланд додааст. Шайхурраис дар ин рисолаи «*Ал-сиёсат*» як боби алоҳидаро ба тавсифи равоншиносонаи сифоти зан ва чигунагии сиёсати зан бахшидааст. Дар он мутафаккир мардҳоро бо симои ахлоқии зани идеалӣ шинос намуда, сипас тарзи дурусти муносибат кардани шавҳарон бо ҳамсаронашонро аз дидгоҳи ҳикмат ва шариати исломӣ шарҳу тавзеҳ додааст. Ибни Сино таъкид мекунад, ки муносибати шавҳар бо завҷааш бояд тавъам бо ҳайбат ва каромат бошад ва шавҳар бояд ҳамеша хотири завҷаашро ба кори хона, тарбияи фарзандон, тадбири хидматгорону канизакон машғул дорад. Ӯ чунин мешуморад, ки зани хушахлоқу покдоман ва ботақво шарики хуби шавҳар дар моликият, нигаҳбони амволи ӯ, муовини ӯ дар хона ва мураббию парастори фарзандони ӯ мебошад[145].

Аз нигоҳи ӯ, зани беҳтарин он аст, ки оқилу бомаърифат, боимону шармгин ва зирак бошад, шавҳарашро сидқан дӯст дорад, босамару итоаткор, ростқавл ва самимӣ бошад, ҳангоми дар хона набудани шавҳараш корҳои хонаро дуруст идора карда, ба анҷом расонида тавонад, вақти хидмат ба шавҳараш ҷиддӣ, оромона, таъсирбахш ва хоксорона рафтор кунад, кору вазифаҳояшро хуб донад, нисбат ба молу сарвати шавҳараш сарфакор бошад ва ғайра.

Ибни Сино аҳамияти бузурги иҷтимоии издивоҷро дар таъмини идомаи насли инсонӣ таъкид карда, мегӯяд, ки зино, фаҳшу фоҳишагарӣ ва ҳар гуна роҳҳои ғайришаръии комҷӯй шаҳватронӣ бояд аз ҷониби ҷомеа сахт ҷазо дода шаванд, зеро ҳадафи онҳо тавлиди насл нест ва ба

[145] Абуали ибн Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. –С. 22.

раванди издивоҷи қонунӣ ё ин ки никоҳи шаръӣ монеъ мешаванд. Ин гуна кирдор ба қавли Ибни Сино ба ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа зарари ҷуброннопазир меоранд, боиси харобшавии муносибатҳои оилавӣ шуда, ба вайроншавии оила ва таназзули пояҳои муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонанд. Ибни Сино таъкид мекунад, ки издивоҷ аввалин чизе аст, ки бояд бо қонун муайян карда шавад. «Он (яъне, издивоҷ. -А.И.) бояд ошкоро гузаронида шавад, то дар бораи пайдоиши (насл) ҳеҷ шакку шубҳае набошад ва дар ин замина ҳеҷ гуна нофаҳмиҳо дар мавриди супоридани мерос, ки асоси сармоя мебошад, боқӣ намонад. Зеро зиндагӣ бидуни сармоя ғайриимкон аст»[146].

Шайхурраис монанди Форобӣ ба як мавҷуди табии-иҷтимоӣ будани инсон муътақид аст ва аз ин ҷиҳат саодати одамонро дар ҳамзистӣ, ҳамкорӣ ва ҳамёрии онҳо мебинад. Аз назари Ибни Сино нахустин ва хурдтарин зинаи ҷомеа хонавода аст, ки тариқи издивоҷ таъсис дода мешавад ва вазифаю ҳадафи асосии он тавлиду тарбияи насл мебошад. Ба андешаи Ибни Сино, даъват кардани мардум ба издивоҷ ба мақсади тавлиди насл кори хайру савоб ва воҷиб аст, зеро издивоҷ сабаби бақои инсоният аст.

Ибни Сино мутмаин аст, ки издивоҷ муҳаббатро байни ҳамсарон мустаҳкам мекунад, зеро муҳаббат, аз дилбастагӣ, дилбастагӣ аз одат, одат бошад аз зиндагии якҷоя маншаъ мегиранд[147]

Умуман, Ибни Сино дар «Шифо» ва асарҳои дигари фалсафии худ функсияҳои иқтисодӣ, амниятӣ ва тарбиявӣ-иҷтимоии оиларо ба таври дақиқ шарҳу тавзеҳ дода, барои ҳифз ва амалӣ кардани ин функсияҳо вуҷуди як раис ё сарвар дар оиларо ҳатмӣ мешуморад. Аз нуқтаи назари Ибни Сино, вазифаи сарварии оила ба дӯши мард аст ва ҳамаи аъзои оила, аз фарзандон гирифта то ҳамсар ва хидматгорон, бояд ба ӯ итоат кунанд.

---

[146] Абуали ибн Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. –С. 23.
[147] Ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. -С.26.

Ибни Сино исрор менамояд, ки барои тақвияту шаффофияти меъёрҳои шаръии издивоҷ, гирифтани пеши роҳи талоқ, ки омили асосии вайроншавии оила мебошад, чораҳои қатъӣ андешида шаванд. Зеро талоқ, яъне аз ҳам ҷудо шудани зану шавҳар боиси аз падар ё модар ҷудо шудани фарзандон шуда, ба таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Яке аз василаҳои таъсирбахши пешгирӣ аз густариши талоқ, ба ақидаи Ибни Сино, ҳамеша ба ҳамсарон хотиррасон кардани ҳадиси пайғамбар дар бораи он аст, ки зан пас аз се маротиба изҳор кардани калимаи талоқ, барои шавҳари худ (аз лиҳози шариат) дастнорас мегардад. Аммо, Ибни Сино аз андешаи умуман иҷозат надодани талоқ дур аст. Баръакс, вай бовар дорад, ки дар ҳолатҳои мушаххас талоқ (яъне аз ҳам расман ҷудо шудани ҳамсарон) мумкин аст. Ин пеш аз ҳама ба ҳолатҳои бо ҳам номувофиқ будани табъу миҷоз ва хусусиятҳои равонии ҳамсарон дахл дорад. Ӯ чунин мепиндорад, ки баъзе табъҳо, наметавонанд бо табъҳои дигар омезиш дода шаванд, аз ин рӯ, ҳар чӣ қадар барои бо ҳам созиш кардани онҳо талош кунанд, ҳамон қадар зиддият ва ихтилофи байни онҳо афзоиш меёбад. Ҳолати дуюме, ки дар он Ибни Сино талоқро мумкин мешуморад, барои ба дунё овардани насл қобилият надоштани зану шавҳар мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки шояд зану шавҳар фарзанде ба дунё наоранд, аммо вақте ки ҳамсарон ҷудо мешаванд ва ҳар кадом бо ҷуфти наве издивоҷ мекунанд, эҳтимол дорад, ки онҳо фарзанд ба дунё оранд.

Дар хулосаи таҳлили ғояҳои Ибни Сино дар бораи муносибати зану шавҳар дар оила, бояд қайд кард, ки нуқтаи назари ӯ ба ин масъала мутобиқ бо таълимот ва шариати исломист. Ин хусусияти афкори оилавии Ибни Сино дар андешаи ӯ оид ба сифатҳо ва вазифаҳои зан хеле равшан аён мегардад. Ибни Сино менависад, ки зан бояд оқилу парҳезгор, ботақво, нисбат ба шавҳараш ҳалиму фармонбардор бошад

ва ба корҳое, ки муошират бо мардони бегонаро тақозо мекунанд, машғул нашавад.

Ибни Сино таъкид мекунад, ки на танҳо волидон барои фарзандон масъуланд, балки кӯдакон низ барои волидони худ масъулиятҳои муайян доранд. Онҳо бояд дар ҳама чиз ба онҳо итоат кунанд, дар ҳама масъалаҳо ба онҳо кумак кунанд, инчунин, ҳангоми бемории волидон ва пиронсолии онҳо ба онҳо ғамхорӣ кунанд. Манфиати амалии ин тавсияҳо, ҳатто барои оилаи муосир низ, хеле бузург аст ва ҳеҷ ҷои шубҳа карданро барои муҳаққиқон боқӣ намегузорад.

Як нуқтаи муҳим, ки мавриди таъкиди Ибни Сино қарор гирифта аст, тарбияи шахсияти зан тавассути ҳамсар мебошад. Яъне, шавҳар вазифадор аст, ки ҳамсарашро ҳамеша аз як тараф бо ҳайбату салобат, аз тарафи дигар бо муҳаббат ва ҷуду карами худ фаро гирад. Ӯ муътақид аст, ки чунин муносибат барои таҳзиби ахлоқии зан мусоидат карда, ӯро аз феълу атвори бад ва разоил дур мекунад. Ибни Сино корҳои хона ва рӯзгорро барои зан на ҳамчун як вазифа ё шуғли пурмасъулият, балки ҳамчун як ҳуқуқи иҷтимоии зан таъбир мекунад ва мардро барои татбиқ ва таъмини ин ҳуқуқи зан масъул медонад. Дар ин хусус, Ибни Сино дар «*Рисола андар ахлоқ*» чунин навиштааст: «Шавҳар бояд занро доиман ба умури хонаводадорӣ ва тарбият ва идораи фарзандон машғул кунад, то вақти фароғат зан ба корҳое, ки мумкин аст ба равобити солим осеб расонад, сарф нашавад, вагарна, зан ба зиннат ва ороиш барои мардони бегона мепардозад ва дар натиҷа эҳтироми мутақобили зан ва мард аз миён меравад»[148].

Ибни Сино симои идеалии ботиниву зоҳирии занро чунин тасвир менамояд: «Дар ҳақиқат, зани солеҳа шарику рафиқи шавҳари худ дар манзили ӯ мебошад ва ҳангоми ғоиб будани шавҳараш ӯро муовинат намуда, хоҷагиашро идора мекунад. Ва зани беҳтару хубтар ҳамон аст,

[148] Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 2. –С.649

ки боақлу тамиз, худотарс, бошарму ҳаё, зираку заковатманд, мушфиқу меҳрубон, ҳалиму нармгуфтор, камгапу хоксор, сарфаю сароиштакор, ба шавҳараш вафодор, зеборӯ, хушқомату хиромон, тезкор ва фармонбардори шавҳари худ бошад, корҳои хоҷагиро хуб ба анҷом расонида, бо қобилияти худ хоҷагӣ ва дороии шавҳарро афзун ва ками ӯро зиёд карда тавонад, бо навозишу меҳрубонии шавҳарашро фаро гирад ва ғаму хастагии ӯро бартараф созад»[149].

Ибни Сино сифатҳоеро, ки хоси зани солеҳа мебошанд, зикр намуда, ин феҳристро чунин идома медиҳад: «Ӯ бояд донову ҳаким, мутадайин, шармгин, оқила, ҳушманд, мӯнису хушгуфтор, серфарзанд, кӯтоҳзабон, мутеъ, дилсоф ва орӣ аз нозу карашма бошад, дар набудани шавҳараш моликияти ӯро нигоҳбонӣ кунад, сабур ва ором, таҳаммулкор, бузургманиш, бошад, ҳангоми хизмат расонидан ба шавҳар кӯтоҳӣ ва саркашӣ накунад, балки амри хоҳиши ӯро итоат кунад, корҳои худро бошуурона ба иҷро расонад, сарвати ками шавҳарашро афзун кунад ва ӯро ҳангоми безобита ва ноором буданаш таскин диҳад»[150].

Ибни Сино инчунин се принсипи асосиро номбар кардааст, ки тавассути корбурди онҳо шавҳар метавонад завҷаи худро дуруст идора ва назорат кунад:

1. Шавҳар ҳамеша бо завҷаи худ ҷиддӣ сухан гӯяд, то ин ки завҷааш аз ӯ битарсад ва ӯро фармонбардорӣ кунад;
2. Шавҳар бояд шаъну шараф ору номус ва фазилатҳои завҷаи худро ҳамеша ва пурра эҳтиром намояд;
3. Фикри аъзои хонавода бояд ҳамеша ба корҳои арзанда машғул бошад[151].

Баъдан, Ибни Сино мазмуни ҳар яки ин принсипҳоро шарҳ дода, менависад: «Агар зан аз шавҳари худ натарсад, онгоҳ ӯро эътино ва

---

[149] Ибни Сино. Тадбир ул-манзил –С. 33-34.
[150] Ибни Сино. Ҳамон асар. –С.34.
[151] Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т. 1. –С34.

итоат намекунад, ба панду насиҳатҳои ӯ гӯш намедиҳад. Ба ин қаноат накарда, ӯ шавҳарашро ба худ тобеъ мекунад ва шавҳарро ба зери фармони худ медарорад. Дар натиҷа зан хоҷа мешавад ва шавҳар хизматгор. Вой бар ҳоли чунин шавҳар! Сабукфикрӣ ва худкомагиҳои чунин зани саркаш, бешармӣ ва бевафоиҳои ӯ ба сари шавҳари ӯ бадбахтиҳо ва талхиҳои зиёде меоранд!»[152].

Ҳамин тариқ, Ибни Сино таъкид мекунад, ки тарси зан аз шавҳар асоси сиёсати шавҳар дар муносибат бо зан мебошад. Ақидаи худро дар бораи тарсидани зан аз шавҳар шарҳ дода, Ибни Сино таъкид мекунад, ки шавҳар бояд боору номус, диндор ва покнажод бошад, ваъдаҳо ва таҳдидҳои худро ҳамеша иҷро кунад. Роҷеъ ба муносибати шавҳар бо завҷаи худ сухан ронда, Ибни Сино эҳтироми шавҳар нисбат ба завҷаашро дар татбиқи се усул мебинад:

1) Шавҳар завҷаашро ҳамаҷиҳата таъмин ва нигоҳубин мекунад;

2) Шавҳар завҷаашро азоб намедиҳад ва амволашро азхуд намекунад;

3) Шавҳар ақлу ҳуши завчаашро бо корҳои хубу фоиданок машғул медорад.

Ба андешаи Ибни Сино, «…агар зан бе кор ё бо корҳои худ сарсарӣ машғул шавад, онгоҳ ӯ бештар ба вақтхушӣ, ороишу худнамоишдиҳӣ тамоюл мекунад. Сипас, ӯ эҳтироми шавҳарро кори барои худаш пасту нолоиқ меҳисобад»[153].

Ҳамин тавр, Ибни Сино дар асарҳои худ ғояи итоат ва тарси зан аз шавҳарро ҳамчун муҳимтарин усули муносибатҳои занушавҳарӣ тарғиб намуда, доираи ҳаёт ва фаъолияти занро ба таври қотеъ танҳо дар ҳудуди оила маҳдуд мекунад. Масъулияти асосии шавҳар аз он иборат аст, ки ӯ бояд ақлу ҳуши завҷаашро ҳамеша бо корҳои оила ва хоҷагидорӣ машғул дорад, баръакси ҳол, меандешад Ибни Сино, зан метавонад «вайрон» шавад ва вазифаи асосии худ – яъне эҳтирому итоат

[152] Ибни Сино. Ҳамон асар. –С. 34-35.
[153]Ибни Сино. Тадбир ул-манзил. –С. 36.

намудани шавҳарашро фаромӯш кунад. Ӯ танҳо дар як маврид бояд аз худ ташаббус нишон диҳад: бо ҳар роҳ дили шавҳарашро ёбад ва таваҷҷуҳ ва ғамхориву муҳаббати шавҳарашро нисбат ба худ зиёд намояд.

Бояд эътироф намуд, ки назари Ибни Сино ба мақом ва нақши зан нисбат ба назари инсонмеҳваронаи Форобӣ бо хусусияти мардсолорони худ фарқ мекунад. Ибни Сино мақом ва нақши иҷтимоии занро маҳдуди фазои хонаводагӣ карда, вазифаи асосии ӯро тавлиду тарбияи фарзанд ва итоату мушорикат бо мард дар корҳои оила мешуморад.

Дар муқоиса бо Ибни Сино, нигоҳи пайрав ва идомадиҳандаи дигари анъанаҳои мактаби фалсафӣ-арастуии машшоияи шарқӣ Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба мақом ва нақши иҷтимоии зан боз ҳам бештар хусусияти мардмеҳварӣ дорад. Муҳимтарин асаре, ки дар он Насируддини Тӯсӣ аз тадбири манзил, ҷойгоҳи ахлоқ дар ҳаёти оилавӣ ва зимнан, ҷойгоҳи зан дар хонавода сухан гуфтааст, «Ахлоқи Носирӣ» мебошад. Насируддини Тусӣ манзилро иборат аз муносибати хос миёни зану шавҳар, волидайн ва фарзандон медонад. Ба қавли ӯ, ҳадаф аз тадбири манзил эҷоди низоме мебошад, ки сабаби осоиши ҷисмӣ, иҷтимоӣ, зеҳнии аҳли оиларо фароҳам меоварад. Вазифаи падар дар барқарор кардани адолат миёни афроди хонавода аст. Мутафаккир барои суботи оила ва бақои насл сарвату дороиро зарур меҳисобад. Вале дар мавриди роҳу воситаҳои ба даст овардани сарват изҳор мекунад, ки «бояд саноати хуб ихтиёр кард ва ҳеҷгоҳ набояд муртакиби ҷабр ва таслими ор шуд»[154].

Яъне, Тӯсӣ таъкид мекунад, ки ягона роҳи дурусти ба даст овардани сарвату мол касбу кор ва меҳнати ҳалол мебошад. Мутафаккир захираи молро амали дурандешона дониста, шарт мегузорад, ки ин амал

[154] Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. –С. 167.

аз рӯи ҳирс ва бухл набошад, ҳамчунин, сабаби машаққати аъзои хонавода ҳам нашавад. Дар мавриди харҷи умумӣ риояти адлро муҳим ҳисобида, сарфи молҳое, ки дар он исроф вуҷуд дорад, ҷоиз намедонад. Насируддини Тӯсӣ ҳадафи аслии издивоҷро дар тавлиди насл ва ҳифзи мол мебинад. Зан, ба ақидаи ӯ, бояд дорои сифатҳои иффат, ҳаё, раҳмдил бошад. Болотарин сифати занро итоат ба шавҳар меҳисобад. Барои иҷрои тадбири манзил шавҳар бояд дорои ҳайбат ва нисбат ба занаш карим бошад. Мутафаккир ба ҳар мард доштани танҳо як занро маслиҳат дода, дузанию серзаниро кори нописанд мешуморад ва онро сабаби аз байн бурдани низоми хонаводагӣ меҳисобад. Ба қавли мутафаккир мард бояд асрори зиндагии худро нигаҳ дошта, онро ба ҳамсараш боз нагӯяд. Ӯ мардро дар манзил монанди дил дар бадан тавсиф мекунад. Дар мавриди тарбияи фарзанд Насируддини Тусӣ бар он ақида аст, ки фарзандонро бояд хеле хуб тарбия кард, дар бораи одоби таом хӯрдан, либос пӯшидан, сухан гуфтан, тарзи дуруст рафтор кардан ва ҳамчунин, дар ҷомеа дуруст сухан рондаро низ пешниҳод мекунад, ки онҳоро ба фарзанд ҳамчун санъати хос, таълим бояд дод. Духтарон бошанд, бояд тавре тарбия шаванд, ки дар оянда ҳамсарон ва модарони шоиста гарданд. Ба қавли мутафаккир фарзандон бояд ҳуқуқи падару модарро риоят кунанд ва ба онҳо эҳтиромі хос қоил шаванд[155].

Насируддини Тӯсӣ вазифаи занро танҳо иборат аз тарбияи фарзандон ва итоат аз шавҳараш медонад. Ӯ зимни таъйину тавсифи ҳуқуқи падарон ва модарон нисбат ба фарзандон ва зикри далоили он, ҳуқуқи падаронро дар масоили рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ ва ҳуқуқи модаронро дар таъмини ниёзҳои дунявӣ зикр карда аст. Вай муътақид аст, ки модар танҳо дар тавлиди фарзанд ва парвариши ӯ ба ҳангоми ширхорагӣ нисбат ба падар нақши бештар дорад, аммо дар тарбияи минбаъдаи

[155] Таърихи фалсафаи тоҷитк. Ҷ.2. –С. 549-550.

ҷисмонию рӯҳии фарзанд нақши падар бештар ва таъсиргузортар аст. Ба ибораи дигар, мутафаккир нақши падарро маънавӣ ва фикрӣ ва нақши модарро моддӣ ва ҷисмонӣ медонад. Ба ҳамин далел ӯ тамоми нақши тарбияти рӯҳонӣ ва ҷисмонии фарзандро мутааллиқ ба падар медонад ва ҳуқуқи ӯро нисбат ба ҳуқуқи модар бартар ва болотар мешуморад. Умуман, Насируддини Тӯсӣ дар китобаш «*Ахлоқи Носирӣ*» дар бораи ҷойгоҳи зан сухан ронда, нақши ӯро танҳо иборат аз модарӣ ва ҳамсарӣ донистааст. Ҷойгоҳе ки мутафаккир барои зан таъйин кардааст, ҳамон мақоми классикие ҳаст, ки дар фарҳангҳо ва суннатҳои ҷомеаи исломӣ ҳузур дорад. Яъне, ин ҷойгоҳ хонавода аст, ки занро ба модар табдил медиҳад. Мутафаккир нақши зан дар хонаводаро дар ҳамли нӯҳмоҳаи фарзанд, таҳмили дарду ранҷи таваллуди фарзанд, тағзия ва парвариши кӯдак ҳангоми ширхорагӣ, инчунин, мусоидату муовинат бо шавҳар дар тарбияти ҷисмонии фарзандон дар айёми хурдсолӣ ва наврасии онҳо дидааст. Аммо ба андешаи мутафаккир, нақши падар, ки нахустсабаби ба вуҷуд омадани фарзанд аст, нисбат ба нақши модар, ки нӯҳ моҳ бори ҳамли фарзандро кашида ӯро бо сад дарду ранҷ таваллуд мекунад, хеле муҳимтар мебошад.

Мутафаккир падарро масъули тарбия ва камолоти ахлоқӣ, ақлонӣ ва ҷисмонию равонии фарзанд мешуморад. Ба қавли ӯ, маҳз падар аз тариқи таъмини озуқа ва сарулибос барои касби камолоти ҷисмонии фарзанд мусоидат намуда, барои камолоти нафсонӣ ва ташаккули шахсияти ӯ шароит фароҳам меорад, ӯро ба омӯхтану касб кардани ахлоқу одоб, илму ҳунар ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунад. Дар воқеъ, Насируддини Тӯсӣ масъулияти тарбияи ахлоқӣ ва таълиму тадриси фарзандро куллан ба дӯши падар мегузорад, аммо модар барои таълиму тарбияи фарзандонаш масъул нест, балки танҳо муваззаф аст, ки дар ин масъала ба падари фарзандонаш ба ҳайси як мушовир кумак расонад. Ба

андешаи мутафаккир, зан қодир ба роҳбарӣ ва ҳидояти кӯдак ба такомули ахлоқию ақлонӣ нест.

Мутафаккир бо таваҷҷуҳ ба нақшҳои гуногуне, ки волидайн дар мавриди фарзандон доранд, таъкид мекунад, ки муносибати фарзанд бо падар нисбат ба муносибати ӯ бо модараш фарқ мекунад. Дар нигоҳи вай, аз он сабаб, ки нақши модар ҳамчун тавлидкунанда, ғизодиҳанда ва парваришкунандаи фарзанд бештар ҷисмонӣ мебошад ва таваҷҷуҳу иноятн модар бар фарзанд маҳсустар аст, аз ин рӯ, кӯдакон дар ҳамон ибтидои зиндагӣ ин нақшро эҳсос мекунанд ва муҳаббату алоқаи худро бештар нисори модар мекунанд. Аммо бо таваҷҷуҳ ба нақши фикрӣ ва маънавии падар ва номаҳсус будани он, дарки он барои фарзандон маъмулан пас аз балоғати фикрӣ муяссар мешавад. Аз ин рӯ, муносибати фарзанд бо падар мисли муносибати ӯ бо модараш эҳсосотӣ нест, балки як муносибати ақлонӣ мебошад, ки бештар дар шакли итоату эҳтиром, зикри хайру бузургдошти хотираи падар ифода меёбад. Насируддини Тӯсӣ менависад: «Ва ба ин қазия адои ҳуқуқи падарон ба базли тоати хайру дуо ва сано, ки рӯҳонитар аст, зиёдат бояд ва адои ҳуқуқи модарон ба базли мол ва аёр ва асбоби маишат ва анвои эҳсос, ки ҷисмонитар бошад, зиёдат бояд»[156].

Насируддини Тӯсӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» дар бораи усулҳо ва равишҳои интихоби ҳамсар низ муфассл сухан рондааст. Мутафаккир ин масъаларо низ аз мавқеи мардсолорӣ баррасӣ намуда, корҳоеро, ки ҳар як марди издивоҷкунанда барои соҳиби як оилаи хуб шудан бояд анҷом диҳад, номбар кардааст. Ба қавли мутафаккир, «набояд ба далели шаҳват ҳамсар интихоб кард. Интихоби ҳамсари бояд бо далели ду чиз бувад: ҳифзи мол ва талаби насл, на ба хотири шаҳват ё ғарази дигар ағроз»[157].

---

[157] Туси, Н.. Ахлаки Насири. –С152.

Мутафаккир марди издивоҷкунандаро маслиҳат медиҳад, ки ҳангоми интихоби ҳамсар фирефтаи ҳусну ҷамол ва молу сарвати зан нашавад. Ӯ муътақид аст, ки интихоби ҳамсар бояд бар асоси ақлу заковат, шарму ҳаё ва иффату покдомании зан бошад. Ин тавсияи Насируддини Тӯсӣ бо суннатҳои исломии бунёди оила ва хонадорӣ комилан ҳамоҳанг аст. На танҳо дар замони мутафаккир, балки дар замони муосир низ дар аксарияти кишварҳои исломӣ, занонро бештар бо покдоманӣ ва ҳамсардориашон мешиносанд ва ба нақши иҷтимоии онҳо нисбатан кам таваҷҷуҳ мекунанд. Ба ақидаи Насируддини Тӯсӣ, аз амвол ва сарвати зан истифода кардани мард боиси коҳиши шаъни ӯ ва нузули ҷойгоҳаш мешавад, чунки дар сурати дар моли зан тасарруф кардани шавҳар, зан ӯро ба манзалати як хизматгор ё як зердасти худ мешуморад ва аз итоати ӯ берун мешавад. Чуноне ки мутафаккир меандешад, масъулияти иқтисодии манзил ба уҳдаи мард аст, ва агар ин масъулият аз дӯши мард ба дӯши зан интиқол ёбад, ҷойгоҳи мард ва зан низ мутаносибан тағйир меёбад.

Барои ҳифзи низоми мардсолоронаи ҳаёти оилавӣ, Насируддини Тӯсӣ ба мардҳо тавсия медиҳад, ки бо ҳамсаронашон бо камоли шафқат ва муҳаббат муносибат кунанд. Чунки, агар зан ба муҳаббат ва шафқати шавҳар фаро гирифта шавад, онгоҳ зан ба хотири ҳифзи чунин таваҷҷуҳ, тамоми кӯшиши худро ба иҷрои корҳои рӯзгору хоҷагидорӣ ва итоату хизмати шавҳар сафарбар хоҳад кард. Аз ҷумлаи дигар амалҳое, ки мутафаккир ба мардҳо анҷом додани онҳоро барои танзими корҳои оила ва суботи оила зарур мешуморад, эҳтиром ва мадоро бо зан, эҳтиром ба хешони зан, бартар нашуморидани ягон зани дигар аз зани худ, тадбири дурусти корҳои оила мебошанд. Насируддини Тӯсӣ мисли Ибни Сино мегӯяд, ки зан мудом бояд ба анҷоми корҳои хона, нигоҳубини фарзандон ва хизмату ёварӣ ба шавҳар машғул бошад, вагарна, ӯ ба амалҳое даст мезанад, ки боиси халалдор шудани назми ҳаёти оилавӣ

мешаванд. Аз ин рӯ, ҳамеша шавҳар бояд зеҳни зани худро ба корҳои муҳим ва фикри рӯзгор машғул бидорад. Мутафаккир дар тақвияти ин андешаи худ мегӯяд, ки нафси инсонӣ таҳаммули бекориро надорад ва фароғат аз корҳои зарурии зиндагӣ боиси ба корҳои бефоида ё ғайризарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардани инсон мешавад. Пас, агар зан аз корҳои хона ва тарбияи фарзандон фароғат ёбад, мутаваҷеҳи корҳои дигаре мешавад, ки боиси халалпазирии ҳаёти оилавӣ мешаванд, масалан, худро орову торо дода ба тамошо меравад ва зебогии худро дар чашми номаҳрамон намоён мекунад, дар натиҷа ҳам корҳои хона ва ҳам суханони шавҳар дар назди ӯ беаҳамият хоҳанд шуд.

Илова бар ин тавсияҳо, Насируддини Тӯсӣ мардро ба худддорӣ кардан аз се чиз дар иртибот бо ҳамсараш ташвиқ мекунад, ки ба фикри ӯ он чизҳо боиси сустии аркони хонавода мешаванд:

1) ифрот дар муҳаббати зан;

2) дар идораи корҳои хона ва рӯзгор бо зан машварат кардан, рози худро ба зан гуфтан, миқдори молу захира ва пулу сарвати худро ба зан ошкор кардан;

3) занро аз нигоҳ кардан ба номаҳрамон, шунидани ҳикояти мардон ва сӯҳбат бо занони пастфитрат манъ кардан.

Ба ақидаи мутафаккир, агар мард дар муносибат бо зани худ ба се чизи дар боло зикршуда роҳ диҳад, ҳаёт ва рӯзгораш табоҳу фасод мешавад.

Яке аз тавсияҳое, ки Насируддини Тӯсӣ ба мардҳо барои раҳоӣ аз чанги зани бадкор ва ношоиста медиҳад, ба кор бурдани ҳилаю найрангҳо мебошад. Муаллифи «Ахлоқи Носирӣ» бар асари мутолиаи китобҳои зиёд ва сафарҳои худ дар кишварҳои мухталиф, бо хусусиятҳо ва хислатҳои равонии занҳо хуб шинос буд, аз ин рӯ, ба марде, ки мубталои зани бад ва ношоиста шудааст, барои халос шудан аз чунин зан, ба кор бурдани баъзе ҳилаю найрангҳоро маслиҳат медиҳад. Ба

андешаи мутафаккир, ҳамнишинии мард бо зани бад ва ношоиста аз ҳамнишинӣ бо даррандагон ва мору ақраб бадтар аст. Аз ин рӯ, мард бояд бо ҳар роҳе худро аз ӯ халос кунад, агар натавонад худро халос кунад, бояд аз чаҳор васила истифода кунад:

1. Моли худро ба ӯ бибахшад, зеро ҳифзи ҷон беҳтар аз ҳифзи мол аст, агар лозим бошад, ки моли фаровонеро бидиҳад, то аз ӯ халос шавад;

2. Аз ҳамхобӣ ва ҳамбистарӣ бо ӯ даст кашад;

3. Ҳилаву найрангҳо ба кор барад, масалан, касонеро водор кунад, то ӯро нисбат ба шавҳари худ бадбину дилхунук сохта, тарғиб ба талоқ гирифтан ва издивоҷ бо марди дигаре бикунанд, ё зоҳиран тавре рафтор кунад, ки гӯё бо ӯ (яъне бо зани баду ношоиста) майлу рағбати тамом дорад ва ҳеҷ гоҳ дар фикри ҷудоӣ аз вай нест, то шояд худи зан (ба қасди озори шавҳар) аз шавҳар тақозои талоқ кунад;

4. Агар ҳамаи ин роҳҳо ва ҳилаю найрангҳо натиҷа надиҳанд, ӯро танҳо гузорад ва ба сафарҳои дуру дароз биравад, ба шарте, ки як тадбире барои ҷилавгирии ӯ аз фаҳшу фасод ба ҳангоми дар сафар будани худ андешида бошад. Дар чунин сурат мумкин аст, ки зан худ ба худ тасмим ба ҷудоӣ бигирад ва аз шавҳари худ умедашро канда кунад.

Таҳлили муқоисавии андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ ба таври хеле равшан нишон медиҳад, ки ин се мутафаккири бузурги мусулмон, бо вуҷуди намояндагони як мактаби фалсафӣ –машшоияи шарқӣ буданашон, роҷеъ ба нақш ва мақоми зан фикру ақидаҳои мухталиф доштаанд. Андешаи Форобӣ дар бораи мард як навъ инсоншиносии нисбатан фориғ аз ҷинсият мебошад, аммо, дар андешаҳои Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ, мард нисбат ба зан аз нақшу мақом ва афзалиятҳои бештару бартаре бархурдор аст.

Эътиқод ба бартарии ахлоқии мард бар зан дар андешаи Насируддини Тӯсӣ ба таври равшан ва барҷаста ифода ёфтааст. Ин

эътиқод аз як тараф реша дар таълимоти динӣ дорад, аз тарафи дигар аз таълимоти Арасту маншаъ мегирад. Мутафаккир бо таъкид намудани бартарии ахлоқии мард аз зан, мегӯяд, ки мард ҳуқуқ дорад занро барои аз ҳудуди манзил баромадан монеъ шавад, ба ӯ иҷозат надиҳад, ки ба сӯҳбати мардҳо ва занони бегона гӯш андозад ё ҳамроҳ шавад, бояд ҳамеша ӯро ба кори хона ва тарбияи фарзандон машғул дорад. Ба ақидаи мутафаккир, ҳузури зан дар ҷомеа ва муошираты вай бо бегонагону номаҳрамон, метавонад боиси фасодҳои азим гардад. Бинобар ин бар мард воҷиб аст, ки аз ҳақуқ ва мақоми волои худ истифода кунад ва занро аз ҳузур дар ҷомеа боз дорад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, чунин ақидаҳои мардсолорона дар бораи мақом ва нақши зан, хеле пештар аз зуҳури ислом, ҳанӯз дар таълимоти динҳои дигари ҷаҳонӣ, инчунин, дар мероси фалсафии Юнони Қадим, алалхусус, дар афкори Арасту, ки сарчашмаи асосӣ ва муҳимтарини ғоявии фалсафаи машшоияи шарқӣ мебошад, ҷой доштанд. Дар низоми таълимоти исломӣ, масъалаи мақом ва нақши иҷтимоии зан қаблан дар партави таълимоти Қуръону аҳодиси набавӣ матраҳ шуда, дар доираи илми фиқҳ таҳқиқ ва танзим шуда буд. Сипас, нақшу мақоме, ки шариати исломӣ барои зан муқаррар карда буд, ба ҳайси як ҳукми шаръӣ аз тарафи файласуфони мусулмон пазируфта шуд ва дар таълимоти ҳамаи мактабҳои фалсафаи исломӣ тадриҷан ҷо гирифт. Аз ҷумла, дар таълимоти машшоияи шарқӣ, агарчӣ дар андешаи Форобӣ оид ба зан таъсири мабонии исломӣ чандон ба назар намерасад, вале дар андешаи Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ мо таъсири он мабониро бараъло дарк карда метавонем.

Масалан, Насируддини Тӯсӣ ҳамсари хубро чунин тавсиф мекунад, ки бо таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавӣ хеле мутобиқ ва ҳамоҳанг аст. Ба андешаи ӯ беҳтарини занон, зане мебошад, ки боақлу бодиёнат,

боиффат (покдоман), бошарму ҳаё, дилсӯз, кӯтоҳзабон, дар итоат ва хидмати шавҳар аст.

Насируддини Тӯсӣ мисли Арасту ақли занонро зотан заифу нотавон медонад ва маҳз ҳамин заифию нотавонии зотӣ, ақли занонро сабаби дар итоати мард будану аз нақшҳо ва ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ, ба истиснои нақши модарӣ ва ҳамсарӣ, маҳруму бенасиб мондани онҳо мешуморад.

Хотирнишон кардан бамаврид аст, ки Насируддини Тӯсӣ барои асоснок кардани ин ақидаи худ дар бораи заифақлии зан ягон далеле аз мабонии исломӣ наовардааст, балки дар пайравӣ аз Арасту ва корбурди тафаккури сирф мантиқӣ-фалсафӣ ба чунин натиҷагирӣ расдааст. Ӯ он ҷо, ки ба тавсифи покдоманӣ, ҳамсардорӣ ва фарзандпарварии зан мепардозад, ба манобеи динӣ ва суханони аҳли дин ишора мекунад, вале берун аз оила барои зан ҳеҷ гуна нақши иҷтимоиро қоил нест. Зеро, ӯ муътақид аст, ки зан аз сабаби нуқсони ақлӣ, ба ҷуз аз ҳамсарӣ, модарӣ, иҷрои кору бори хона, барои анҷом додани корҳои дигари барои ҷомеа муфид, ки қувваю қобилияти солими ақлонию фикриро талаб мекунанд, қодир нест.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва муқоисаи андешаҳои се намояндаи мактаби машшоияи шарқӣ – Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсиро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳар се мутафаккир дар аҳамияти нақши модарӣ ва ҳамсарии зан иттифоқи назар доранд, вале дар нигоҳ ба шахсияти зан ба унвони иҷрокунандаи нақши иҷтимоӣ ихтилофи қобили таваҷҷуҳ доранд. Форобӣ зан ва мардро аз лиҳози нерӯи ақлӣ баробар ва ҳамвазн мешуморад ва таъкид мекунад, ки занон дар таъсиси мадинаи фозила, дар баробари мардҳо ширкат мекунанд. Аммо Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ танҳо нақши ҳамсарӣ ва модарии занро таъкид ва тавсиф намуда, ба нақши иҷтимоии

зан таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Чунин хусусият дар андешаи Насируддини Тӯсӣ равшантар ва возеҳтар ифода ёфтааст.

Дар андешаҳои ин се мутафаккир оид ба зан, раванде аз сайри таназзулии андешаи мактаби машшоияи шарқӣ дар бораи мақом ва нақши зан мушоҳида мешавад. Дар андешаи Форобӣ ғояи баробарии байни зан ва мард дар нақшҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ ифода ёфтааст, вале дар андешаи Насируддини Тӯсӣ нақшҳои хонаводагӣ ва иҷтимоии зан ва мард баробар нестанд, балки зан ҳамеша дар зери фармони мард аст ва ҳама кору вазифаҳояшро дар ҳудуди хона ва бо иҷозату ризоияти шавҳараш ба иҷро мерасонад. Андешаи Ибни Сино, ки ҳалқаи воситаи байни ин ду аст, як навъ синтези андешаи фалсафӣ ва динӣ, ҳикмат ва диёнатро инъикос мекунад.

Нигоҳи Форобӣ ба зан бештар инсонгароёна, фазилатмеҳвар ва фориғ аз ҷинсият мебошад. Форобӣ ҷойгоҳ ва нақшу вазифаҳои мард ва занро на бар асоси ҷинсият, балки бар асоси фазилат ва бартарии ахлоқӣ таъриф мекунад. Дар муқоиса ба Форобӣ, андешаҳои Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ аз манобеи динӣ таъсири бештар гирифтаанд. Вале андешаи Ибни Сино нисбат ба андешаҳои Насируддини Тӯсӣ бо таълимоти исломӣ ҳамоҳангӣ ва қаробати бештар доранд.

2.3. Таъсири таълимоти машшоиёни шарқӣ дар бораи зан ба ташаккули муносибатҳои гендерӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик

Хусусияти анъанаҳои фарҳангӣ-миллӣ, аз ҷумла анъанаҳои фарҳангии халқи тоҷик дар он аст, ки он ба ташаккули мафҳумҳои муосири гендерӣ, яъне тасаввурот дар бораи ҷойгоҳ ва нақши мардон ва занон дар ҷомеа, дар бораи сифатҳои мардонагӣ ва занонагӣ ва ғайра таъсири калон мерасонанд. Анъанаҳои фарҳангии тоҷиконро умуман берун аз матни фалсафаи асримиёнагии форсу-тоҷик ва хусусан берун аз матни таълимоти машшоияи шарқӣ, ки ҷавҳари ратсионалии фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс мебошад, тасаввур кардан мумкин нест.[158]

Ҳамаи мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик, новобаста аз гуногунии усулҳо ва равишҳои таҳқиқӣ, моҷароҳо ва ихтилофҳои ғоявии худ, дидгоҳҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ нисбат ба занро, ки мисли як анъанаи фарҳангӣ дар сарчашмаҳои ғоявии ҳар кадоми ин мактабҳо вуҷуд доштанд, ба таври худ инъикос намуда, идома додаанд. Аз ҷумла, дар таълимоти машшоиёни шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино ва Тӯсӣ), чуноне, ки инро дар боло мушоҳида кардем, ҳам дидгоҳҳои мусбат ва ҳам манфии хоси фалсафаи юнонӣ ва таълимоти динҳои зардуштию исломӣ, ки муҳимтарин сарчашмаҳои ғоявии ин мактаби ақлгарои фалсафаи асримиёнагии тоҷик буданд, хеле равшан таҷассум ёфтаанд.

Намояндагони машшоияи шарқӣ дар пайравӣ ба анъанаи мазкури фарҳангӣ, дар баробари масоили фалсафаи назарӣ, инчунин, дар пайи эҷоди низоми ҳикмати амалӣ, яъне коркарди чунин таълимоте буданд, ки ҳадафаш танзими ахлоқи муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ, тарғиби фазилатҳои ахлоқӣ ва нишон додани роҳҳои дастёбӣ ба саодати комили инфиродӣ ва иҷтимоӣ буд. Дар ин замина, нигоҳҳои мусбат ва манфии

[158] Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии. Душанбе, 2011. –С. 11.

машшоиёни шарқӣ ба мақом ва нақши занон, дар ҳикмати амалии низоми фалсафии машшоияи шарқӣ, яъне дар таълимоти онҳо дар бораи ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсат баён гардида, минбаъд баъзе аз ҳокимони давлатҳои маҳалии Эрон ва Осиёи Миёна аз ҳикмати амалии онҳо пайравӣ кардаанд.

Сарфи назар аз як давраи хеле тӯлоние, ки ин мутафаккирон зиндагӣ ва фаъолият намудаанд, таълимоти онҳо, дар баробари таълимоти аҳли калом, тасаввуф ва мактабҳои равияҳои дигари асримиёнагии динӣ-фалсафӣ, дар рушди ҳам афкори фалсафӣ, ҳам ҳуқуқӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам мазҳабӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар ташаккул ва таҳаввули тасаввуротҳои анъанавию муосири тоҷикон дар бораи ҳуқуқу озодиҳои зан ва нақшу мақоми иҷтимоии ӯ таъсири бениҳоят калон расонидаанд. Аз ин нуқтаи назар, дар замони муосир, аз як тараф таҳти таъсири ғояҳои ҳаракати феминистӣ, аз тарафи дигар, ҷиҳати тавсеи ширкат ва фаъолияти занони тоҷик дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, зарурияти ошкор кардан ва бартараф намудани дидгоҳҳои анъанавии маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳо ва нақшу мақоми занон ба миён омад. Чӣ тавре, ки аз таҳқиқи мухтасари мақом ва нақши зан дар таълимоти динҳои зардуштӣ ва ислом, инчунин, дар афкори мутафаккитрони Юнони Бостон, яъне дар се сарчашмаи асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ мушоҳида кардем, дар ҳар кадоми ин сарчашмаҳо нисбат ба занон дидгоҳҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ вуҷуд доштанд, ки минбаъд дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ба ин ё он дараҷа инъикос ёфтаанд. Яке аз пайомадҳои умумии зуҳури ин гуна дидгоҳҳо ва ба ҳайси як анъанаи глобалии фарҳангӣ дар тамоми ҷомеаҳои динию миллии давраи қадим ва асримиёнагӣ интишор ёфтани онҳо – ташаккули иерархияи гендерӣ мебошад, ки дар он ҷинси мард дар табақаи боло ва ҳукмрон, зан бошад дар табақаи поён ва мутеъ ҷой гирифтаанд. Тибқи ин иерархияи гендерӣ, фарқияти табиии мардон

ва занон бевосита тамоми фарқиятҳои дигари онтологӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсии байни ин ду ҷинси одамиро муайян месозад. Аз мазмуни умумии таълимоти ҳам динҳои зардуштию ислом ва ҳам мутафаккирони юнонию исломӣ дар бораи нақш ва мақоми зан чунин хулоса бармеояд, ки ҳамаи онҳо бо дарназардошти таносуби нерӯҳои ҷисмонию равонӣ ва ақлонии мард ва зан, бартариятро ба мардҳо дода, аз ин рӯ, сабаби дар саросари ҷаҳон интишор ёфтани низоми патриархалӣ шудаанд.

Аз мантиқи таълимотҳои динию фалсафии гузашта маълум мешавад, ки тибқи онҳо низоми патриархалӣ ё ин ки мардсолорӣ – ягона низоми дуруст ҷиҳати расидани инсоният ба саодати фардӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар баробари ин, дар таълимотҳои мазкур барои тасаллои занон талқин карда мешавад, ки дар ҳаёти ухравӣ ҳеҷ гуна иерархияи ҷинсию табақотӣ вуҷуд надорад ва ҳамаи инсонҳо, ҳам мардҳо ва ҳам занҳо дар пеши Худо баробаранд.[159]

Афкору андешаҳои олимони муосири ҷомеашинос ва фарҳангшинос доир ба масоили низоми мавҷудаи иерархияи гендерӣ, вобаста ба заминаи назариявие, ки онҳо дар маърази таҳқиқоти худ гузоштанд, аз якдигар фарқ мекунанд. Сабаби аслии тазъиф ва поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҷомеаи исломӣ на меъёрҳои гендерии дар ҷомеаҳои мусулмонӣ қабулшудаи иҷтимоӣ, динӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангии исломӣ, балки нодуруст дарку тафсир ва татбиқ шудани онҳо мебошад. Ба ибораи дигар, сабаби ин падидаи номатлуби фарҳангӣ ислом нест, балки худи мусалмонон мебошанд. Ба андешаи муҳаққиқи амрикоии фалсафаи исломӣ Этин Анвар, «агар он тарзи ҳидояту раҳнамоии мусулмонон, ки 14 аср пеш, яъне дар давраи сарварии

[159] Этин Анвар. Ҷинсият ва шахсият дар Ислом. Ню Йорк: «Роултейҷ», 2006. –С. 5 (ба забони англисӣ).

Паёмбари ислом Муҳаммад ва хулафои рошиддин мусалмонон рух дода буд, то имрӯз идома меёфт, яъне: агар ба занон тамоми ҳуқуқҳое, ки онҳо (дар аввал) доранд, дода мешуданд; агар занон аз доираи дониш ҷудо намешуданд; агар онҳо танҳо бо доираи хоҷагии хонагӣ маҳдуд намешуданд; агар онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ хор намешуданд; агар онҳо аз падарон ва шавҳарони бонуфуз дастгирии кофиро соҳиб мегардиданд; агар фарзандони никоҳҳои қаблӣ аз давлат кафолати кофӣ ва дастгирӣ меёфтанд; агар занони ҷудошуда барои мустақилияти молиявии худ дастгирии оила ва ҳукуматро насиб мегардиданд; агар занон барои муҷаррадӣ, бешавҳарӣ хор намегардиданд - онҳо бо чунин мушкилиҳо рӯ ба рӯ намегардиданд».[160]

Ягона роҳи халосӣ аз ин вазъ, ба гуфтаи намояндагони феминизми исломӣ, барои занони мусалмон фароҳам овардани чунин шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, қонунгузорӣ, сиёсӣ ва динӣ мебошад, ки ба рушди онҳо мусоидат мекунанд. Феминистҳои мусалмон вазифаи худро дар ошкор сохтани ин баробарӣ тавассути таҳлили муфассали матнҳои муқаддас мебинанд. Тибқи гуфтаи Этин Анвар, «Маҳз иерархияи гендерӣ аст, ки имрӯз ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ ҳамчун усули бартаридошта боқӣ мондааст».[161]

Муҳаққиқи мазкур чунин мешуморад, ки равиши гендерӣ-иерархӣ дар ҷомеаҳои мусалмонӣ бештар аз он сабаб суботу густариш ёфтааст, ки муфассирону муҳаддисон таълимоти сарчашмаҳои исломӣ – яъне Қуръон ва аҳодиси набавӣ оид ба сохти иерархии муносибатҳои оилавӣ, ахлоқ ва тартиботи иҷтимоӣ ва таносуби тан ва ҷонро аз мавқеи анъанавии патриархалӣ ё мардсолорӣ, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо ва фарҳангҳои динию миллии қадим ва асримиёнагӣ ҳукмрон буд, шарҳу тавзеҳ додаанд. Аз ин рӯ, дар байни мусулмонон дар бораи нақшу мақоми зан дар баробари нигоҳҳои мусбат як зумра тасаввуротҳои

[160] Этин Анвар. Ҷинсият ва шахсият дар Ислом. –С. 7.
[161] Ҳамон ҷо. –С. 7-8.

занситезона ва таҳқиркунандаи нақшу мақоми зан низ ба вуҷуд омадаанд, ки минбаъд хусусияти анъанавиро касб намуда, то замони мо боқӣ мондаанд[162].

Мутаассифона, чунин нигоҳи манфӣ ва муносибати мутакаббиронаи мард ба зан дар Тоҷикистони соҳибистиқлолу дунявии муосир низ хеле зиёд ба назар мерасад. Бо вуҷуди нисбат ба давраҳои гузашта ва ҳатто нисбат ба давраи шӯравӣ хеле васеъ шудани доираи мушорикати иҷтимоии занону духтарони тоҷик ва зери ҳимояи қонун қарор гирифтани ҳуқуқу озодиҳои зан, имрӯз низ бо чунин нигоҳи манфии мард ба зан ва зери фишору зӯроварӣ ва шавҳар қарор гирифтани зан, поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои фитрию шаҳрвандии ӯ зиёд дучор мешавем. Бисёр муҳаққиқон сабаби боқӣ мондани чунин нигоҳи манфӣ ба занро бо ислом ва афкори динӣ-фалсафиии асримиёнагӣ вобаста мекунанд. Ба андешаи ин гурӯҳи муҳаққиқон, маҳз хусусияти мардмеҳварии таълимоти ҳастишиносӣ ва инсоншиносии ислом, ки яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ғоявии машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагӣ ва манбаъи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шуури миллии тоҷикон буданд, ба ташаккули чунин иерархияи гендерии фарҳанги тоҷикон сабаб шудааст.

Чӣ тавре маълум аст, барои анъанаи динӣ ва фалсафии асримиёнагии Шарқ фаҳмиши дуалистии ҳастӣ ва инсон (материя ва рӯҳ; тан ва ҷон; зан ва мард) хос мебошад. Тибқи чунин фаҳмиш, маҳз мард дорои моҳияти аслии инсонӣ, яъне дорои маънавиёт ва нерӯҳои ақлонӣ мебошад, зан бошад, аз лиҳози ин нерӯҳо заиф ва ноқис буда, бештар зери таъсири эҳсосот ва моддиёт қарор дорад. Тибқи чунин фаҳмиш машшоиёни шарқӣ ва умуман мутафаккирони асримиёнагии тоҷик як низоми иерархии гендериро таҳия карданд, ки он то имрӯз дар ҷомеаи анъанавии тоҷикон дар амал татбиқ шуда истодааст.

---

[162] Этин Анвар. Ҷинсият ва шахсият дар Ислом. –С. 8.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки файласуфони асримиёнагии тоҷик, алалхусус, намояндагони машшоияи шарқӣ, таълимоти худро дар бораи мақоми ва нақши зан, аз ҷумла дар бораи нақши зан дар такрористеҳсолии инсон (обистан ва таваллуди кӯдакон), бештар дар такя ба манбаъҳои исломӣ, матраҳ кардаанд.

Бинобар ҳамин, мо дар боби якуми рисола, зимни муайян кардани он манбаъҳое, ки дар ташаккули мафкураи занситезонаю мардсолорона, зери фармони мардон қарор гирифтани занон ва заифу маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои онҳо саҳм гузоштаанд ва онро асоснок намудаанд, танҳо ба ислом ва шариати исломӣ маҳдуд нашуда, сарчашмаҳои юнонию тоисломии ин падидаи номатлуби фарҳангиро низ мухтасар шарҳу тавзеҳ додем.

Азбаски тафовутҳои ҷинсии инсон, яъне хусусиятҳои мардона ё занонаи ҷисмонию рӯҳонии ӯ ҳамзамон бо тавлиди ӯ муайян карда мешаванд, бинобар ҳамин, таваллуди инсон як навъ ибтидои таърихи ташаккули сифатҳо ва хусусиятҳои гендерии ӯ мебошад. Аммо қабл аз таваллуд инсон, давраи пайдоиш ва ташаккули ҷанини инсон дар батни модар вуҷуд дорад. Дар пайдоиши ҷанин ҳам мард ҳам зан ширкат мекунанд. Тибқи ақидаи баъзе файласуфони феминисти мусалмон, дар Қуръон ва суннат ягон далели тасдиққунандаи бартарӣ ва муҳимми нақши мард дар раванди такрористеҳсоли насли инсон ва пайдоишу ташаккули ҷанин вуҷуд надорад, балки ҳарду ҷинси инсон, яъне, ҳам мард ва ҳам зан дар раванди мазкур нақш ва саҳми баробар доранд. Аммо, баъзе муфассирону файласуфони мусалмон зимни тафсири Қуръон ва шарҳу тавзеҳи мантиқи-ақлонӣ ва фалсафии матолиб ва мазмуни таълимоти антропологии он, ба чунин хулоса омадаанд, ки тибқи мазмуни таълимоти Қуръон, мардҳо дар раванди пайдоиш ва ташаккули ҷанин нақши фаъолу якумдараҷа, занон нақши мафъулу дуввумдараҷа доранд. Ин гурӯҳи муфассирону мутафаккирон барои

тасдиқи ақидаи мазкур ояти зерини Қуръонро далел овардаанд: «Занон киштзори шавҳарони худ мебошанд»[163].

Ба андешаи мо, дар ин ояти қуръонӣ, аслан, як воқеияти қонунманди хоси марҳилаи раванди такрористеҳсоли инсон ба таври образнок тавсиф шуда аст: батни зан дар воқеъ мисли киштзорест, ки дар он ҷанини инсонӣ кишта мешавад ва парвариш меёбад. Дар ин оят, бар хилофи ақидаи дар боло зикршуда, ҳеҷ гуна бартарияти мард бар зан таъкид нашудааст, баръакс нақши аввалиндараҷаи зан ҳамчун соҳиби муҳимтарин воситаи такрористеҳсоли инсон (киштзор) мавриди таъкид қарор гирифтааст. Дар ояти мазкур матлаб вожаи «киштзор» чунин маънӣ дорад, ки маҳз батни зан дорои тамоми хусусиятҳо ва шароити мусоид ҷиҳати парвариши ҷанин ва тавлиди инсон мебошад. Ҷисми мард аз ин гуна шароиту хусусиятҳо ё воситаҳои такрористеҳсоли инсон маҳрум аст, аз ин рӯ, нақши онҳо дар такрористеҳсоли инсон нисбат ба нақши зан на ин ки бартар нест, балки дуввумдараҷа мебошад.

Дар Қуръон (сураи «ан-Наҷм, оёти 45-46) омадааст, ки тамоми мавҷудот аз қатраи нутфа сохта шудаанд. Ин оятҳо низ ҳеҷ гуна бартариияти нақши мард ё занро дар такрористеҳсоли инсон таъкид намекунанд, балки дар онҳо нутфа ҳамчун як нахустунсур ё ҳаюлои ҳастии инсонӣ тавсиф шудааст. Мутаассифона, баъзе муфассирону мутафаккирони муосири исломӣ, масалан, донишманди муосири араб Муҳаммад Алӣ Албар, оёти мазкури қуръониро аз дидгоҳи мардмеҳварона тафсир намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки ҷинси кӯдакро нутфаи мард муайян мекунад ва саҳми нутфи зан дар ташаккули ҷанини инсон хеле ночиз аст. Ҳарчанде, ки дастовардҳои илми муосири генетика дар пайдоиши ташаккули ҷанини исконӣ нақш ва саҳми баробар доштани нутфаҳои мард ва занро собит мекунанд, вале олими мазкур нутфаи мардро ҳамчун унсури фаъоли тамоми раванди

[163] Этин Анвар. Ҷинсият ва шахсият дар Ислом. –С.72.

ҳомиладорӣ ҳисобида иштироки нутфаи занро дар ин раванд, ҳамчун унсури мафъул, хеле кам ва ночиз донистааст[164].

Тибқи чунин нигоҳи анъанавии манфӣ ва ғайриобъективӣ ба нақшу мақоми зан, аксарияти муфассирону мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла, намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ нутфаи мардонаро унсури дастгирикунандаи ҳаёт дар раванди ташаккул ва тавлиди шахсияти нав дониста, нутфаи занро танҳо маводе шуморидаанд, ки нутфаи мардона дар он «кор мекунад». Дар натиҷаи густариш ва таъсири чунин тарзи фаҳмиш ва тафсири моҳияти таълимоти Қуръон ва сарчашмаҳои дигари ғоявӣ, аксарияти мутафаккирони асримиёнагии тоҷик нақши бартариятнокро дар раванди такрористеҳсоли инсон ба мард додаанд. Ин нуқтаи назар на танҳо дар доираҳои динӣ, балки дар мубоҳисаҳои муосири фалсафӣ низ дастгирии худро меёбад. Бисёр рӯҳониён ва файласуфони муосир нақши занро танҳо бо қобили таваллуд кардани фарзанд ва «киштзори шавҳар» буданаш маҳдуд мешуморанд ва таъкид мекунанд, ки зан бояд ба мард хидмат кунад, оилаи худро афзун гардонад, истироҳати ӯро ҳифз кунад ва бо ӯ дар ҳеҷ чиз зид набошад. Дар ояти 23-юми сураи Бақара дар бораи «зан ҳамчун киштзоре», ки ба шавҳар тааллуқ дорад, сухан меравад. Баъзе муфассирон мазмуни ин оятро чунин маънидод кардаанд, ки тибқи он шавҳарон метавонанд ҳар лаҳза аз занони худ, новобаста аз майлу хоҳиш ва чӣ гуна худро ҳис намудани зан, алоқаи ҷинсӣ талаб кунанд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик З. Усмонова, ин ояти қуръонӣ «ба мардон ҳуқуқ медиҳад, ки занро объекти лаззати шаҳвонӣ ҳисоб кунанд».[165]

---

[164] Муҳаммад Алӣ Албар. Рушди инсон аз дидгоҳи Қуръон ва Ҳадис. –Чидда: Маркази табъ ва нашри Саудӣ, 1989. –С. 58. (ба забони арабӣ)

[165] Усмонова З. Влияние средневековой таджикской философии на формирование гендерных представлений в таджикской культуре // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ.1. Душанбе, 2016. –С. 207.

Дар натиҷаи дарки нодуруст ва тафсири муғризонаи мазмуни ояти мазкур, дар мафкураи ҷамъиятии тоҷикон ва соири миллатҳои мусулмон чунин ақида сахт реша давондааст, ки занон дар иҷро кардан ё иҷро накардани вазифаҳои такрористеҳсолии худ ҳуқуқи овоз доданро надоранд. Дар баробари ин, дар байни феминистҳои исломӣ ақидаи дигаре низ маъмул аст, ки тибқи он, ояти мазкури қуръонӣ муносибатҳои ҷинсии байни зан ва мард танҳо дар асоси ризоят ва майлу хоҳиши ҳар ду тарафи муносибат бояд сурат гирад. Ба ибораи дигар, тибқи таълимоти Қуръон, Худованд масъулияти такрористеҳсоли инсонро баробар ба дӯши мардон ва занон гузоштааст. Дар Қуръон оятҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо ба таври мустақим ё ғайримутақим ғояи бартарии нақши занон дар парвариши ҷанин ва тавлиди насли нави нисонӣ ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ақидаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷик дар бораи бартарии нақши мардон дар такрористеҳсолии инсон бештар на дар партави таълимоти антропологии Қуръон, балки дар зери таъсири ғояҳои фалсафаи юнонӣ пайдо шудаанд. Маслан, Ибни Сино мисли Ҷолинус ва Буқрот боварӣ дошт, ки нутфаи зан, ба монанди нутфаи мард дар ташаккули ҷанин нақши муҳим дорад. Аммо, сарфи назар аз он, ки Ибни Сино мавҷудияти нутфаи занро дар раванди ҳосилшавии ҷанин муҳим мешуморад, вай ба Арасту пайравӣ намуда, дар «Қонуни тиб» дар бораи бартарии нутфаи мард сухан меронад, онро ҳамчун омил, муҳаррик ва нутфаи занонаро моддае медонад, ки дар он нутфаи мард «кор мекунад».[166]

Ибни Сино ба монанди Арасту, боварӣ дошт, ки ҷавҳари инфиродӣ аз шакл ва модда иборат аст. Гузашта аз ин, шакл – табиати ашё, ҳамчун принсипи тағйирёбӣ дар ашё амал мекунад, дар ҳоле ки модда он чизест, ки ин тағйиротро қабул мекунад. Арасту даъво дошт, ки волиди ҳақиқӣ ҳамеша мард аст. Ба ақидаи Арасту, маҳз нутфаи фаъол ва муҳаррики

166 Аристотель. О возникновении животных. М.-Л.: 1940. –С. 80.

мард аст, ки дар батни зан раванди такроистеҳсоли инсон ва ташаккули ҷанинро ба вуҷуд меоварад. Зан, ба ақидаи Арасту, дар раванди мазкур нақши дуввумдараҷа дорад, аз ин лиҳоз, мартабаи зан аз мард поёнтар аст.[167]

Бо ҳамин далел, Арасту нақши занро танҳо дар хонавода маҳдуд намуда, чунин мешуморад, ки зан вазифадор аст, танҳо ба таъмини ниёзҳои ҷисмонии мардон хидмат кунад, то онҳо худро ба ҳаёти сиёсӣ бахшанд. Ибни Сино ғояҳои Арастуро инкишоф дода, дар бораи табиати сарду гарм ва нақши онҳо дар раванди пайдоиши ҳаёт сухан меронад. Зимнан, сабукӣ ва гармиро хоси табиати мард, вазнинӣ ва хунукиро хоси табиати зан медонад. Аз ин ҷо, Ибни Сино ба чуиин хулоса омадааст, ки зан «марди нокифоя», ҳатто «инкори мард» аст. Маншаи аслии ин фаҳмиши занситезона фалсафаи Пифагор мебошад. Бо вуҷуди ин, Ибни Сино, омили асосии ташаккули ҷанинро Худованд медонад, ки ба бадан рӯҳ мебахшад. Ибни Рушд дар «Метафизика»-и худ ин назарияи Арасту ва Ибни Синоро дастгирӣ намуда, мегӯяд: «Масалан, мо гуфта метавонем, ки пайдоиши ҷанин дар батни зан натиҷаи кори нутфаи мард аст, пас мо гуфта метавонем, ки мардро мард меофарад». Дар баробари ин, Ибни Рушд баробарии ҳардуро дар раванди ҳомиладорӣ тасдиқ мекунад: ҳомиладорӣ натиҷаи алоқаи ҷинсӣ мебошад, ҳатто агар охирин бидуни завқ ва ҳаловат рух диҳад.[168]

Чуноне, ки коршинос ва муҳаққиқи англис Ҳ. Коллет эътироф мекунад, ақидаи Муҳаммад Ғазолӣ дар муқоиса бо ақидаҳои Ибни Сино ва Рушд, ки аз назарияи Арасту сарчашма мегиранд, комилан фарқ мекунад. Муҳаммад Ғазолӣ мегӯяд, ки дар ташаккули ҷанин саҳми ҳарду волидайн баробар аст: ҳарду нутфа дар батни зан омехта мешаванд ва таваллуди ҳаёт, ки аллакай шакли муайяне дорад, ба амал меояд. Аммо,

167 Аристотель. О возникновении животных. М.-Л.: 1940. –С. 86.
168 Ибни Рушд. Китоб ал-куллиёт фи ат-тиб. Бейрут: Марказ Дирасат ал-ваҳда ал-арабийа, 1999. –С. 72 (ба забони арабӣ)

нақши зан, ба ақидаи Ғазолӣ, махсусан муҳим аст, зеро зан ҷанинро дар батни худ таҳаммул ва парвариш мекунад.[169].

Тавре ки таҳқиқи ин масъала нишон медиҳад, дар таълимоти машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагии исломӣ дар бораи нақши мард ва зан дар ташаккули ҷанин ва такрористеҳсолии насли инсонӣ дидгоҳҳои мухталиф вуҷуд доранд. Ғояи нақши дуюмдараҷаи занон дар раванди такрористеҳсоли насли инсонӣ аз як тараф, натиҷаи тафсири мардмеҳваронаи таълимоти антропологии Қуръон мебошад. Муфассирони Қуръон, бинобар мард будани худ, аксар вақт манбаъро ба манфиати ҷинсии худ тафсир мекарданд. Аз тарафи дигар, ин ғояи нодуруст натиҷаи пайравӣ ва тақлиди мутафаккирони асримиёнагӣ аз анъанаҳои фалсафаи юнонӣ мебошад.

Таҳлили нақши занон дар ислом фарқи бузурги назария ва амалияро нишон медиҳад. Ба ақидаи Ф.Мернисси, донишманди марокашӣ, ислом таълимдиҳандаи он нест, ки занон дуюмдараҷаанд. Дар асл, ислом воқеияти мавҷудияти тавоно ва ҷинсӣ будани занон, баробарии тавоноии байни ҷинсҳоро тасдиқ мекунад. Мернисси муътақид аст, ки калимаи калидӣ, ки фарқияти байни назария ва амалияи исломро таъкид мекунад, калимаи «тавоноӣ» мебошад Занҳо, тибқи таълимоти сарчашмаҳои аслии ислом, бо мардон баробаранд, аммо ин баробарӣ ба даст наомадааст[170].

Чунин ба назар мерасад, ки як омили асосии нобаробарии воқеии иҷтимоӣ байни занон ва мардон дар ҷомеаи мусулмонӣ на тафовутҳои ҷинсии онҳо, балки паст будани сатҳи донишу маърифати ҳам мардҳо ва ҳам занҳо мебошад. Тибқи фаҳмиши анъанавиии муфассирону мутафаккирони асримиёнагӣ, ки ҳоло низ дар шуури ҷамъиятиии тоҷикон ва дигар миллатҳои мусалмон сахт таъсиргузор аст, зан фитна

---

[169] Ҳаррис Коллет. Назорати мкуносибатҳои гендерӣ дар Тоҷикистон. –Лондон: «Плато Пресс», 2004. –С. 45. (ба забони англисӣ)
[170] Mernissi F., Beyond the Veil: Male-female Dynamics in Modern Muslim Society. –С. 9.

аст, вай таҷассуми идоранашаванда, намояндаи зиндаи хатари шаҳвоний ва қудрати тоқатнопазиру тахрибкори он аст. Тибқи ҳамин фаҳмиш, дар байни миллатҳо ва халқиятҳои мусалмон анъанаи назорати ҳамаҷонибаи ахлоқии занону духтарон ба вуҷуд омадааст.[171]

Аммо, воқеияти вазъи кунунии занон дар бисёр кишварҳои ҷаҳони ислом чунин манзараи гулобиро ба қадри кофӣ рад мекунад. Зан то ҳол асосан дар соҳаи хоҷагии хонагӣ фаъолият мекунад, сатҳи намояндагии ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ паст боқӣ мондааст.[172]

Бо вуҷуди ин, ҳатто таҳлили сатҳии ин баҳси ақидавӣ ба мо имкон медиҳад то фаҳмем, ки бо назардошти дараҷаи баланди ҳамбастагӣ дар байни мусулмонон, ақидаҳои онҳо дар бораи нақш ва ҷойгоҳи занон дар ҷомеа, оила, ташкилотҳои динӣ ва ғайра метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд. Аз як тараф, тафсири консервативии ҳуқуқи занони мусулмон вуҷуд дорад, ки онҳоро танҳо ба соҳаи хонагӣ мепайвандад ва баръакс, ақидае низ вуҷуд дорад, ки ислом ба занон барои худшиносӣ имкониятҳои васеъ ва ҳадди аққал заминаи қонунӣ ва фарҳангиро барои баробарии воқеии гендерӣ фароҳам меорад.[173]

Ҳамин тариқ, анъанаи асримиёнагии фалсафаи исломӣ фаҳмиши дуалистии мавҷудот ва инсонро дар категорияҳо, ба монанди рӯҳ, модда, бадан, ҷон, сабаб, натиҷа ва ғайра тасдиқ мекунад. Тибқи фаҳмиши мазкур, мард бо сабаб, рӯҳ ва ҷон ва зан бо натиҷа, модда ҷисм нисбат дода мешавад. Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, ба мисли бисёре аз низомҳои фалсафии он замон, ақл, оқилӣ ва қобилияти шинохти ҳақиқат сифатҳои хоси мардон ҳисобида мешуданд, ки ин «ба тасдиқи андросентризм ва маскулинизм ҳамчун принсипҳои низомсозии мафҳумҳои фалсафии метафизикӣ»[174] оварда расонидааст.

---

[171] Mernissi F., Beyond the Veil: Male-female Dynamics in Modern Muslim Society. –С. 44.
[172] Этин Анвар. Ҷинсият ва шахсият дар Ислом. –С. 35.
[173] Этин Анвар. Хамон асар. –С. 54.
[174] Воронина О.А. Оппозиция духа и материи//Вопросы философии. 2007. № 2. –С. 18.

Бо ҳамин тартиб, фалсафаи асримиёнагии тоҷик аз дуализми принсипҳои занона-эмотсионалӣ ва мардона-оқилона берун нарафтааст ва дар ташаккули парадигмаҳои минбаъдаи фарҳангӣ ва назариявии марбут ба зан ва мард таъсири калон гузоштааст. Дар пайомади чунин фаҳмиш, фалсафаи асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла, машшоияи шарқӣ, назарияи такрористеҳсолкунии худро ба вуҷуд овард, ки дар он занон нақши камтар доштанд ва вазифаи асосии ташаккулдиҳандаю низомсоз ба мард тааллуқ дошт. Парадигмаи назариявии ғояҳо дар бораи мардон ва занон дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик тибқи анъанаи қадимаи юнонӣ аристотелии фаҳмиши зан ҳамчун мавҷудоти дуюмдараҷа ва ба ҳайси мавод барои «шакл» принсипи мардона хизматрасонанда, инчунин, таъсири ақида дар бораи ноқису нокомил будани зан, ки дар натиҷаи тафсири мардмеҳваронаи ояти қуръонӣ дар бораи «аз қабурғаи шикастаи Одам офарида шудани зан» (сураи «Юсуф», ояти 28) ташаккул ёфтааст. Ҳамин тавр, фалсафаи асримиёнвагии тоҷик, махсусан мактаби машшоияи шарқӣ, дар пайравӣ аз сарчашмаҳои ғоявии худ назарияи патриархалии нақш ва мақоми иҷтимоии занро ривоҷ дода, ақидаи зарурати назорати куллии зан аз ҷониби мардро тасдиқ ва асоснок карда, ба ин тариқ, барои ба тавре васеъ дар фарҳангҳои миллатҳо ва ҷомеаҳои исломӣ густариш ёфтани ин қабил ақидаҳо мусоидат намуд.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзӯи рисолаи илмиро ҷамъбаст намуда, хулосаҳои зеринро баён кардан мумкин аст:

1. Дар даврони бостонӣ ва асримиёнагӣ омили таъйинкунандаи вазъи ҳуқуқию иҷтимоии занон дар ҷомеаҳо ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон таълимотҳои динӣ ба шумор мерафтанд. Чи тавре, ки таҳлили муқоисавии таълимоти, зардуштӣ ва ислом оид ба зан нишон медиҳад, воқеан ҳам таълимоти антропологӣ ва иҷтимоию сиёсии аксарияти динҳои ҷаҳонию миллӣ, ки дар гузашта ба ҳайси як ҷаҳонбинӣ ва мафкураи ҳукмрони ҷамъиятӣ нақш бозидаанд, ба истиснои зардуштия, хусусияти мардсолорӣ ва занситезӣ доштаанд ва ҳамин хусусият боиси нисбат ба нақшу мақоми мардҳо тангу маҳдуд шудани ҷойгоҳ ва нақши иҷтимоии занон шудааст.

2. Чунин хусусияти мардсолорона ва муносибати нобоваронаю танқидӣ, нобоварона нисбат ба зан алалхусус, дар таълимоти «Библия» оид ба зан ба таври равшан таҷассум ёфтааст. Масалан, дар ин китоби муқаддас (Аҳди Қадим, китоби якуми Мӯсо: фасли 3, ояти 16), таъкид шудааст, ки занон бояд то қиёмат муҳтамили дарду ранҷ бошанд ва зери итоату фармони мардон қарор гиранд: «Ба зан гуфт: «заҳмати туро бо дарду ранҷи ҳомиладорӣ меафзоям, бо дарду ранҷ тифлонатро таваллуд кун, ва шавқу рағбати ту ба шавҳарат хоҳад буд ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард»[175].

Ҳамчунин, аз мазмуни як ояти Библия (Аҳди Қадим, китоби якуми Мӯсо, фасли 2, оятҳои 21-22) чунин бармеояд, ки зан рақобатпазири мард нест, балки як фаръи тобеъи мард аст, ки аз як қабурғаи мард офарида шудааст: «Ва Худованд хоби гарон бар Одам муставлӣ гардонд, то (Одам) бихуфт ва яке аз қабурғаҳояшро гирифт ва гӯшт дар ҷояш пур кард. Ва Худованд он қабурғаро, ки аз Одам гирифта буд, зане бино

[175] Библия. Книги священного писания Ветхого и Нового Завета. М.: Российское библейское общество, 1994. –С. 11.

кард ва вайро ба назди Одам овард». Ин оятҳои библиёӣ, ба андешаи аксарияти муҳаққиқони диншинос, боиси дар гузашта мустаҳкам шудани низоми мардсолорӣ ва тангу маҳдуд шудани мақом ва нақши иҷтимоии занон шудааст. Чунин андеша дар байни муҳаққиқони замони шӯравии таърих ва фалсафаи дин хеле маъмул буд.

3. Дар баробари ин, тибқи андешаи гурӯҳи дигари муҳаққиқон, дар сарчашмаҳои хаттии дини яҳудӣ матнҳое низ ҷой доранд, ки мазмуни онҳо хилофи фикри боло мебошад. Масалан, дар Таврот гуфта шудааст, ки Худованд мард ва занро шабеҳи худаш офарид[176].

Пас, ҳам мард, ва ҳам зан баробар сирату симои илоҳӣ дошта, уҳдадори тасхиру мутеъи худ кардани олами моддӣ мебошанд. Илова бар ин, тибқи андешаи ин гурӯҳи муҳаққиқон, занони яҳудӣ дар замони қадим дар таърихи иҷтимоӣ-сиёсии қавми яҳуд низ саҳми бузург гузоштаанд. Масалан, яке аз се нафар роҳбарони қавми яҳуд, ки дар наҷот додани яҳудиён аз асорати фиръавнҳои Миср нақши бузур иҷро кардааст, Марям, хоҳарбузурги Ҳорун ва Мӯсо буд.

4. Таҳлили муқоисавии таълимоти динҳои гуногун оид ба зан собит менамояд, ки дар воқеъ, дар таълимоти ноби дини зардуштӣ ва дини мубини ислом, нисбат ба таълимоти динҳои дигар, занон аз ҳуқуқу озодиҳои бештаре бархӯрдор мебошанд. Яъне дар Авесто ва Қуръон бархилофи китобҳои муқаддаси динҳои яҳудӣ ва насронӣ, зан на ҳамчун «махлуқи гунаҳкор» ва беҳуқуқ, балки ҳамчун инсони дорои шахсият, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ тавсиф шуда, аз лиҳози қобилияту истеъдодҳо ва қувваҳои ақлонию нафсонӣ аз мард ҳеҷ камӣ надорад. Мақом ва шаъну манзалате, ки ислом ба занон дод ва ҳуқуқу озодиҳое, ки ба онҳо муқаррар кард, он қадар воло ва арҷманд буд, ки ҳатто то яксаду панҷоҳ сол пеш аз замони мо, занони ғарбӣ аз он имтиёзот ва арҷгузориҳо бенасиб буданд. Ислом ба занон шахсият ва истиқлоли иродаро арзонӣ дошт ва духтарони мусулмон дар садаи ҳафтуми мелодӣ аз як силсила ҳуқуқу озодҳое баҳраманд шуданд, ки

[176] Библия. Ҳамон ҷо

духтарони ғарбӣ то садаи шонздаҳум аз онҳо маҳрум буданд. Вале баъдан таҳти таъсири омилҳои гуногун ҳуқуқу озодиҳои зан дар ҷомеа таҳти фишор ва таъзиф қарор гирифтааст **[1-М]**.

5. Мутаассифона, ғояи инсонгароёна ва зиддимардмеҳварии авестоӣ ва қуръонӣ дар афкори асримиёнагии фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик чандон ҳам пурра инъикос наёфтааст. Бархе мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик, аз ҷумла, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ зимни шарҳи моҳият ва мақоми зан ҳам аз таълимоти Қуръону Ҳадис, ҳам аз афкори Арасту пайравӣ кардаанд, ки ӯ мардҳоро зотан аз занҳо оқилтар медонист ва бо ҳамин далел мегуфт, ки мардҳо бояд бо ҳамсарон, бардаҳо ва кӯдакон раёсат кунанд. Ба эътиқоди Арасту, мардҳо пурҳарорат, гарммиҷоз ва фоил ҳастанд занҳо бошанд, баръакс, беҳарорат, сардмиҷоз ва ғайрифаъол мебошанд. Ин андешаи Арасту аввал ба афкори файласуфони яҳудию насронӣ, сипас ба таълимоти мутафаккирони исломӣ таъсири амиқ расонидааст. Масалан, чунин фаҳмиши моҳияти занро Филон – файласуф ва илоҳиётшиноси яҳудӣ дар асри якуми мелодӣ боз ҳам таҳвият дода, таълимоти Таврот (Аҳди қадим)-ро дар бораи пайдоиши инсон тавре тафсир намуд, ки тибқи он Одам намуд ва тамсиле аз хирад ва ақл ва Ҳаво намуд ва тамсиле аз дарёфти ҳиссӣ мебошанд. Яъне, Филон мардро мазҳари ақлу хирад ва занро мазҳари қувваҳои ҳиссӣ эълон намуд. Аз мазмуни ин таъбирҳо маълум мешавад, ки мутафаккирони юнонӣ ва насронӣ занро аз ақлу хирад ва қобилияти дарки ақлонии ҳақиқат ва падидаҳои олам оҷиз ва нотавон меҳисобиданд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳамин тарзи тафаккур роҷеъ ба моҳияти зан то ҳадде дар афкор ва осори бархе аз файласуфони асримиёнагии мусулмон, азҷумла, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ низ таъсир гузошта аст. Аз ин рӯ, онҳо дар пайравӣ аз Арасту, зимни муқобалагузории зан бо мард ва тавсифи муносибати байни мард ва зан мардро бо сабаб, рӯҳ ва ҷон, ва занро бо натиҷа, мода ва ҷисм айнияти додаанд. Дар асоси ҳамин ин далелҳои фалсафӣ-

метафизикӣ, мутафаккирони асримиёнагии мо як низоми иерархиявии гендериро ба вуҷуд овардаанд **[3-М]**.

6. Дар бораи ҷойгоҳи зан дар ҷомеи зардуштии Эрон ва Осиёи Марказӣ дар даврони тоисломӣ аз мундариҷаи Авесто ва дигар сарчашмаҳои динӣ-таърихӣ тасаввурот ҳосил кардан мумкин аст. Аз ҷумла, аз мазмуни таълимоти зардуштӣ дар бораи издивоҷ ҳамчун як омили муҳими рушди ҷомеаи маздопарастон (зардуштиён), зарурати бастани шартномаи никоҳ, риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои оилавӣ аз ҷониби ҳамсарон, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон ва ғайра, чунин хулосаи мантиқӣ ҳосил мешавад, ки занон дар ҷомеи бостонии зардуштиён дар муқоиса бо вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷомеаҳои дигари он замон, масалан назар ба ҷомеаҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ, мақоми нисбатан шоистаи иҷтимоӣ ва вазъи нисбатан беҳтари ҳуқуқӣ доштанд **[2-М]**.

7. Дар таҳаввули мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик оид ба зан дар асрҳои миёна нақши таълимоти Қуръон ва Ҳадис, инчунин, таълимоти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва фақеҳони бузурги мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин фарҳанги тоисломии тоҷикон ҳамчун омили асосӣ таъсири бузург гузоштаанд. Нақш ва таъсири ин омилро алалхусус, дар андешаҳои намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва тариқатҳои тасаввуф ба таври равшан дарк кардан мумкин аст. Чунончӣ, Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯси, бо вуҷуди дар масоили фалсафаи назарӣ ва баъзе мабҳасҳои фалсафаи амалӣ пайрави Арасту буданашон, дар масоили оилавӣ, муносибати байни ҳамсарон, мақом ва нақши зан дар оила ва ҷомеа, ғолибан ба манобеи исломӣ такя кардаанд. Маншаи асосии таълимоти орифони асримиёнагии тоҷик (азҷумла Саноию Аттор ва Ҷомӣ) дар бораи ҷойгоҳ ва нақши иҷтимоии зан низ Қуръону Ҳадис мебошанд.

8. Бояд қайд кард, ки дар афкори динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа ду навъ дидгоҳ вуҷуд дорад: яке дидгоҳи мусбат ва дигарӣ дидгоҳи манфӣ. Тибқи дидгоҳи мусбат, зан ҳамчун модар, ҳамсар, тавлидкунанда ва мураббию

парваришгари фарзанд мавриди эҳтирому ситоиш қарор дорад. Ин дидгоҳ аз ҳама бештар аз сарчашмаҳои зардуштӣ ва исломӣ маншаъ гирифта ва зуҳур кардааст. Тибқи дидгоҳи манфӣ бошад, зан як мавҷуди ноқисулақл ва эҳсосотӣ мебошад, ки ҳам аз лиҳози қувваҳои ҷисмонӣ, ҳам аз лиҳози қувваю қобилиятҳои ақлонӣ аз мард паст мебошад ва ба роҳбарию назорати мард мӯҳтоҷ аст. Ин дидгоҳи мардсолорона ва занситезона бештар дар сарчашмаҳои динҳои яҳудию насронӣ ва афкори Арасту ба назар мерасад **[1-М]**.

9. Дар андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ оид ба зан навъе раванд ё сайри таназзулии андешаи мактаби машшоияи шарқӣ дар бораи мақом ва нақши зан мушоҳида мешавад. Дар андешаи Форобӣ ғояи баробарии байни зан ва мард дар ифои нақшҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ ифода ёфтааст, вале дар андешаи Насируддини Тӯсӣ нақшҳои хонаводагӣ ва иҷтимоии зан ва мард баробар нестанд, балки зан ҳамеша дар зери фармони мард аст ва ҳама кору вазифаҳояшро дар ҳудуди хона ва бо иҷозату ризоияти шавҳараш ба иҷро мерасонад. Андешаи Ибни Сино, ки ҳалқаи воситаи байни ин ду аст, як навъ синтези андешаи фалсафӣ ва динӣ, ҳикмат ва диёнатро инъикос мекунад. Нигоҳи Форобӣ ба зан бештар инсонгароёна, фазилатмеҳвар ва фориғ аз ҷинсият мебошад. Форобӣ ҷойгоҳ ва нақшу вазифаҳои мард ва занро на бар асоси ҷинсият, балки бар асоси фазилат ва бартарии ахлоқӣ таъриф мекунад. Дар муқоиса бо Форобӣ, андешаҳои Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ аз манобеи динӣ таъсири бештар гирифтаанд. Вале андешаи Ибни Сино нисбат ба андешаҳои Насируддини Тӯсӣ бо таълимоти исломӣ ҳамоҳангӣ ва қаробати бештар доранд **[4-М]** .

10. Дидгоҳҳои мусбату манфӣ нисбат ба зан барои орифони асримиёнагии тоҷик низ хос мебошанд. Ҳам Саноию Аттор, ҳам Ҷомӣ, ҳам соири шоирону орифони бузург ҷойе занони покдоману бофазилатро мавриди ситоиш қарор додаанд, ҷойи дигар мардҳоро ҷиҳати эҳтиёт кардан ва наафтодан ба доми дасисаи занони маккораву ғаддор маслиҳат додаанд. Метавон гуфт, ки чунин дидгоҳи нобоваронаю

манфии орифон нисбат ба зан натиҷаи таъсирпазирии онҳо аз мафкураи дар тамоми ҷаҳони асримиёнагӣ ҳукмрони мардсолорани ҷамъиятӣ ва воқеиятҳои иҷтимоии замони онҳост.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Дар таҳқиқот тавсияҳое пешниҳод гаштаанд, ки аз назари мо, ба такомули масъалаҳои таълиму тарбия дар замони муосир мусоидат менамоянд:

- натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои шинохти ду фарҳанг – фарҳанги исломӣ ва ғарбиаврупоӣ муфид бошад ва барои шинохтан ва баланд бардоштани мавқеъи иҷтимоии зан мусоидат намоянд;

- Барои баҳои воқеӣ ва мунсифона додан ба ҷойгоҳи зан дар ин ё он дин ё ҷомеаи миллӣ-динӣ, таҳлили мухтасару муқоисавии таълимоти динҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ зарур мебошад;

- Андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ оид ба мақоми иҷтимоии зан, ки имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд, ба таври алоҳида ва муфассал омӯхта шуда, дар раванди таълим дар макотиби умумӣ таълим дода шаванд.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

[1]. Абдильдин, Ж.М., Бурабаев, М.С. Социальные, этические и эстетические взгляды аль-Фараби [Текст] / Ж.М. Абдильдин, М.С. Бурабаев и др. – Алма-Ата: «Наука», 1984. – 128 с.

[2]. Абу Али ибн Сина. Избранные произведения [Текст] / Абу Али ибн Сина. -Т. 1. – Душанбе, 1980. – 364 с.

[3]. Абу Али Ибн Сина. Избранное [Текст] / Абу Али ибн Сина. – Душанбе, 2003. – 190с.

[4]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн] / Абӯалӣ ибни Сино. -Ҷ. 2. – Душанбе: «Дониш», 2005, – 802 с.

[5]. Абӯабдуллоҳ, М.Б. Саҳеҳ ал-Бухорӣ [Матн] / М.Б. Абӯабдуллоҳ. – Душанбе: «Эр-граф», 2008. – 485 с. (аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров ва Ф. Бобоев)

[6]. Фирдавсӣ, А.. Шоҳнома [Матн] / А. Фирдавсӣ. -Ҷ. 2. – Душанбе: «Адиб», 2007. – 480 с.

[7]. Авеста. Избранные гимны [Текст] / Перев. с авестийского и коммент. проф. И.М. Стеблин-Каменского. – Душанбе: «Адиб», 1990.

[8]. Авасто. Ясно, Готҳо, Яштҳо, Виспарад, Хурда Авасто [Матн] / Тарҷума ва таҳқиқи Ҳошим Розӣ. – Теҳрон, 1984. – 322 с.

[9]. Авесто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ [Матн] / Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дустхоҳ. – Душанбе: «Қонуният», 2001.

[10]. Ала‘а Х. Влияние древнегреческой философии на становлении педагогических взглядов аль-Фараби [Текст] / Ала‘а Х. // Социальная педагогика: теория и практика. – 2013. – № 1. -С.96-99

[11]. Аль-Фараби. Слово о классификации наук [Текст] / Аль-Фараби // Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – 429 с.

[12]. Аль-Фараби. Указание пути к счастью [Текст] / Аль-Фараби // Социально-этические трактаты. – Алма-Ата. 1973. – 398 с.

[13]. Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города [Текст] / Аль-Фараби // Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – 429 с.

[14]. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата, – 1973. – 398 с.

[15]. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты [Текст] / Аль-Фараби. – Алма-Ата, 1985. – 622 с.

[16]. Ал-Фараби. Таҳсил ас-саʻадат (Приобретание счастья) [Матн] / Ал-Фараби. – Теҳрон, 1345х. – 175 с.

[17]. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-дарьи) [Текст] / М.С.Андреев. // Труды Института истории, археологии и этнографии АН Тадж. ССР. – Сталинабад, 1953. – С. 120-128.

[18]. Античная культура. Словарь-справочник [Текст] / Под редакцией Ярко. – М., 1995. – 383 с.

[19]. Арабзода, Н. Мир идей и размышлений Носира Хусрава [Текст] / Н. Арабзода. – Душанбе, 2003. – 239 с.

[20]. Арабзода, Н. Исмаилитская философия Носира Хусрава [Текст] / Н. Арабзода.– Душанбе: «Ирфон», 1997. – 306 с.

[21]. Ардавирафнома. Биҳишт ва дӯзах дар ойини маздоясно [Матн] // Пешгуфтор ва тарҷумаи Раҳим Ориф. –Тӯс, 1372 ҳ.

[22]. Аристотель. О возникновении животных [Текст] / Аристотель. – М., 1940. – 250 с.

[23]. Аристотель. Большая этика [Текст] / Аристотель // Соч. в 4т. – М.: «Мысль», 1983. – 654 с.

[24]. Аристотель. Никомах ва этика [Текст] / Алистотель. 1908. – 478 с.

[25]. Аристотель. О душе [Текст] / Аристотель // Соч.: В 4 т. Т. 1.– М., 1975. – 329 с.

[26]. Аристотель. Политика [Текст] / Аристотель // Соч. в 4т. – М.: «Мысль», 1983. – Т.4. – 644с.

[27]. Ар-Рази Абу Бакр. Духовная медицина [Текст] / Ар-Рази Абу Бакр // Пер. с араб. Т. Мардонова.– Душанбе: «Ирфон», 1990. – 88с

[28]. Асмус, В.Ф. История античной философии [Текст] / В.Ф. Асмус. – М., 1968. – 453 с.

[29]. Асмус, В.Ф. Античная философия [Текст] / В.Ф. Асмус. – М., 1999. – 400 с.

[30]. Атаев, А.М. Проблема человека в «Шахнаме» [Текст] / А.М. Атаев // Монография. – Душанбе: 2015. – 255 с.

[31]. Ашуров, Г. Философия эпохи Саманидов [Текст] / Г.Ашуров – Душанбе, 2006. – 220с.

[32]. Афросиёбпур, А. Заношӯи дар Ислом [Матн] / А. Афросиёбпур. – Теҳрон, 1389 ҳ. – 197 с.

[33]. Бартолемей, К. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ [Матн] / К.Бартолемей. – Теҳрон, 1337. –82 с.

[34]. Бенвенист. Дини эронӣ [Текст] / Бенвенист. – Табрез, 1350. –175 с.

[35]. Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье [Текст] / Е.А. Беляев. – М: «Наука», 1966. – 280 с.

[36]. Беляев, Б.А. Мусульманское сектантство [Текст] / Б.А. Беляев. – М., 1957. – 100 с.

[37]. Бичурин, Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена [Текст] / Н.Я. Бичурин. -Т.2. – М., 1950. – 389 с.

[38]. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. – Сталинабад, 1961. – 234 с.

[39]. Бойс, М. Зороастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / М.Бойс. – М.: «Наука», 1987. – 301 с.

[40]. Босворт, К.Э. Мусульманские династии [Текст] / К.Э. Босворт // Справочник по хронологии и генеалогии. – М.: «Наука», 1971. – 326 с.

[41]. Брагинский, И.С. От Авесты до Айни [Текст] / И.С. Брагинский. – Душанбе: «Ирфон», 1981. – 256 с.

[42]. Брагинский, И.С. Древнеиранская литература [Текст] / И.С.Брагинский // История всемирной литературы. – М.: «Наука», 1983. – 584 с.

[43]. Бундахишн (Сотворение основы) и другие Пезендские тексты // Зороастрийские тексты [Текст] // Под. ред. О.М.Чунаковой. – М., 1997. – 549 с.

[44]. Буриев, И.Б. Падидаҳои ҳуқуқи ҷиноӣ дар таълимоти Зардушт [Текст] / И.Б. Буриев // Замимаи маҷаллаи «Фирӯза», 2003.№ 2. – С. 22-24.

[45]. Вандидод. Тарҷума, вожанома ва ёддоштҳои Ҳошим Розӣ. -4. Ҷ. Ҷ.1. – Теҳрон, 1376. – 540 с.

[46]. Вигасин, А.А. Хрестоматия по истории Древнего Востока [Текст] / А.А. Вигасин. – М., 1997. – 390 с.

[47]. Воронина, О.А. Гендер Словарь гендерных терминов [Текст] /. О.А. Воронина. – М., 2002. – 180 с.

[48]. Воронина, О.А. Основы гендерной теории и методологии // Теория и методология гендерных исследований: курс лекций / под общ. ред. О.А. Ворониной. – М., 2001. – 743 с.

[49]. Гафуров, Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история. -Т.2. [Текст] / Б.Г.Гафуров. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 480с.

[50]. Гафуров, Б.Г., Касымжанов, А.Х. Аль-Фараби в истории мировой культуры. [Текст] / Б.Г.Гафуров, А.Х. Касымжанов. – М., 1972. – 180 с.

[51]. Гусейнов, А.А. Начальный этап античной этики // Вестник Моск. Ун-та. Сер. 8: философия. [Текст] / А.А.Гусейнов. 1973. – №4. – С.77-86.

[52]. Дадестон-е меног-е храд (Суждения Духа разума) // Зороастрийские тексты. Изд. подгот.О.М.Чунаковой /// Памятники письменности Востока. CXIV. М., 1997. – С. 10-138.

[53]. Дармстеттер, Х. Вандидод [Матн] / Х. Дармстеттер. –Теҳрон, 1384. –375 с.

[54]. Джарман, О.А. Статус женщины в Древнем Египте [Матн] / О.А. Джарман. // Из истории медицины. -Т. 1. №1. 2017. –С. 48-56.

[55]. Джумабаев, Ю. Из истории этической мысли в Средней Азии: с древнейших времен до Х1Ув. [Текст] / Ю.Джумабаев. – Ташкент, 1975.– 255 с.

[56]. Деҳлавӣ, А. Мушкоти шариф [Матн] / А.Деҳлавӣ. – Лакҳнав, 1279 ҳ.

[57]. Диноршоев, М. Ал-Фараби и развитие таджикской философии [Текст] / М. Диноршоев // Известия АН Республики Таджикистан. Серии: философия и правоведение. – 2001. – №1-4. – С.66-69.

[58]. Диноршоев, М. Критика должна быть обоснованной [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2003. №1. – С.50-54.

[59]. Диноршоев, М. Натурфилософия Ибн Сины. [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш », 1985. – 256 с.

[60]. Диноршоев, М. Компендиум философии Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш »,2010. – 346 с.

[61]. Диноршоев, М. Философия Ибн Сины [Текст] / М. Диноршоев. – Душанбе: «Дониш», 2020. – 412 с.

[62]. Додихудоев, Х. Очерки философии исмаилизма. (Общая характеристика философ. Доктрины 1Х-Х1У вв). [Текст] / Х.Додхудоев. – Душанбе: «Дониш», 1976. – 114 с.

[63]. Додихудоев, Х. Философия крестьянского бунта. [Текст] / Х.Додхудоев. – Душанбе: «Ирфон», 1987. – 432 с.

[64]. Дробницки, О.Г. Понятие морали: Историко-критический очерк. [Текст] / О.Г.Дробницкий. – М.: «Наука», 1974. – 288 с.

[65]. Дюмезил, Х. Верховные боги индоевропейцев. [Текст] / Х. Дюмезил – М., 1986. – 234 с.

[66]. Ибни, М. Сунани Ибни Моҷҷа [Матн] / Ибни Моҷҷа. –Душанбе, 2009.

[67]. Ибрагим, Т.И. Гуманистическая суть коранической антропологии [Текст] / Т.И.Ибрагимов. – М., 1997. – 211 с.

[68]. Ибрагим, Т.И. Философия калама (VII-XV вв.) [Текст] / Т.И.Ибрагим. Автореф. дисс. д-ра филос. наук. – М., 1984. – 44 с.

[69]. Иванов, В.Г. История этики древнего мира. [Текст] / В.Г.Иванов. – Унта, 1980. – 223 с.

[70]. Идибеков, Н. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. [Текст] / Н.Идибеков. – Душанбе: «Дониш», 1987. – 92 с.

[71]. Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока IX-XIVвв. // перевод А.В.Сагадеева и др. Ред.: С.Н.Григорян. – М., 1961. – 634 с.

[72]. Ислам. Энциклопедический словарь [Матн] / Ислам. – М., 1991. – 315 с

[73]. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. -Т. I. – Душанбе, 2010. – 503 с.

[74]. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. -Т. II. – Душанбе, 2012. – 787 с.

[75]. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века. -Т. III. – Душанбе, 2013. – 967 с.

[76]. История политических и правовых учений: Средние века и Возрождение. Учеб.для вузов. – М., 1986. – 346 с.

[77]. История философии. В 4т. -Т.l.– М., 1957. – 717 с.

[78]. Кимилев, Ю.А. Современная западная философия религии. [Текст] / Ю.А.Кимилов. – М.: «Мысль», 1989. – 285 с.

[79]. Кимилев, Ю.А., Полякова, Н.Т. Наука и религия: историко-культурный очерк. [Текст] / Ю.А.Кимилов, Н.Т.Поляков. – М.: «Наука», 1988. – 176 с.

[80]. Кисляков, Н.А. Семья и брак у таджиков [Текст] / Н.А. Кисляков. – М., 1959. –211 с.

[81]. Кныш, А. Тасаввуф и Ислам: энциклопедический словарь. [Текст] / А.Кныш. – М.: «Наука», 1991. – 342 с.

[82]. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999.

[83]. Комилов, Р. Социально-утопические учения в истории таджикской философии ХШ-ХУ вв. [Текст] / Р.Комилов. – Душанбе, 1993. – 113 с.

[84]. Комилов, Р. Социально-утопические учения в истории таджикско-персидской культуры. [Текст] / Р.Комилов.– Душанбе, 2001. – 217 с.

[85]. Коран. // Пер. с араб, и коммент [Текст] / И.Ю. Крачковского. – М.: «Наука», 1986. – 727 с.

[86]. Коянбаев, Т.Р. Античная философская традиция в арабо-мусульманской средневековой культуре и философия аль-Фараби [Текст] / Т.Р.Коянбаев. – Алма-Ата, 2003. – №2. – С.72-83.

[87]. Кристенсен, А. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристенсен. – Теҳрон, 1385. – 464 с.

[88]. Кристенсен, А. Каёниён [Матн] / А. Кристенсен. – Теҳрон, 1331 ҳ. – 450 с.

[89]. Крылев, И.А. История религий. -Т.2. [Текст] / И.А.Крылов. – М.: «Мысль», 1976. – 422 с.

[90]. Крымский, А.Е. История мусульманства [Текст] / А.Е.Крымский. – М., 1904. – 137 с.

[91]. Қуръони карим. // тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти [Матн] – М. Умаров. – Душанбе: «Эр-граф», 2011.

[92]. Лей, Г. Очерки истории средневекового материализма. [Матн] / Г.Лей – М., 1962. – 586 с.

[93]. Мазоҳирӣ, А. Хонаводаи эронӣ дар рӯзгори пеш аз ислом // Муаллифи тарҷума аз фаронсавӣ ба форсӣ [Матн] / А.Мазоҳирӣ. – Теҳрон, 1373. – 216 с.

[94]. Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /. – Душанбе, 2017.

[95]. Маркс, К., Энгельс, Ф. //Сочинения [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгельс. - Т.20. – М., 1961. – 827 с.

[96]. Маркс, К., Энгельс, Ф. //Сочинения [Текст] / К.Маркс, Ф.Энгельс. - Т.1. – М., 1955. – 698 с.

[97]. Маҳмадов, А. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳлили давлатдории миллӣ [Матн] /А.Маҳмадов. – Душанбе, 2016. – 134 с.

[98]. Маҳмаҷонова, М.Т. Этические взгляды Джалолуддина Руми. [Текст] / М.Т.Махмаджонов. – Душанбе, 2001. – 165 с.

[99]. Машанов, А.Ж. Исследование трудов Фараби в Казахстане [Текст] / А.Ж.Машанов //Возвращение Учителя. О жизни и творчестве Фараби. – Алма-Ата, 1975. – 200 с.

[100]. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А.Мец. – М.: «Наука», 1973. – 473 с.

[101]. Милетт, К. Теория сексуальной политики [Текст] / К. Милетт // Вопросы философии. 1994. № 9. – С. 167-169.

[102]. Мосакова, Е.А. Транформация института брака: от Древней Руси до наших дней // Экономика и управление: проблемы и решения. -Т.1. №8. –М.: «Научная библиотека», 2016. – С.99-107.

[103]. Муин, М. Маздоясно ва адаби порсӣ [Матн] / М.Муин. – Теҳрон, 1363. -Ҷ.1. –484 с. Ҷ.2. – 521 с.

[107] Муминджанов, Х. Философские проблемы зороастризма [Текст] / Х.Муминджанов. – Душанбе, 2000.

[104]. Муминзода, Ҳ. Зардушт ва оини ӯ [Матн] / Ҳ. Муминзода. – Душанбе, 1997. – 197 с.

[105]. Муртазо, С. Шоҳаншоҳии Сосонӣ [Текст] / С.Муртазо. – Теҳрон, 1365 ҳ. – 326 с.

[106]. Мутаҳҳарӣ, М.М. Исламское мировоззрение. [Текст] / М.М.Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1995. – 81 с.

[107]. Мутаҳҳарӣ, М.М. Знакомство с исламскими науками // [Текст] / М.М.Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 2004. – 204 с.

[108]. Мухтасари Саҳеҳи ал-Бухорӣ. – Душанбе, 1996.

[109]. Мухаммедходжаев, А. Аль-Фараби и суфизм. [Текст] / А.Мухаммедходжаев // Аль-Фараби и развитие науки и культуры стран Востока. Тезисы докладов. – Алма-Ата, 1975. – С.32-35.

[110]. Мухаммадходжаев, А. Идеология накшбандизма. [Текст] / А.Мухаммедходжаев. – Душанбе, 1991. – 230 с.

[111]. Мухаммадходжаев, А. Гносеология суфизма. [Текст] / А.Мухаммедходжаев. – Душанбе, 1990. – 112 с.

[112]. Наставления Адурбада сына Махраспанда // Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийскик назидательные тексты. Введ., транскрипция тестов, перев., коммент., глоссарий О.М.Чунаковой. – М., 1991. – С.77-82.

[113]. Наставление (памятка) Бузургмихра // Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийскик назидательные тексты. Введ., транскрипция тестов, перев., коммент., глоссарий О.М.Чунаковой. – М., 1991. – С. 86-93.

[114]. Нуралиев, Ю. Медицина и экология в Авесте [Текст] / Ю.Нуралиев // Авеста в истории культуры Центральной Азии. – Душанбе, 2001.

[115]. Обидина, Ю.С. Специфика гендерных ролей в античном полисе: роль греческой драмы в становлении женской идентичности // Вестник Марийского государственного университета. 2014. № 1 (13). – С. 150-153.

[116]. Орлов, Е.Н. Сократ; Платон; Аристотель; Бруно: [Текст] / Е.Н. Орлов // биографические очерки (переиздание биографической библиотеки Ф.Ф. Павленкова), СПб, ЛИО Редактор, 1995 г., с. 124-126.

[117]. Первая ночь // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона. – М., 1992.

[118]. Перепелкин, Ю.А. История Древнего Египта [Текст] / Ю.А.Перепелкин. 2000. – 560 с.

[119]. Периханян, А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды [Текст] / А.Г.Периханян. – М., 1983. –383 с.

[120]. Платон. Государство // Платон. Диалоги / пер. с древнегр. С.Я. Шейнман-Топштейн / под ред. А.Ф. Лосева. – М., 1986. – С. 8-114.

[121]. Рассел, Б. История западной философии. В 4-х [Текст] / Б.Рассел. Пер. с англ., подгот. текста В.В.Целищева. – СПб.: Азбука, 2001. – 539 с.

[122]. Рахимов, М. Философия человека Абуали Ибн (Авиценны). [Текст] / М.Рахимов. – Душанбе,2005. – 339 с.

[123]. Рахматуллин, Р.Ю. Суфийская антропология [Текст] / Р.Ю.Рахматуллин // Исламоведение. №1.– 2013. – С. 64-74

[124]. Рахматуллин, Р.Ю. Кораническая антропология [Текст] / Р.Ю.Рахматуллин // Молодой ученый. №10 (69). – 2014. – С. 561-563.

[125]. Рахмонов, Э.Ш. Родина Заратуштры и явления пророка // Зороастризм и его значение в развитии цивилизаций народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003.

[126]. Рашшод, М. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / М.Рашшод. – Душанбе, 1990. – 325 с.

[127]. Рационалистическая традиция и современность: Ближний и Средний Восток. – М.: «Наука», 1990. – 280 с.

[128]. Ризоӣ, А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А.Ризоӣ. – Теҳрон, 1373. Х.1. – 345 с.

[129]. Рзаев, А.К. Этюды из истории политико-правовых учений [Текст] / Рзаев А.К. Баку, 1986. – 176 с.

[130]. Роузентал, Ф. Торжество знания [Текст] / Ф.Роузентал. – М., 1978. – 189 с.

[131]. Сагадеев, А.В. Ибн Сина [Текст] / А.В. Сагадеев. – М., 1980. – 219 с.

[132]. Садаев, Д.Ч. История Древней Ассирии [Текст] / Д.Ч.Садаев – М.: «Наука», 1979. – С.165-166.

[133]. Саймиддинов, Д. Адабиёти паҳлавӣ // Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2003.

[134]. Сатторӣ, Ҷ. Ишқи сӯфиёна [Матн] / Ҷ.Сатторӣ. – Теҳрон, 1389. – 220 с.

[135]. Струве, В.В. Религия персов и надпись Ксеркса о «Дэвах» // Этюды по истории Северного Причемнеморья, Кавказа и Средней Азии. Л., 1968. – С.115-146.

[136]. Сухарева, О.А. Мать и ребенок у таджиков [Текст] / О.А. Сухарева. -Т.3.. –Тегеран, 1929. – 311 с.

[137]. Табаров, С. Оила ва вазифаҳои хонадорӣ аз назари Абдурауфи Фитрат [Матн] / С.Табаров. – Душанбе, 2003. – 225 с.

[138]. Тахиров, Ф.Т., Халиков, А.Г. Декларация великого Кира как исторический источник о правах и свободах человека [Текст] / Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации Сб.ст. – Душанбе, 2002. – С.115-131.

[139]. Тахиров, Ф.Т., Халиков А.Г. Шариат: правовая регламентация брачно-семейных и наследственных отношений [Текст] / Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. – Душанбе, 2001 – 179 с.

[140]. Тоҳирӣ, А. Таърихи сиёсию иҷтимоии Эрон аз марги Темур то марги шоҳ Аббос [Матн] / А.Тоҳирӣ. – Теҳрон, 1349 ҳ. – 578 с.

[141]. Фаррухмарди, Б. Мотикони ҳазор додистон [Матн] / Б. Фаррухмарди. – Теҳрон, 1391 ҳ. – 451 с.

[142]. Фрай, Р. Наследие Центральной Азии [Текст] / Р.Фрай. –Душанбе, 2000. – 292 с.

[143]. Халиков, А.Г. Хадис как источник мусульманского права [Текст] / А.Г.Халиков. – Душанбе, 1998. – 124 с.

[144]. Халиков, А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право) [Текст] / А.Г.Халиков. – Душанбе: «Сарбоз», 2003. – 218 с.

[145]. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма [Текст] / А.Г.Халиков // Маориф ва фарҳанг, – Душанбе, 2005. – С.151-251.

[146]. Холиқов, А.Г. Андешаи давлати миллӣ [Матн] / А.Г.Халиков. – Душанбе: «Эр–грф», 2013. – 213 с.

[147]. Хрестоматия по истории Древнего Востока / Под. ред. М.А.Коростевцева, И.С.Кациельцона, В.И.Кузищина. М., 1980. – С. 17–73.

[148]. Ҳумон, М. Таърихи Бостони Эрон [Матн] / М.Ҳумон. – Теҳрон, 1379 ҳ. –135 с.

[149]. Ҳусайнӣ, М. Нахустин занони сӯфӣ [Матн] / М.Ҳусайнӣ. – Теҳрон, 1358 ҳ. – 198 с.

[150]. Шамолов, А.А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насириддина Туси. [Текст] / А.А.Шамолов. – Душанбе: «Ирфон», 1994. – 180 с.

[151]. Шамолов, А.А. Таърихи динҳо [Матн] / А.А.Шамолов. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 311 с.

[152]. Шибаршина, О.Ю. Гендерные модели мифологических систем Европы и современность // Научный Вестник МГТУ ГА. 2014. № 203. – С. 85-90.

[153]. Шиммел, А.,000 Зан дар ирфон ва тасаввуфи исломӣ [Матн] / А. Шиммел. – Теҳрон, 1381 ҳ. –302 с.

[154]. Эмомалӣ, Р. Дин ва ҷомеа [Матн] / Р.Эмомалӣ. – Душанбе, 2013. – 223 с.

[155]. Якубов, Ю. К проблеме времени и места рождения Заратуштрым // Авеста в истории культуры Центральной Азии. – Душанбе, 2001. – С.23–48.

[156]. Якубов, Ю. Брачные обычаи таджиков в Согде [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе, 2002.

Таҳқиқот бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва арабӣ:

[157]. Ал-Кифти. Та’рих ал-хукама’ (История мудрецов) [Матн] / Ал-Кифти. – Каир, 1982. 834 с. (на араб. яз)

[158]. Арабзода, Н. Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав. [Матн] / Н.Арабзода. – Душанбе,2003. – 257 с.

[159]. Арабзода, Н. Носири Хусрав: Тадқиқи назариёти фалсафӣ [Матн] / Н.Арабзода.. – Душанбе, 1994. – 176 с.

[160]. Аҳмади, Д. Наводир-ул-вақоеъ. -К.2. [Матн] / Д.Аҳмад. – Душанбе, 1989. –338с.

[161]. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. – Душанбе, 2002. – 618 с.

[162]. Диноршоев, М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. [Матн] / М.Диноршоев. – Душанбе, 1988. – 220 с.

[163]. Додихудоев, Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ. [Матн] / Х.Додхудоев. – Душанбе, 1989. – 289 с.

[164]. Исоев, М. Ҳикмати Амалии Мискавайҳ. [Матн] / М.Исоев. – Душанбе, 2003. – 176 с.

[165]. Касир, Х.А. Асар ал-и’тизал фи факр файласуф ал-араб ал-Кинди [Матн] / Х.А.Касир. – Басра, 2013. – 417 с.

[166]. Комилов, Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик [Матн] / Р.Комилов. – Душанбе, 2003. – 287с.

[167]. Маводи Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1150 солагии Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ таҳти унвони «Нақши Муҳаммад Абӯбакр Закариёи Розӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ». – Душанбе, 2016. – 418 с.

[168]. Маниёзов, А., Шарифов Х. Ҳакими суханвар [Матн] / А.Маниезов, Х.Шарифов. – Душанбе, 2003. – 217 с.

[169]. Мискавайҳ. Таҳзиб-ул-ахлақ ва татҳир-ул-аъроқ [Матн] / Мискавайҳ. – Бейрут, 1966. – 187 с.

[170]. Музаффарӣ, М. Антропология. [Матн] / М.Музаффарӣ.– Душанбе, 2008. – 280 с.

[171]. Музаффарӣ, М. Антропологияи ориёӣ. [Матн] / М.Музаффарӣ. – Душанбе, 2006. – 124 с.

[172]. Муҳаммад, Ғ. Насиҳат-ул-мулук. [Матн] / Ғ. Муҳаммад. –Душанбе, 1993. – 95 с.

[173]. Муъминзода, Х. Зардушт ва ойини ӯ. [Матн] / Х.Муъминзода. – Душанбе, 1993. – 137 с.

[174]. Насруллоҳ, П. Султони тариқат. [Матн] / П. Насруллоҳ. – Теҳрон, 1358 ҳ. – 207 с.

[175]. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – 197с.

[176]. Олимов, К. Аскардаев К. Абӯбакр Закариёи Розӣ-Донишманди ҷаҳоншумул. [Матн] / К.Олимов, К.Аскардаев. – Душанбе, 2016, – 32 с.

[177]. Рақабов, М. Аз таърихи афкори иҷтимоию хаёлии Шарқ. [Матн] / М.Рақабов. – Душанбе, 1998. – 164 с.

[178]. Никольсон, А. Ирфони орифони мусулмон. [Матн] / М.О.Рейролд, А.Никольсон. – Теҳрон, 1382 ҳ.

[179]. Сайд, З. Муқаддимае бар маонии ирфон ва тасаввуф. [Матн] / З.Сайд. – Теҳрон, 1372 ҳ.

[180]. Сайид, Н. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон [Матн] / Н.Сайид. – Теҳрон, 1346 ҳ.

[181]. Султонов, У. Муосирони Абӯалӣ Ибни Сино. [Матн] / У.Султонов. – Душанбе, 1980. – 76с.

[182]. Султонзода, У. Рузгор ва афкори чанд тан аз донишмандони бузург. [Матн] / У.Султонзода. – Душанбе, 2000. – 254 с.

[183]. Таърихи фалсафаи тоҷик. -5 Ҷ. Ҷ.1. – Душанбе, 2011. – 582 с.

[184]. Таърихи фалсафаи тоҷик.-5 Ҷ. Ҷ.2. – Душанбе, 2016. – 892 с.

[185]. Таърихи фалсафаи тоҷик. -5 ҷ. Ҷ.4. – Душанбе, 2019. – 800 с.

[186]. Тӯсӣ, Н.. Ахлақи Насирӣ («Насирова Этика») / Н. Туси. – Лондон, 1364 ҳ. – 420 с. (на пер. яз.)

[187]. Ҳертсфелд, Е. Зардушт ва ҷаҳони ӯ [Матн] / Е.Ҳертсфелд. -Ҷ.1. – Принстон, 1947.– 140 с.

[188]. Ҷабборов, Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш. [Матн] / Ш.Ҷабборов. – Душанбе:2005. – 192 с.

[189]. Шамолов, А.А. Каломи Мовароуннаҳр. [Матн] / А.А.Шамолов. – Душанбе, 2013. – 569 с.

Адабиёт бо забони англисӣ:

[190]. Geiger, W. Civilisation of the Eastern Iranians in Ancient Times: With an Introduction on the Avesta Religion // Translated from germany by Darab Dastur Peshotan Sanjana. Kessinger Publishing, LLC2, 2010. –312 p.

[191]. Fakhry, M. A history of Islamic philosophy. –Colambia, 1970. –42p.

[192]. Frank, R.M. Kalam and philosophy. A perspective from one problem. - In.: «Islamic philosophical theology» //Albany, State University of New York, 1979. – P.395-424p.

[193]. Wolfson, Harry A. The Philosophy of the Kalam. 1976. – 889p.

Луғатҳо ва фарҳангҳо:

[194]. Джамил, С. Ал-му‘джам ал-фалсафи (Философский словарь) [Матн] / С.Джамил. -Т.1.2. –Каир, 1978. – 768с. (на араб. яз)

[195]. Новейший словарь иностранных слов и выражений. – Минск, 2003. – 975с.

[196]. Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – 840с.

[197]. Финйанус, Г. Фалсафа ал-вуджуд ‘инда Ибн Сино (Онтология Ибн Сины) [Текст] / Г.Финйанус. – Дамаск, 1971. (на араб. яз)

[198]. Фролова, И.Т. Философский словарь [Текст] / И.Т.Фролова. – М., 1986. – 587с.

[199]. Ҳамавӣ, Ё. Му‘джам ал-булдан (Словарь стран) [Текст] / Ё.Ҳамавӣ. -Т.4. – Бейрут, 1979. (на араб. яз)

Маводҳо аз интернет:

[200]. Благие дела. Добро и зло в исламе // www / islam-Ljve / ru / 248-blagie-dela-dobro-i-zlo-v-islame.

[201]. Гарнцев, М.А. Некоторые аспекты проблемы человека в средневековой западной философии. Anthropology. rinet.ru / old / garncev. htm.

[202]. Добро, зло и ислам // islam review / ru / est-mnenie/dobru-zlo-i-islam

[203]. Журавский, А.В. Бог и человек в Коране // even texists.ru / defail / event / chelovek-i-bog-v-islame.

[204]. Кассирер, Э. Введение в философию человеческой культуры / www. countries.ru / library / culturologists / kass.htm.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Амирбекова И.Ҷ. Мақоми иҷтимоии зан дар ислом ва таъсири он ба фалсафаи машшоияи шарқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №4 Душанбе, 2021. С. 170-178.

[2-М] Амирбекова И.Ҷ. Масъалаи зан ва оиладорӣ дар таълимоти Ибни Сино // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИ ҶТ №2. Душанбе, 2021. С.67-70.

[3-М] Амирбекова И.Ҷ. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №10. Душанбе, 2020. С. 210-215.

II. Мақолаҳои нашршуда дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[4-М] Амирбекова И.Ҷ. Мулоҳизот дар бораи мақом ва нақши зан дар афкори динӣ ва фалсафии гузашта // Конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир». Душанбе 2019. – с. 297-307.